Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Нарзулло Ҷӯраев, Акбар Замонов**

# Таърихи Ӯзбекистон

## (Даври Истиқлолият)

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 11-уми муассисаҳои таълими миёна

Нашри 1-ум

Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ кардааст

Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Ғафур Ғулом
Тошканд–2018

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**UO‘K 94(575.1)(075.3)=222.8**
**KBK 63.3(5O‘)ya721**
**J 96**

**Муҳаррири масъул:**

**Раҳимов М.А.** – директори Маркази методии мувофиқгардонӣ оид ба масъалаҳои таърихи навтарини Ӯзбекистон, доктори илмҳои таърих, профессор

**Тақризчиён:**

**Маврулов А.А**. – доктори илмҳои таърих, профессор;

**Пӯлотова С.А**. – Мудири шӯъбаи Маркази методии мувофиқгардонӣ оид ба масъалаҳои таърихи навтарини Ӯзбекистон, номзади илмҳои таърих, дотсент;

**Шамсиева И.М.** – ходими калони илмии Маркази методии мувофиқгардонӣ оид ба масъалаҳои таърихи навтарини Ӯзбекистон, номзади илмҳои таърих, дотсент;

**Ҷӯраев Ӯ. О.** – Мудири шӯъбаи Маркази таълими Республика;

**Матлюбов А.А**. – директори литсейи академии назди Донишкадии иқтисодиёт ва сервиси Самарқанд, номзади илмҳои фалсафа;

**Маҳмудбоев Б.Т. –** омӯзгори фанни таърихи литсейи академии назди Донишгоҳи давлатии Гулистон;

**Ҳайдаров У.Ф.** – омӯзгори фанни таърихи мактаб-интернати ихтисосонидаи рақами 13-уми ноҳияи Бухорои вилояти Бухоро;

**Амонова Ф.С**. – омӯзгори фанни таърихи мактаби рақами 248-уми ноҳияи М.Улуғбеки шаҳри Тошканд.

**Ҷӯраев, Нарзулло.**

Тарихи Ӯзбекистон: Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 11-уми муассисаҳои таълим миёна, / Муаллиф.: Н.Ҷӯраев, А.Замонов. Нашри 1-ум. – Т.: Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Ғафур Ғулом. 2018. – 144 с.

Ин китоби дарсӣ дар асоси қарори Шӯрои илмию методии фанни таърихи назди Маркази таълими республика ва Шӯрои илмию методии Маркази методии мувофиқгардонӣ оид ба масъалаҳои таърихи навтарини Ӯзбекистон ба нашр тавсия шудааст.

**Дастнависи китоби дарсӣ дар Маркази методии мувофиқгардонӣ АФ РӮз оид ба масъалаҳои таърихи навтарини Ӯзбекистон, дар доираи лоиҳаи ПЗ-20170929749 таҳти унвони “Шароити таърихии ба истиқлол ноил шудани Ӯзбекистон: омилҳои иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодию маданӣ” таҳия шудааст.**

Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.

**UO‘K 94(575.1)(075.3)=222.8**
**KBK 63.3(5O‘)ya721**

**© Н.Ҷӯраев, А.Замонов**
**© Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Ғафур Ғулом, 2018**

**ISBN 978-9943-5294-9-6**

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# САРСУХАН

Дар солҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар таърихи Ӯзбекистон саҳифаи тамоман нав кушода шуд. Вай ҳамчун даври таърихӣ ҳодисаи гардиши куллиро боз намуд. Солҳои охири шароити сохти советӣ (шӯравӣ) дар Ӯзбекистон ва даври тараққиёти мустақил дар таърихи чандинҳазорсолаи халқамон бо мазмун ва моҳияти худ, суръати ҷараёнҳо ва шиддатнокии воқеаву ҳодисаҳо фарқ менамояд.

Дар китоби дарсӣ ба истиқлоли давлатӣ расидани Ӯзбекистон, татбиқи амалии ислоҳоти сиёсӣ дар даври гузариш ба ҷамъияти нав, барпо намудани давлати демократии ҳуқуқӣ дар Ӯзбекистон, ташаккули ҷамъияти шаҳрвандӣ, тадбирҳо дар роҳи амиқсозии ислоҳоти иқтисодӣ, покшавии маънавию рӯҳӣ ва эҳёи арзишҳи миллӣ ва дар арсаи ҷаҳон ҷойи муносиби худро ёфтани Ӯзбекистон то қадри имкон ифодаи худро ёфтааст.

Дар ҳаёти халқи ӯзбек, ки роҳи тараққиёти бисёрҳазорсоларо тай намуда, баробари пешравии азими таърихӣ ба таназзулҳо ва бӯҳронҳо гувоҳ шудааст, охири асри XX-ибтидои асри XXI аҳамияти калон дорад. Айнан дар ин давр бунёдкориҳои ба амаловардаи халқамон, комёбиҳои беназири соҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию маънавӣ ба тараққиёти минбаъдаи истиқболи Ӯзбекистон ҳамчун асос хизмат мекунад. Моҳияти ин давр – тамоман сохти нав, вобаста бо тарзи нави зист, имконияти ақлии ҷавобгӯй ба талабҳои тамаддуни ҷаҳони замона, имкониятҳои интеллектуалӣ аҳамияти калон дорад. Гарчанде замони истиқлол таърихан даври на он қадар калон аст, аммо аз асорати сохти мустабид баромадан, таъмин кардани Истиқлолият ва озодии як халқи том ҷараёни бағоят зиддиятнок, таҳдиднок ва таҳлукавӣ, вале дар айни вақт шарафнок ба шумор меравад.

Мазмуну моҳият ва хусусиятҳои роҳи тайшуда дар солҳои мустақилии Республикаи Ӯзбекистон агар объективона арзёбӣ карда шавад, даври истиқлолро ба ду марҳила ҷудо намуда омӯхтан ба мақсад мувофиқ аст: **1) солҳои 1991–2016**. Дар ин давр дар роҳи гузоштани асосҳои давлатдории миллӣ ва гузариш ба иқтисодиёти бозори ҷиҳати



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

иҷтимоидошта қадамҳои нахустин гузошта шуд. Дар асоси анъанаҳои демократӣ низоми идоракунии давлати нави – ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва суд ташкил шуд ва асосҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ офарида шуд, ҷараёнҳои навсозӣ ва модернизатсияи демократӣ мушоҳида гардид. Аз ҷумла, марҳила ба марҳила гузаштан ба ҷамъияти пурқудрати шаҳрвандӣ вазифаи асосӣ муқаррар шуд. Дар натиҷаи он дар ҳаёти сиёсию иқтисодии мамлакат ҷараёнҳои демократӣ ва либерилизатсия чуқур шуданд, низоми истиқлолияти судии ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳимоякунанда мустаҳкам шуд, асосҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ инкишоф ёфт. Аз соли 2010 сар карда, масъалаи боз ҳам чуқур намудани ислоҳоти демократӣ ва модернизатсияи кишвар ба пеш гузошта шуд. Оғози он бо таҳияи Консепсияи ташаккули ҷамъияти шаҳрвандӣ дар мамлакат ва боз ҳам амиқсозии ислоҳоти демократӣ аз тарафи Нахустпрезиденти Ӯзбекистон Ислом Каримов вобаста аст. Ҳамчунин, ин давр бо боз ҳам демократӣ намудани ҳокимият ва идоракунии давлат, ислоҳи низоми суду ҳуқуқ, соҳаи ахборот, таъмини озодии сухан, такмилёбии қонунгузории интихобот, амиқ намудани ислоҳоти демократии бозор тавсиф дода мешавад. **2) солҳои баъди 2017.** Таърихи ин давр даври ислоҳоти ҷадалноку калонмиқёси ба тараққиёти стратегӣ асосёфтаи Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, ки моҳи декабри соли 2016 интихоб шуд, ба шумор меравад. Дар натиҷаи он, ба ҳаётамон истилоҳҳои нав, аз қабили “мулоқот бо халқ”, “қабулхонаҳои халқ”, “қабулхонаи виртуал”, “таҳлили танқидӣ”, “тартибу интизоми қатъӣ”, “хонаҳои арзон”, “технопаркҳо”, “ фарзанди худатро худат ҳимоя кун”, “харитаи роҳ”, “ амнияти кафолатдодашуда” пайдо шуданд ва ба қисми ҷудонопазири ҳаётамон табдил ёфтанд.

?

**Савол ва супоришҳо:**

1. Дар синфи 10-ум бо кадом даври таърих шинос шуда будед?
2. Китоби дарсии синфи 11-ум кадом даври таърихиро дар бар мегирад? Ин давр ба кадом марҳилаҳо ҷудо мешавад?
3. Хусусиятҳои асосии даври истиқлолият аз чиҳо иборат аст?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ 1. ЭЪЛОН ШУДАНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ДАР ӮЗБЕКИСТОН ОҒОЗ ЁФТАНИ ИСЛОҲОТИ ИҶТИМОИЮ СИЁСӢ

## Мавзӯи 1. Ба истиқлол ноил шудани Республикаи Ӯзбекистон

**Қабул шудани Баёнияи Истиқлолият.** 20-уми июни соли 1990 дар сессияи дуюми Шӯрои Олии РСС Ӯзбекистон Баёнияи (Декларатсияи) Мустақилии РСС Ӯзбекистон қабул карда шуд.

Дар Баёнияи Мустақилӣ чунин сатрҳо ҳастанд: “Масъулияти таърихиро барои ояндаи Ӯзбекистон чуқур ҳис намуда, бар асоси қоидаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, арзишҳои умумибашарӣ ва принсипҳои демократия, истиқлолият давлати РСС Ӯзбекистон эълон мешавад”. Ин сатрҳо қадами нахустинро дар роҳи истиқлол ифода мекард. Қабул шудани ин Баёния марҳилаи нави муборизаро барои истиқлоли Ӯзбекистон боз намуд. Зимни қабули ин Баёнияи дорои аҳамияти умумидавлатӣ депутатҳои Шӯрои Олии республика фаъолӣ нишон доданд. Дар Баёнияи Истиқлолият депутатҳо ҳуқуқи худмуайянкунии ҳар як миллатро ва ин ҳуқукро Баёния кафолат доданашро боисрор таъкид намуданд. Дар он ба инобат гирифта шудани таҷриба ва анъанаҳои бойи таърихии халқи ӯзбек дар бобати сохтмони давлатӣ ва тараққиёти маданиашон дар давоми асрҳо зикр шуд.

**Фаъол гардидан ҳаракат барои истиқлол.** 19–21 августи соли 1991 дар Иттиҳоди Шӯравӣ табаддулоти давлатӣ ба амал омад. Ҳокимияти мавҷудаи сиёсии мамлакат сарнагун карда, вазъияти фавқулодда ҷорӣ шуд ва ҳокимият ба ихтиёри Кумитаи давлати вазъияти фавқулодда (ГКЧП – Государственний комитет по чрезвычайному

**Мулоҳиза ронед!**

Дар қисми муқаддимавии “Баёнияи Истиқлолият” чунин навишта шудааст: “Шӯрои Олии Республикаи Советии Сотсиалистии Ӯзбекистон таҷрибаи таърихӣ ва анъанаҳои бойи ташаккулёфтаи сохтмони давлатии халқи ӯзбекро, ҳуқуқи мақсади олии халқи ӯзбекро, ки иборат аз таъмини ҳуқуқ худмуайянкунии тақдири ҳар як миллат аст, масъулияти таърихиро барои ояндаи Ӯзбекистон чуқур дарк карда, бар асоси чорчӯби ҳуқуқи байналмилалӣ, арзишҳои умумибашарӣ ва принсипҳои демократия истиқлолияти давлатии Республикаи Советии Сотсиалистии Ӯзбекистонро эълон менамояд”.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Аъзоёни Кумитаи давлатии вазъияти фавқулодда

положению”) гузашт. Мақсади ин кумита роҳ надодан ба мустақил шудани халқҳои муқими ҳудуди Иттифоқ буд. Дар чунин вазъият 21-уми августи соли 1991 Раёсати Шӯрои Олии РСС Ӯзбекистон, Кумитаи Марказии Партияи коммунистии Ӯзбекистон ва Девони Вазирони назди Президенти РСС Ӯзбекистон маҷлиси муштарак гузаронида, дар он қарорро бо мазмуни “ҳуҷҷатҳои зидди Конститутсия ва қонунҳои РСС Ӯзбекистон, ки ГКЧП-И СССР қабул кардааст, дар ҳудуди Ӯзбекистон амал нахоҳад кард” қабул намуданд.

25-уми августи соли 1991 Президенти РСС Ӯзбекистон боз як фармони муҳимеро қабул кард, ки барои истиқлолияти комили мамлакат нақши муҳим дошт. Дар он аз ҷумла чунин гуфта шуда буд:

“Бо назардошти вазъияти бааммаломада дар мамлакат ва бо мақсади ҳимояи манфиатҳои республика Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи бехатарии давлатии республика ба тасарруфи қонуни РСС Ӯзбекистон гузаронида шаванд. Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии СССР, ки дар ҳудуди республика ҷойгиранд, бевосита ба итоати Президенти РСС Ӯзбекистон гузарад.

Ба Раёсати Шӯрои Олии РСС Ӯзбекистон пешниҳод шавад, ки дар муддати бисёр кӯтоҳ лоиҳаи қонун дар бораи истиқлолияти давлатии республика тайёр намуда ва онро ба муҳокимаи сессияи ғайринавбатии Шӯрои Олии РСС Ӯзбекистон тақдим намояд”.

26-уми августи соли 1991 Шӯрои Олии Республикаи Ӯзбекистон дар бораи тайёр намудани лоиҳаи қонун дар бораи истиқлолияти давлатии Ӯзбекистонро ва даъват кардани сессияи Шӯрои Олӣ дар рӯзи 31-уми август қарор қабул кард.

Пленуми муштараки Кумитаи Марказии Ҳизби коммунистии Ӯзбекистон ва Кумитаи марказии назорат 28-уми август дар бораи аз тарафи Партияи коммунистии республика кандани ҳар гуна алоқа аз КМ КПСС, баромадан аз ҳамаи ташкилотҳои КПСС, ҷеғ задани намояндагони худ аз мақомоти марказии он қарор қабул кард.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Худатонро санчед!**

ГКЧП – ин...

Фармон аз 25 августи соли 1991 – ин...

20-уми июни соли 1990 – ин.. .

Баёнияи Истиқлолият – ин.....

Дар ин вазъият сессияи VI ғайринавбатии Шӯрои Олии даъвати XII РСС Ӯзбекистон 31-уми августи соли 1991 ба кори худ сар кард.

Дар сессия масъалаи “Дар бораи истиқлолияти давлатии Республикаи Ӯзбекистон” дар рӯзнома гузошта, бо ҷӯшу хурӯш муҳокима карда шуд. Дар он Нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов нукт эрод карда, оқибатҳои воқеаҳои сиёсии рӯзҳои охирини собиқ Иттифоқро таҳлил намуда, онҳо ба тақдири Ӯзбекистон низ дахлдор буданашонро асоснок карда дод. Бо назардошти ин вазъият истиқлолияти давлатии Республикаи Ӯзбекистонро эълон кард ва пешниҳод намуд, ки он бо қонуни конститутсиявии “Дар бораи асосҳои Истиқлолият” мустаҳкам карда шавад. Депутатҳои Шӯрои Олӣ пас аз муҳокимаи ҳар як модда қонунро “Дар бораи асосҳои истиқлолияти давлатии Республикаи Ӯзбекистон” қабул намуданд. Баъд “Баёноти Шӯрои Олӣ дар бораи Мустақилии давлатии Республикаи Ӯзбекистон” қабул гардид.



И.Каримов Истиқлолияти давлатии Республикаи Ӯзбекистонро эълон менамояд

Қонун “Дар бораи асосҳои истиқлолияти давлатии Республикаи Ӯзбекистон” аҳамияти бағоят калон дошта, дар асоси ин қонун ҳолати ҳуқуқии Ӯзбекистон ба куллӣ тағйир ёфт. Ин қонуне, ки аз 17



**Дар ёд доред!**

Дар қарори Шӯрои Олӣ “Дар бораи эълон кардани истиқлолияти давлатии Республикаи Ӯзбекистон”: баёноти Шӯрои Олӣ дар бораи истиқлолияти давлатии республика тасдиқ шавад ва республика минбаъд “Республикаи Ӯзбекистон” номида шавад; 1-уми сентябр ҳамчун Рӯзи истиқлолияти Республикаи Ӯзбекистон муқаррар гардад ва аз соли 1991 эътиборан ин рӯз ҳамчун рӯзи ҷашн ва истироҳат эълон шавад” гуфта муқаррар шудааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

модда иборат аст, нишонаҳои асосии соҳибихтиёрии Республикаи Ӯзбекистонро аниқ карда дод.

Агар ба он рӯзҳое, ки бо ҳарфҳои заррин дар таърихи Ватанамон навишташуда назар андозем, мебинем, ки он айём ҳукумати ҷавон ва истиқлолият Ӯзбекистон ҳуҷҷатҳои муҳими сарнавиштсозандаи тараққиёти сиёсию иҷтимоӣ ва маънавиро қабул намудааст. Масалан, 5-уми сентябр фармони Президент дар бораи майдони Мустақилӣ номида шудани майдони ба номи Ленини шаҳри Тошканд, 6 сентябр "Дар бораи ташкил намудани Вазорати мудофиаи Республикаи Ӯзбекистон" ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳими сиёсӣ аз ҷумлаи онҳоянд.

**Кори мустақилона.**

Ба донишҳоятон аз синфҳои поёнӣ такя намуда ва бо истифода аз адабиётҳои иловагӣ ҳолатҳо ва вазифаҳои майдони Мустақилиро то имрӯз тасвир намоед.

**Қабул шудани Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон.** Ӯзбекистон ба истиқлол ноил шуда, акнун зарурати бар асоси Конститутсия мустаҳкам намудани Истиқлолият ва соҳибихтиёрии (суверенитети) давлатӣ ба вуҷуд омад.

Ғояи тайёр намудани Конститутсияи нави Ӯзбекистон аввал аз тарафи Ислом Каримов моҳи марти соли 1990 пешниҳод шуд. Дар сессияи II Шӯрои Олии Республикаи Ӯзбекистон, ки 20 июни соли 1990 баргузор шуд, дар бораи таҳияи Конститутсияи нав хулоса ба вуҷуд омад. Сессия тахти сарварии Нахустпрезиденти Ӯзбекистон Ислом Каримов қарорро дар бораи таъсиси комиссияи оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсия иборат аз 64 нафар қарор қабул кард. Ба таркиби ин комиссия депутатҳои Шӯрои Олӣ, намояндагони Республикаи Қароқалпоқистон ва вилоятҳо, раҳбарони ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хоҷагӣ, олимон ва мутахассисон дохил шуданд.

Комиссияи конститутсиявӣ барои таҳияи Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон 2,5 сол кор карданд. Варианти аввалини лоиҳа моҳҳои октябр-ноябри соли 1991 тайёр шуд. Он аввал аз муқаддима, шаш фасл ва аз 158 модда иборат буд. Аз сабаби он, ки ин лоиҳа мукаммал набуд, барои он боз ҷиддитар ва серталабона кор кардан зарур шуд. Баҳори соли 1992 варианти дуюми лоиҳа иборат аз 149 модда



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

тахия шуд. Тирамоҳи соли 1992 лоиҳаи Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон барои муҳокимаи умумихалқӣ ду маротиба дар матбуот эълон карда шуд. Дар чараёни муҳокимаи умумихалқӣ беш аз 6 ҳазор пешниҳоду мулоҳиза баён гардид.

8-уми декабри соли 1992 сессияи XI Шӯрои Олии Республикаи Ӯзбекистон даъвати XII баргузор шуд. Дар он масъалаи қабул намудани Қонуни Асосӣ муҳокима шуд. Дар сеесия депутатҳо ба лоиҳа наздики 80 то тағйирот, иловаҳо ва возеҳият даров静дранд. Ҳамон рӯз сессияи XI Шӯрои Олии Республикаи Ӯзбекистон қонунҳоро “Дар бораи қабул шудани Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон”, “Дар бораи чашни умумихалқӣ эълон кардани рӯзи қабул шудани Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон” қабул намуд.



**Дар ёд доред!**

Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон аз 6 фасл, 26 боб, 128 модда иборат аст. Вай принсипҳо ва ғояҳои дар “Баёнияи Истиқлолият”, дар қонуни “Дар бораи асосҳои истиқлолияти давлатии Республикаи Ӯзбекистон” зикршударо дар худ ифода намудааст.

**Қабул шудани рамзҳои давлатӣ.** 15-уми феврали соли 1991 Шӯрои Олии Ӯзбекистон қарори махсусро “Дар бораи рамзҳои давлатии Ӯзбекистон” қабул намуд. Дар қарор чунин гуфта шудааст: “Ба Баёнияи оид ба Истиқлолият амал намуда, Шӯрои Олии РСС Ӯзбекистон қарор менамояд: Ба комиссияи тайёркунии лоиҳаи нави Конститутсияи (Қонуни Асосии) РСС Ӯзбекистон тахия кардани пешниҳодот оид ба Байраки давлатӣ, Герб ва Мадҳияи РСС Ӯзбекистон ва Низомҳо оид ба онҳо супурда шавад. Комиссия ба фикрҳои аҳли чамоат ва депутатҳои республика такя намуда корро пеш барад”.



Байраки давлатӣ

Аз рӯзи давлати мустақил эълон шудани Ӯзбекистон дар бобати чорӣ намудани рамзҳои давлати мустақил чораҳои амалӣ дида шуд. Дар бораи Байраки давлатии Республикаи Ӯзбекистон, нусхаи герби республика ва дар бораи баёни мусиқии Мадҳия (Суруди Миллӣ)-и давлатӣ қарори махсус қабул шуд. Зимнан ба гурӯҳи экспертии Комиссияи конститутсия давом додани кор оид



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


Герби давлатӣ

ба таҳияи вариантҳои Байраҷи давлатӣ, ба кумитаҳои дахлдори Шӯрои Олӣ дар ҳамкорӣ бо гурӯҳи эҷодии Комиссияи конститутсия таҳияи лоиҳаҳои қонунро дар бораи Байраҷи давлатӣ, мадҳия ва тақдим намудан ба сессияи навбатӣ супориш дода шуд.


Абдулло Орипов

Дар сессияи VIII Шӯрои Олии Республикаи Ӯзбекистон, ки 18 ноябри соли 1991 баргузор шуд, қонун “Дар бораи байраҷи давлатии Республикаи Ӯзбекистон” қабул шуд.

2-юми июли соли 1992 дар сессияи X Шӯрои Олии Республикаи Ӯзбекистон қонун “Дар бораи герби давлатии Республикаи Ӯзбекистон” қабул гардид.


Мутал Бурҳонов

Дар сессияи XI Шӯрои Олии Республикаи Ӯзбекистон, ки 10 декабри соли 1992 баргузор шуд, қонун “Дар бораи Мадҳияи давлатии Республикаи Ӯзбекистон” қабул шуд. Дар сессия варианти таҳияи намудаи шоир Абдулло Орипов (1941–2016) ва оҳангсоз Мутал Бурҳонов (1916–2002) тасдиқ шуд.

**Мулоҳиза ронед!**

Ба шоире, ки Гимни (мадҳияи) давлатии Республикаи Туркияро навиштааст, мақоми “Шоири миллӣ” дода шудааст. Ба муаллифи матни мадҳия дода шудани ин мақом ба чӣ вобаста аст? Мулоҳизаҳоятонро баён кунед!

**Эзоҳи истилоҳҳо**

**Сессия** – (*лот.* sesio – маҷлис, ҷамъомад) кор, машғулоти даврии мунтазам татбиқшавандаи мақомоти ваколатдор, суд ё даври кори ҷамъиятӣ.

**Депутат** – (*лот.* Deputatus), – вакилшуда, шахс, намояндаи интихобшудаи ваколатдор ба мақомоти давлатӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Савол ва супоришҳо:**

1. Омилҳое, ки истиқлолиятро тезониданд, дар чиҳо намоён шуданд?
2. Дар дафтаратон 3 воқеаи муҳим, ки дар моҳи августи соли 1991 содир шуд ва ба Истиқлолият оварда расонд, нависед ва эзоҳ диҳед.
3. Ҷараёни офаридани Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон чӣ қадар давом кард? Ба донишҳои азбарнамудаатон такя намуда, марҳилаҳои офаридани онро ба даврҳо ҷудо кунед.
4. “Баёнияи Истиқлолият” ва қонун “Дар бораи асосҳои истиқлолияти Республикаи Ӯзбекистон”-ро ёбед, дар ду ҷадвал меъёрҳои як хела ва ҷиҳатҳои фарқкунандаи онҳоро нависед.

| Номи ҳуҷҷат | Меъёрҳои якхела | Моддаҳое, ки фақат дар Баёния ҳастанд | Моддаҳое, ки фақат дар қонун ҳастанд |
|---|---|---|---|
| “Баёнияи Истиқлолият” | | | |
| Қонун “Дар бораи асосҳои истиқлолияти Республикаи Ӯзбекистон” | | | |

5. Аҳамияти таърихии қадамҳои аввалини сиёсии Ислом Каримов ҳамчун раҳбари Ӯзбекистон дар чист? Фикратонро асоснок кунед!

## Мавзӯи 2. Ташаккул ва инкишофи давлатдории миллии Республикаи Ӯзбекистон

**Ташаккули институти президентӣ.** Баъди он, ки Ӯзбекистон ба истиқлол ноил шуд, ба инкишоф додани сохти нав, замонавӣ ва самараноки идоракунии давлатӣ – шакли идоракунии президентӣ эътибор дода шуд.

**Дар ёд доред!**

Ҳоло аз 193 кишваре, ки аъзои СММ аст, дар 143 тояш лавозими президентӣ таъсис шудааст.

Пайдо шудани институти президентӣ дар Республикаи Ӯзбекистон дар 24-уми марти соли 1990 мутлақо даври навро сар намуд. Дар асоси қонуни Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи такмил додани сохтори ҳокимияти иҷроия ва идоракунӣ дар Республикаи Ӯзбекистон ва дохил намудани тағйирот ва иловаҳо ба Конститутсия (Қонуни Асосӣ)-и Республикаи Ӯзбекистон” муҳим будани офаридани низоми



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳамоҳанги идоракунии давлатӣ, аз якдигар қатъӣ фарқ кунонидани ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва судро ба назар гирифта, ҳокимияти президентӣ бо ҳокимияти иҷроия-идоракунии Шӯрои Вазирон якҷоя шуд. Шӯрои Вазирони Республикаи Ӯзбекистон ба Девони Вазирони назди Президенти Республикаи Ӯзбекистон табдил ёфт. Президенти Республикаи Ӯзбекистон дар айни вақт Раиси Девони Вазирон буданаш, дастгоҳи Президенти Республикаи Ӯзбекистон ва дастгоҳи Шӯрои Вазирони Республикаи Ӯзбекистон ба якто дастгоҳи назди Президенти Республикаи Ӯзбекистон ҳамроҳ намудан муқаррар шуд.

Ин қонун дар мамлакатамон барои мустаҳкам намудани шакли идоракунии давлат дар мамлакат – республикаи президентӣ асос шуд. Баъди ҷорӣ шудани институти президентӣ дар давлатамон ислоҳоти калонмиқёс гузаронида шуд. 18-уми ноябри соли 1991 қонуни “Дар бораи интихоботи Президенти Республикаи Ӯзбекистон” қабул шуд, ки интихоботи президентиро дар кишвар ба тартиб даровард. Дар ин асос 29 декабри соли 1991 дар заминаи муқобилӣ (алтернатив) интихоботи Президенти Республикаи Ӯзбекистон баргузор шуд.

Ба ин лавозими олӣ ду номзад – номзади Партия (Ҳизби)-и халқии демократии Ӯзбекистон ва иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон Ислом Каримов ва номзади вакили партияи демократии “Эрк” Салой Мадаминов (Муҳаммад Солеҳ) нишон дода шуд. Бино ба натиҷаҳои интихобот 86 фоизи овоздиҳандагон номзадии Ислом Каримовро, 12,3 фоиз номзадии Салой Мадаминовро дастгирӣ карданд. Мувофиқи қарори Олий Мажлиси Республикаи Ӯзбекистон аз 26-уми марти соли 1995 референдуми умумихалқӣ оид ба дароз кардани муддати ваколати Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз соли 1997 то соли 2000 баргузор шуд. 9 январи соли 2000 интихоботи Президенти Республикаи Ӯзбекистон шуда гузашт. Ислом Каримов дар интихоботи алтернативӣ (муқобилӣ) Президенти Республикаи Ӯзбекистон интихоб шуд. Дар референдуми 27 январи соли

Мулоҳиза кунед!

Ба донишҳоятон аз фанни “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ” такя намуда, ҳолати зеринро эзоҳ намоед. Соли 2011 ба Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон тағйирот ва иловаҳо дароварда шуд. Мувофиқи он ваколати Президент аз 7 сол ба 5 сол баргардонида шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2002 баргузоршуда муддати ваколати президентӣ аз 5 сол ба 7 сол дароз карда шуд. Дар интихоботи 23 феврали соли 2007 бо 88, 1 фоизи овоз Ислом Каримов ба муддати 7 сол интихоб шуд. Ба муносибати ба охир расидани муддати ваколати Президенти Республикаи Ўзбекистон декабри соли 2015 интихобот баргузор шуд.

Дар интихоботи президентии 29 марти соли 2015 Ислом Каримов бо 90,39 фоиз овоз ғалаба кард.

2-юми сентябри соли 2016 Ислом Каримов баъди бемории вазнин вафот кард. Бинобар ин интихоботи ғайринавбатии умумихалқии президентӣ гузаронида шуд. 4 декабри соли 2016 мувофиқи Конститутсияи Ўзбекистон ва қонун “Дар бораи интихоботи Президенти Республикаи Ўзбекистон” дар асоси муқобилӣ ва рақобати солим интихоботи президентӣ баргузор шуд. Дар он бо 88,61 фоиз Сарвазир Шавкат Мирзиёев Президент интихоб шуд.

> **!**
>
> **Худатонро санҷед!**
>
> Республикаи президентӣ – ин...
>
> Ислом Каримов – ин...
>
> Тақсими ҳокимият – ин...
>
> Шавкат Мирзиёев – ин...

**Олий Мажлиси Республикаи Ўзбекистон.** Аз рӯзҳои аввали истиқлол барои барқарор тараққӣ додани демократия дар Ўзбекистон зарурати ташаккул додани парламенти самарабахш ва ҷавобгӯи стандартҳои ҷаҳонии замони ҳозира ба вуҷуд омад.

Аз нуқтаи назари принсипҳои демократия ва усулияти сеюми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон – ба се соҳа тақсим шудани ҳокимияти давлатӣ низоми ҳокимияти давлатии Ўзбекистон ба ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва ҳокимияти суд қонунӣ гардонида шуд.




Ҳар яки ин се ҳокимият дар фаъолият мустақил буда, дар айни вақт ба якдигар зич вобастаанд. Президент мақомоти (органи) мустақилест, ки фаъолияти ҳар се ҳокимиятро мувофиқат менамояд.

Инкишофи парламентаризм марҳила ба марҳила дар амал татбиқ карда шуд. Агар ба таърихи парламентаризм назар афканем, дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

солҳои 1990–1994 парламенти мамлакатамон номи Шӯрои Олиро дошта, аз 150 депутат иборат буд. Солҳои 1995–2004 номи Олий Мажлисро гирифта, ба парламенти якпалатагии иборат аз 250 нафар депутат ташкил ёфт. Дар таркиби депутатҳои аз округҳои (ҳавзаҳои) интихоботии ҳудудии якмандатӣ аз партияи халқии демократӣ, аз партияи сотсиал-демократии “Адолат”, аз партияи “Ватан тараққиёти”, аз партияи “Миллий тикланиш” депутатҳо буданд, бори аввал фраксияҳои парламентӣ ташкил карда шуд.



Бинои Олий Мажлиси Республикаи Ӯзбекистон

Аз соли 2005 дар таърихи мамлакатамон бори аввал парламенти ду палатаи Олий Мажлиси Республикаи Ӯзбекистон – иборат аз Палатаи қонунгузорӣ (палатаи поёнӣ) ва Сенат (палатаи болоӣ) ба кор сар кард. Ин парламент мувофиқи натиҷаҳои референдуми 27 январи соли 2002 ва дар ҳамин асоси қонунҳои қабулшудаи “Дар бораи сенати Олий Мажлиси Республикаи Ӯзбекистон” ва “Дар бораи Палатаи қонунгузории Олий Мажлиси Республикаи Ӯзбекистон” дар амал татбиқ карда шуд.

**Худатонро санҷед!**

Қонун аз қонуни конститутсиявӣ чӣ гуна фарқ дорад?

**Дар ёд доред!**

Роҳи тайнамудаи парламенти мамлакатро аз нуқтаи назари таърихӣ таҳлил кунем, онро шартан ба се даври асосӣ тақсим кардан мумкин. Даври аввал – солҳои 1991-1994, даври дуюм – солҳои 1995-2004, даври сеюм – аз соли 2005 то имрӯз.

Дар парламент 250 нафар, аз ҷумла дар палатаи поёнӣ – Палатаи қонунгузорӣ 150 нафар депутат, дар Сенат 100 нафар депутат фаъолият нишон медиҳад. Ба Сенат аз Республикаи Қароқалпоқистон, аз вилоятҳо ва аз шаҳри Тошканд 6 нафарӣ, ҷамъ 84 нафар интихоб мешаванд. Аз тарафи Президент аз ҷумлаи инсонҳои бообрӯи диёр 16 нафар аъзои Сенат таъин мешаванд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Девони Вазирони (Вазирлар Маҳкамаси) Республикаи Ӯзбекистон, сохтор ва функсияҳои он.** 15 ноябри соли 1990 фармони Президенти Ӯзбекистон “Дар бораи тасдиқ кардани таркиби Девони Вазирон дар назди Президенти РСС Ӯзбекистон” қабул шуд. Мувофиқи он дар назди Президенти Ӯзбекистон Девони Вазирон ташкил шуд. Президент раиси он шуд. Дар республика лавозими витсе-президент таъсис ёфт. Бар зиммаи он вазифаи раҳбарӣ намудан ва мутобиқ сохтани фаъолияти Девони Вазирон гузошта шуд. 4 январи соли 1992 лавозими витсе-президент бекор карда шуд ва лавозими Сарвазири Республикаи Ӯзбекистон ҷорӣ гардид. Бар зиммаи Сарвазир ваколати витсе-президент гузошта шуд.

Дар боби XX Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон мақоми конститутсиявию ҳуқуқии Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон, ташкил кардани он, самтҳои асосии фаъолият ва ваколатҳои он муайян карда шуд. Девони Вазирон фаъолияти худро дар асоси қонуни Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон” (таҳрири нави соли 2003) мебарад. Девони Вазирон ҳукумати Республикаи Ӯзбекистон ба ҳисоб меравад, органи ҳокимияти иҷроияи Республикаи Ӯзбекистон аст, ки иҷрои қонунҳои Олий Мажлис, фармонҳо, қарорҳо ва фармоишҳои Президенти Республикаи Ӯзбекистонро таъмин менамояд.

**Сохтори Девони Вазирон дар солҳои 1992–2003**






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба сифати мақомоти доимии Девони Вазирон Раёсати Девони Вазирон иборат аз Сарвазир ва муовинҳои вай фаъолият нишон медиҳад. Соли 2003 қисми дуюми моддаи 89-уми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон “Президенти Республикаи Ӯзбекистон дар айни вақт Раиси Девони Вазирон ба ҳисоб меравад” гирифта партофта шуд. Ба ҳукумати Ӯзбекистон – Девони Вазирон Сарвазир раҳбарӣ менамояд.

Дар таркиби Девони Вазирон лавозими Раис барҳам хӯрд. Ҳоло бино ба тақдими Президенти Республикаи Ӯзбекистон номзади Сарвазири Республикаи Ӯзбекистон, муовини якум ва муовинонаш, аввал дар Палатаи қонунгузорӣ, баъд дар Сенат муҳокима ва баъд тасдиқ карда мешаванд. Дигар аъзоёни Девони Вазирон бино ба тақдими Сарвазир аз тарафи Президенти Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ карда мешаванд. Ҳоло ба таркиби Девони Вазирон Сарвазири Республикаи Ӯзбекистон, муовини якум ва муовинҳои он, вазирони Республикаи Ӯзбекистон, раисони кумитаҳои давлатӣ, Раиси Шӯрои Вазирони Республикаи Қароқалпоқистон дохил мешаванд.

**Дар ёд доред!**
Дар Ӯзбекистон дар лавозими витсе-президент, ки ба мақоми Сарвазир баробар буд, Шукрулло Мирсаидов (1990–1992), дар лавозими Сарвазир Абдулҳошим Муталов (1992–1995), Ӯткир Султонов (1995–2003), Шавкат Мирзиёев (2003–2016) фаъолият бурдаанд. Аз 14 декабри соли 2016 Абдулло Арипов Сарвазир тасдиқ гардид.

**Ҳокимияти суд.** Ҳокимияти суд бино ба моддаи 106-уми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон дар Республикаи Ӯзбекистон ҳокимияти суд аз ҳокимиятҳои қонунгузорӣ ва иҷроия, аз партияҳои сиёсӣ, аз дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мустақил кор мебарад.

Дар солҳои аввали Истиқлолият дар соҳаи ҳокимияти суд низ ислоҳотҳо ба амал бароварда шуданд. Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон ва қонун (таҳрири нав)-и “Дар бораи судҳо” (соли 2000 қабул шудааст) асоси ҳуқуқии ислоҳоти суд аст.

Ислоҳоти низоми судро ба ду давр ҷудо кардан мумкин: 1) солҳои 1991–2016; 2) аз соли 2017 даври минбаъда. Дар даври аввал ба



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

низоми суди Республикаи Ӯзбекистон судҳои ба муддати панҷ сол интихобшуда дохил мешуданд:

✓ Суди конститутсиявии Республикаи Ӯзбекистон;

✓ Суди олии Республикаи Ӯзбекистон;

✓ Суди олии хоҷагии Республикаи Ӯзбекистон;

✓ Судҳои олии оид ба корҳои шаҳрвандӣ ва ҷиноии Республикаи Қароқалпоқистон;

✓ Суди хоҷагии Республикаи Қароқалпоқистон;

✓ Судҳои оид ба корҳои шаҳрвандӣ ва ҷиноии вилоятҳо ва шаҳри Тошканд;

✓ Судҳои оид ба корҳои шаҳрвандӣ ва ҷиноии байни ноҳиявӣ, ноҳия, шаҳр;

✓ Судҳои хоҷагии вилоятҳо ва шаҳри Тошканд;

✓ Судҳои ҳарбӣ.

Ба ташкили судҳои фавқулодда роҳ дода намешавад. Дар Республикаи Ӯзбекистон кори суд ба забони ӯзбекӣ, ба забони қароқалпоқӣ ё дар ҷойҳои муайян ба забони аҳолии аксариятро ташкилдода бурда мешавад.

Мақсад аз ҳамчун ҳокимияти алоҳида муқаррар намудани судҳо аслан таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои шахс дар Республикаи Ӯзбекистон аз тарафи органи холис – суд аст, инчунин табдил додани суд аз органи аввалаи ҷазодиҳанда ба органи комили ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс мебошад.

Судҳо аз вазифаҳои ба онҳо дахлдорнабуда, масалан, иҷрои қарори суд озод карда шуданд. Аз 1-уми январи соли 2008 дар мамлакат ҷазои қатл бекор карда шуд, ҳуқуқи додани санксия барои ҳабси шаҳрвандон аз прокуратура ба судҳо дода шуд. Дар давлатамон низоми ҳуқуқии инсонпарваронаи ҷазои ҷиноят ташкил карда шуд.

Хусусияти асосии даври дуюмиислоҳот дар асоси фармони Президент Шавкат Мирзиёев аз 21 феврали соли 2017 “Дар бораи чораву тадбирҳои ба куллӣ такмил додан ва боло бурдани самардории фаъолияти сохтори суд” татбиқ карда шуд.

Дар асоси ин фармон Суди олӣ ва Суди олии хоҷагии Республикаи Ӯзбекистон як шуд, органи олии ягонаи ҳокимияти суд дар соҳаи бурдани кори шаҳрвандӣ, ҷиноӣ, маъмурӣ ва иқтисодӣ – Суди олии



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Республикаи Ӯзбекистон ташкил карда шуд. Ҳайъати ҳарбии Суди олии Республикаи Ӯзбекистон, Суди ҳарбии Республикаи Ӯзбекистон, воҳидҳои штатҳои судҳои ҳарбии округ ва ҳудудӣ аз таркиби Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон ба таркиби Суди олии Республикаи Ӯзбекистон гузаронида шуд.

**Дар ёд доред!**

Соли 2017 аз тарафи Президенти Республикаи Ӯзбекистон бори аввал дар таърихи мамлакатамон дар бораи авф намудани 2700 нафар маҳкум, аз ҷумла 956 нафар шахсон аз колонияҳои иҷрои ҷазо, ки ба туфайли шароити гуногун ҷиноят содир кардаанд, аз кирдорашон сахт пушаймонанд, ба роҳи ислоҳ даромадаанд, дар ҷои зист ва дар муассисаи иҷрои ҷазо мусбӣ тавсиф дода шудаанд, фармон имзо кард.

Бино ба фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз 21 октябри соли 2016 “Дар бораи чораю тадбирҳои боз ҳам ислоҳ кардани низоми суду ҳуқуқ, пурзӯр намудани кафолатҳои ҳимояи боварилоки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон” ба муддати таъин (интихоб) кардан ба лавозими судягӣ қатъиян аниқ карда шуд. Яъне имконияти таъин (интихоб) кардани судяҳо бори аввал ба муддати панҷ сол, бори дуюм ба даҳ сол, минбаъдааш бемуддат офарида шуд. Ҳамин тариқ, бо назардошти синну сол, малака, маҳорати касбӣ ба муддати дуру дароз фаъолият нишон додани судяҳо кафолат дода шуд.

**Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон.** Аз рӯзҳои аввали истиқлоли мамлакатамон таъмин намудани давлатдории миллии Ӯзбекистон, якпорчагии ҳудудии он, ҳаёти осудаи аҳолӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои асосии сиёсати давлат қарор гирифт.

Бино ба табаддулоти давлатии 19-21 августи соли 1991 дар пойтахти собиқ иттифоқ-шаҳри Москва мамлакат ба вартаи ҳалокат омада буд. Дар чунин шароит бо роҳи мусаллаҳ ҳимоя намудани якпорчагии ҳудудии кишвар, ҳаёти осоиштаи аҳолӣ қадамҳои нахустин гузошта шуданд. Дар асоси фармони Президенти Ӯзбекистон аз 25 августи соли 1991 ба тасарруфи республика гузаронидани Вазорати корҳои дохилии Ӯзбекистон, Қумитаи бехатарии давлатӣ, ба итоати Президенти Ӯзбекистон гузаштани қӯшунҳои дар диёрамон будаи Вазорати корҳои дохилии СССР ҳамин гуна қадамҳои аввалин буданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Савганди ҳарбӣ

Бино ба фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз 6 сентябри соли 1991 Вазорати корҳо оид ба мудофиа ташкил шуд.

Шӯрои Олии Республикаи Ӯзбекистон 10 январи соли 1992 қарор “Дар бораи ба тасарруфи Республикаи Ӯзбекистон гирифтани қисмҳои ҳарбӣ ва муассисаҳои таълими Вазорати корҳои дохилии СССР, ки дар ҳудуди Республикаи Ӯзбекистон” мебошанд ва 14 январ қарор “Дар бораи қисмҳои ҳарбӣ ва муассисаҳои таълими ҳарбии дар ҳудуди Республикаи Ӯзбекистон чойгирифта” қабул намуд. Бино ба ин қарорҳо қисмҳо, иттиҳодияҳо, омӯзишгоҳҳои ҳарбӣ, ташкилотҳо ва дигар сохторҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи собиқ СССР, ки дар ҳудуди республкиа чой гирифта буданд, дар асоси қонунӣ ба юрисдиксияи Республикаи Ӯзбекистон гирифта шуданд. Рӯзи қабули қарори мазкур – 14 январ мувофиқи қонуни Республикаи Ӯзбекистон аз соли 1993 “Рӯзи ҳимоятгарони Ватан” эълон шуд.

Соли 1992 бино бо фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон дар тасарруфи Хизмати бехатарии миллӣ Садорати қӯшунҳои сарҳадӣ ташкил карда шуд.

Мувофиқи моддаи 93-юми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон Президент Сарқумондони Олии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ба ҳисоб меравад.



**Дар ёд доред!**

Округҳои ҳарбии зерини Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон ташкил шуданд:

1. Округи шимолу ғарбӣ (Республикаи Қароқалпоқистон, вилояти Хоразм);
2. Округи махсуси ҳарбии чанубу ғарбӣ (вилоятҳои Бухоро, Навоӣ, Қашқадарё ва Сурхондарё)
3. Округи ҳарбии марказӣ (вилоятҳои Самарқанд, Ҷиззах ва Сирдарё);
4. Округи ҳарбии Тошканд ( шаҳри Тошканд ва вилояти Тошканд;
5. Округи ҳарбии шарқӣ ( вилоятҳои Андиҷон, Наманган, Фарғона).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Моҳи майи соли 1995 бо мақсади таъмин кардани бехатарии давлат ва ҷамъият Шӯрои амнияти назди Президенти Республикаи Ӯзбекистон ташкил гардид. Шӯрои амният мақомоти машваратии назди Президенти Республикаи Ӯзбекистон ба шумор меравад. Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз рӯи лавозим раиси ин Шӯро мебошад. Шӯрои амният ба маҷлисҳояш ба таври муваққат ҳар шахси мансабдори Республикаи Ӯзбекистонро даъват карданаш мумкин. Дар давоми маҷлиси Шӯро пешниҳод ва мулоҳизаҳо бо аксарияти овоз қабул мегардад ва баъди тасдиқ бо қарори дахлдори Президент эътибор пайдо менамояд.

**Дар ёд доред!**

10-уми январи соли 2018 бори аввал маҷлиси васеъ, кушод ва видеоконференсияи Шӯрои амнияти назди Президенти Республикаи Ӯзбекистон баргузор шуд. Дар он ҳолати омодаги ҷанговарии Қувваҳои Мусаллаҳи Ӯзбекистон аз 5 рӯзи пештара ҳоло ба 3 соат расиданаш таъкид карда шуд.

Дар мамлакатамон 24-уми апрели соли 1996 бори аввал лоиҳаи Қонун "Дар бораи амнияти миллӣ", ки аз чор шӯъба, бисту ҳашт модда иборат буд, дар сессияи панҷуми Олий Мажлис муҳокима шуд. Ҳуҷҷати мутлақо наве, ки низоми амнияти миллиро ташаккул медиҳад, вазифаҳои таъмини амнияти миллӣ ва нормаҳои ҳуқуқии принсипҳои татбиқи амалии онҳоро муқарра менамояд, дида баромада шуд. Моҳи августи соли 1997 дар сессияи IX Олий Мажлис Консепсияи амнияти милии Республикаи Ӯзбекистон қабул шуд.

Дар амалиёти хориҷӣ одатан зери мафҳуми амнияти миллӣ амнияти давлатӣ фаҳмида мешавад. Чунончи, ин гуна муносибат ба масъала моҳияти муаммои амнияти миллиро танг мекунад. Албатта, дар бобати амнияти миллӣ масъалаи амнияти ҳарбию давлатӣ накши асосӣ дорад. Аммо ҳангоме амнияти миллӣ гуфта мешавад, фақат ин мазмунро фаҳмидан кифоя нест.

Бо ташаббуси Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев 9 январи соли 2018 қонун "Дар бораи доктринаи мудофиавии Республикаи Ӯзбекистон" қабул шуд. Қонун дар шароити глобализатсия, дар вазъияти вусъат ёфтани таҳдидҳо ба амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

масъалаҳои муқобилият карда тавонистан ба зиддияти геосиёсӣ, афзоиши эҳтимолияти истифодаи қувва, аз ҷумла аслиҳаи қатли ом, фаъолшавии терроризми байналмилалӣ ва экстремизм, пурзӯршавии мубориза дар макони ахборотро кафолат медиҳад.

**Худатонро санҷед!**

Доктринаи мудофиа – ин...

Округи ҳарбӣ – ин...

Шӯрои амният – ин...

Қӯшунҳои сарҳадӣ – ин...

***Эзоҳи истилоҳҳо!***

**Авф намудан** – аз ҷавобгарии ҷиноӣ озод намудани ягон шахсе, ки нисбати вай бо ҳукми суд ҷазо таъин шудааст ё сабук намудани ҷазо. Одатан авф бо қарори сарвари давлат амалӣ мешавад.

**Референдум** – (*лот.* – чизе, ки маълум шуданаш зарур) райъпурсии умумихалқӣ, ки барои қабули қонун оиди ин ё он масъалаи дорои аҳамияти давлатӣ гузаронида мешавад, аниқ кардани фикри халқ ба воситаи овоздиҳӣ.

**Юрисдиксия** – (*лот.* – суд кардан, чараёни суд). Ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи бурдани корҳои судӣ. Соҳаи ҳуқуқи дар доираи ваколати мақомоти муайяни давлатӣ.

**Доктрина** – (*лот.* – таълимот, хондан) таълимоти илмӣ ё фалсафӣ, назария; нуқтаи назари сиёсӣ.

**Савол ва супоришҳо:**

1. Хусусияти хоси палатаи парламенти якпалатагии Ӯзбекистон аз чӣ иборат буд? Чаро зарурати ташкил намудани парламенти дупалата пайдо шуд?
2. Ба ҳокимиятҳо тақсим шудани идоракунии давлатӣ чӣ гуна аҳамият дорад?
3. Ба ҳокимияти иҷроияи Ӯзбекистон кадом идораҳо мансубанд?
4. Дар Ӯзбекистон “Рӯзи ҳимоятгарони Ватан” бори аввал кадом сол қайд карда шуд?
5. Дар Ӯзбекистон корҳои судӣ ба кадом забонҳо бурда мешавад?
6. Дар Девони Вазирон ва сохтори он чӣ гуна тағйирот рӯй дод?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ II. ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ҶАМЪИЯТИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ӮЗБЕКИСТОН

## Мавзӯи 3. Таърихи инкишофи ғояи ҷамъияти шаҳрвандӣ

**Мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ.** Дар ҷараёни барпо намудани давлати ҳуқуқии демократӣ дар Ӯзбекистон чандин вазифаҳо муқаррар шуд. Яке аз вазифаҳои муҳим барпо намудани низоми ба шароити нави муносиби фаъолияти мақомоти худидоракунии намояндагӣ ва шаҳрвандоии ҳокимияти давлатӣ дар республика буд. Органҳои ҳозираи намояндагии маҳаллии ҳозира дар заминаи Шӯрои депутатҳои халқӣ ташкил шудаанд. Аммо инҳо бо моҳияти демократиашон аз низоми аввала тамоман фарқ мекунанд.

4 январи соли 1992 қонун “Дар бораи аз нав ташкил намудани идораҳои ҳокимияти маҳаллии Республикаи Ӯзбекистон” қабул гардид. Ин қонун дар мамлакат лавозими ҳокимӣ ва ҳокимонро ҷорӣ кард, ки ду органи истиқлолият ҳокимияти маҳаллӣ-намояндагӣ ва иҷроияро сарварӣ мекунанд.

**Дар ёд доред!**

Соли 1992 бори аввал дар шаҳри Тошканд ва 12 то вилоят, 163 ноҳияи деҳотӣ ва 18 то ноҳияи шаҳрӣ ва 120 то шаҳр ҳокимон таъин ва тасдиқ гардиданд, аппарати онҳо – ҳокимиятҳо ташкил шуданд.

Боби XXI Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон “Асосҳои ҳокимияти давлатии маҳаллӣ” ном дорад, дар он низоми мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ, вазифаҳо, тартиби ташкилашон қайд шудааст. Бино ба конститутсия номи аввалаи органҳои маҳаллии намояндагӣ Кенгаш (Шӯро) гуфта дигар карда шуданд. Барои таъмини кори пурсамари онҳо Шӯроҳои депутатҳои халқии вилоят, ноҳия ва шаҳр ба вуҷуд оварда шуданд.

То қабули Конститутсияи Ӯзбекистон низоми сезинагии органҳои маҳалли намояндагӣ вуҷуд дошт, онҳо:

1) Шӯроҳои (Советҳои) депутатҳои халқии вилоятҳо ва шаҳри Тошканд – зинаи болоӣ ҳисоб меравандд;

2) Шӯроҳои (Кенгашҳои) депутатҳои халқии ноҳия, шаҳр – зинаи миёна;

3) Шӯроҳои депутатҳои халқии деҳа, шаҳракҳо, авул–зинаи поёнӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Конститутсия низоми дузинагии органҳои намояндагиии маҳаллиро мустаҳкам намуд, яъне зинаи поёнӣ гирифта шуд. Ба ҷойи онҳо органҳои худидоракунии шаҳрвандон ташкил шуданд.

Ҳамин тавр, бино ба Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон ҳокимияти давлатии маҳаллӣ, органҳои ҳокимият ба ду органи мустақил – ҳокимияти намояндагӣ ва иҷроия тақсим шуд.




**Ба органҳои маҳаллии намояндагӣ** – Шӯроҳои (Кенгашҳои) депутатҳои халқӣ мансубанд. Онҳо фаъолияти худро дар асоси ҷамоавӣ (коллегиалӣ) мебаранд. Шакли асосии ташкилию ҳуқуқии Шӯроҳои депутатҳои халқӣ сессия ба ҳисоб меравад.

**Мувофиқи қонун "Дар бораи интихоботи Шӯроҳои депутатҳои халқии вилоят, ноҳия ва шаҳр"** ба органҳои намояндагӣ шаҳрвандони 21 солро пур карда интихоб мешаванд. Ба Шӯроҳои (кенгашҳои) депутатҳои халқии вилоятҳо ва шаҳри Тошканд на зиёд аз 60 нафар, ба Шӯроҳои туман ва шаҳр на зиёд аз 30 нафар депутатҳо ба муддати 5 сол интихоб мешаванд.

Ба ҳокимияти иҷроияи ҳоким ва аппарати иҷроияи он дохил мешаванд. Ҳоким дар ҳудуди дахлдор шахси олии мансабдор ба ҳисоб меравад. Бино ба моддаи 101-уми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон муддати ваколати ҳокимон 5 сол аст.

Ҳокими вилоятҳо ва шаҳри Тошканд аз тарафи Президенти Республикаи Ӯзбекистон таъин ва аз лавозим озод карда мешавад. Ҳокимони ноҳия ва шаҳрҳо аз тарафи ҳокимони дахлдори вилоят таъин ва озод карда мешаванд ва аз ҷониби Шӯроҳои дахлдори депутатҳои халқ тасдиқ мегарданд. Ҳокимони ноҳияҳои шаҳрҳоро ҳокими шаҳр



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

таъин ва аз лавозим озод менамояд ва аз тарафи Шӯрои депутатҳои халқи шаҳр тасдиқ мешаванд. Ҳокимони шаҳрҳои тобеи ноҳияҳо аз тарафи ҳокими ноҳия таъин ва аз лавозим озод карда, аз тарафи Шӯрои депутатҳои халқи ноҳия тасдиқ мегарданд. Дар ноҳияҳои дар таркиби шаҳр буда ва шаҳрҳои тобеи ноҳия, ки мақомоти намояндагӣ ташкил дода намешаванд, низ ҳокимиятҳо таъсис дода шуданд, аппарати онҳо – ҳокимият таъсис ёфт. Ҳокимони вилоятҳо ва ҳокими шаҳри Тошканд намояндаи Президенти Ӯзбекистон дар ин ҷойҳо ба шумор мераванд.

Мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз қабили мақомоти ҳокимияти судӣ, прокуратура, мақомоти корҳои дохила, адлия дар ҳамкорӣ фаъолият нишон медиҳанд.

**Мақомоти (органҳои) худидоракунии шаҳрвандон.** Республикаи Ӯзбекистон роҳи истиқлолият тараққиётро интихоб намуда, дар кишвар мақомоти хоси худидоракунии шаҳрвандонро ба вуҷуд овард. Хусусан, ҳоло қариб дар ҳамаи кишварҳои дунё ин институт худидоракунии маҳаллӣ ном гирифта бошад, дар Ӯзбекистон вай худидоракунии шаҳрвандон номида шудааст.

Баъди қабули Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон заминаи ҳуқуқии низоми худидоракунии шаҳрвандон мустаҳкам гардид. Бино ба моддаи 105-уми Конститутсия “Дар шаҳракҳо, деҳот ва авулҳо, инчунин дар маҳаллаҳои таркиби онҳо ва дар маҳаллаҳои шаҳрҳо мақомоти худидоракунӣ ҷамоати шаҳрвандон буда онҳо ба муддати дуюним сол раис (оқсоқол) ва маслиҳатгарони вайро интихоб мекунанд”.

**Ҷамоати шаҳрвандон**

**Ҷамоати шаҳрвандони шаҳракҳо** | **Ҷамоати шаҳрвандони деҳот ва авулҳо** | **Ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо**

**Дар ёд доред!**

Соли 1999 Қонуни Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрвандон”, соли 2004 “Дар бораи интихоботи раиси (оқсоқоли) ҷамоати шаҳрвандон ва маслиҳатгарони он” қабул шуд. Соли 2017 фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи чораву тадбирҳои боз ҳам такмил додани институти маҳалла” имзо шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳамин тавр, агар ҷамоати шаҳрвандон дар муддати муайян ҷамъ шуда, воситаи худидоракунии корбаранда бошад, раис ва маслиҳатгарони он сохтори доимо амалкунанда мебошад.

Дар асоси фармони соли 2017 Президент ба сифати ташкилоти ҷамоати шаҳрвандон доир ба мутобиқати фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрвандон Шӯрои республикавӣ ташкил карда шуд. Ба Сарвазири Республикаи Ӯзбекистон, раиси Жӯқорғи Кенгеси Республикаи Қароқалпоқистон, ба ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, ноҳия ва шаҳрҳо мутобиқан дар заминаи ҷамоатӣ раисӣ намудани Шӯрои республикавӣ, шӯроҳои ҳудудӣ муқаррар шудааст. Дар Шӯрои республикавӣ оид ба корҳои ташкилӣ ва масъалаҳои услубӣ муовини раис, дар Шӯрои республикавӣ ва шӯроҳои ҳудудӣ лавозими муовинони раис оид ба кор бо ҷавонон, масъалаҳои динию маърифӣ, кӯҳансолон ва собиқадорон ҷорӣ шуд. Дар органҳои худидоракунии шаҳрвандон дар асоси ҷамоатчигӣ муовинҳои раиси ҷамоати шаҳрвандон лавозими маслиҳатчӣ оид ба масъалаҳои ҷавонон ҷорӣ гардидааст.

**Кори мустақилона**

Мазмуни моддаҳои 99–105-уми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистонро бо мавзӯъ вобаста кунед. Мисолҳо оред.

**Низоми интихобот.** Барои барпо намудани низоми интихоботии хоси ҷамъияти демократии Ӯзбекистон офаридани қонунҳои интихоботии ҷавобгӯи андозаҳо ва талабҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аҳамияти калон дорад.

Аввал бо мақсади татбиқи низоми интихоботӣ қонун “Дар бораи референдум дар Республикаи Ӯзбекистон” ва “Дар бораи интихоботи Президенти Республикаи Ӯзбекистон” (18 ноябри соли 1991) қабул шуд. Дар аввали солҳои 90-уми асри XX дар бораи интихобот, тартиби гузаронидан интихобот як қа-



Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, ки 14 декабри соли 2016 интихиб шуд



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

тор қонунҳо қабул карда шудан. Қонунҳо “Дар бораи интихобот ба Олий Мажлиси Республикаи Ӯзбекистон”, “Дар бораи интихобот ба Шӯроҳои депутатҳои халқии вилоят, ноҳия ва шаҳр” ва “Дар бораи кафолатҳои ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон” аз ҷумлаи онҳоянд.

Интихобот аз тарафи Комиссияи марказии интихоботӣ ташкил карда мешавад. Агар комиссия аз соли 1998 ҳамчун органи муваққатии мустақил фаъолият сар карда бошад, аз соли 2014 бошад, ҳамчун органи доимӣ ташкил карда шуд. Комиссияи марказии интихоботӣ ва аъзоёни он ба таври мустақил аз ҳар гуна органҳои давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдор дар амал татбиқ мегардад.

Дар Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон ва қонунҳо ҳуқуқи интихобот доштани шаҳрвандони 18 солро пуркарда, бо овоздиҳии пинҳонӣ гузаронидани интихоботи Президенти Ӯзбекистон, интихоботи Олий Мажлис, Шӯроҳои депутатҳои халқии вилоят, ноҳия ва шаҳр дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ, баробар ва рӯйирост мустаҳкам карда шудаанд.

Ҳар як шаҳрванд – интихоб кунанда як овози дорад. Шаҳрванди солаш аз 35 кам набуда Президенти Республикаи Ӯзбекистон, 25 солро пуркарда ба Олий Мажлис, ҷавони 21 сола ба Шӯроҳои вилоят, ноҳия ва шаҳр ҳуқуқи интихоб шуданро дорад.

**!** **Худатонро санҷед!**

| | |
|---|---|
| Ҷамоати шаҳрвандон – ин.. | Синну соли интихоб шудан – ин... |
| Маслҳатгарони раис – ин... | Синну соли интихобот – ин.. |
| Соли 1991 – ин... | Соли 2017 – ин... |

Бино ба Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон интихоботи Президенти мамлакат, ба Палатаи қонунгузории Олий Мажлис ва ба Жӯқорғи Кенгеси Республикаи Қароқалпоқистон, интихоботи мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо мутобиқан дар соли ба поён расидани муддати ваколати конститутсиявии онҳо дар аввалин якшанбеи даҳрӯзаи 3-юми моҳи декабр гузаронида мешавад.

**Пайдоиши сохтори бисёрҳизбии (бисёрпартиявии) Ӯзбекистон.** Бисёрҳизбӣ фаъолият бурдани ду ё аз он бештар партия (ҳизб) дар ҳаёти ҷамъият аст. Ин ҳолат ба давлат ва ҷамъиятҳои ба роҳи демократӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хосбуда, тараққиёти ҷамъият ба гуногунии андешаҳо асос меёбад. Озод фаъолият бурдани партияҳои сиёсӣ дар ҷамъият кафолати асосии барпо намудани давлати ҳуқуқии демократӣ аст.

Дар замони ҳозира яке аз меъёрҳои асосии демократия дар ҷаҳон гузаронидани интихобот дар заминаи бисёрҳизбӣ аст. Дар даври истиқлол партияи якумини сиёсии ташкилёфта Ҳизби (Партия) халқии демократии Ӯзбекистон мебошад. Партия моҳи ноябри соли 1991 ташкил шуд. Мақсади он ҳимояи манфиатҳои табақаи муҳтоҷ ба ҳимояи иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Аз вақти ташкилёбӣ ин партия то ин дам панҷ маротиба интихоботи Президент ва интихоботи парламент иштирок намуда, дар парламент фраксияи худро ташкил дод.

**Кори мустақилона.**

Аз адабиёти иловагӣ истифода бурда, як гурӯҳи донишомӯзон солҳои дар интихоботи Президент иштирок кардани ПХД Ӯзбекистонро мешуморад ва таъриф медиҳад. Гурӯҳи дуюм аз рӯйи иштироки партия дар интихоботи Олий Мажлис айнан ҳамон вазифаро иҷро менамояд.

Дар таърихи инкишофи бисёрҳизбии Ӯзбекистон боз як партия— Партияи “Ватан тараққиёти”-и Ӯзбекистон ҷойи худро ёфта буд. Ин партия соли 1992 ташкил ёфт. Соли 1999 Партияи миллии демократии “Фидокорон” таъсис гардид. Вай ҳамчун ташкилоти сиёсии дастгирикунандаи мақсадҳову кӯшишҳои фидокорони Ӯзбекистон ба вуҷуд омад. Соли 2000 анҷумани муштараки Партияи “Ватан тараққиёти” ва Партияи миллии демократии “Фидокорлар” ба амал омад, дар он як будани ҳаракат, барномаи фаъолияти ҳар ду партия муҳокима шуд, якҷоя фаъолият нишон додани онҳо ба мақсад мувофиқ дониста, ду партия муттаҳид шуд.

Боз як партияе, ки дар солҳои аввали Истиқлолият пайдо шуд, Партияи сотсиал-демократии “Адолат” мебошад. Вай моҳи феврали



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

соли 1995 ташкил ёфт. Мақсади асосии партияҳои сотсиал-демократӣ ба ҳаллу фасли муаммоҳои иҷтимоии ҷамъият нигаронида шудаанд. Аз ин сабаб партия барои ба роҳ мондани робитаҳо бо партияҳои сотсиал-демократии кишварҳои мутараққӣ ва иштироки фаъолона дар ҳаракати сотсиал-демократии байналмилалӣ ҳаракат менамояд. Партияи сотсиал-демократии “Адолат” ба табақаи синфи миёна ва аҳолии эҳтёҷманд такя ва иродаи сиёсию иҷтимоии онҳоро ифода менамояд.

Боз як партияе, ки дар солҳои истиқлол ташкил ёфт, Партияи демократии “Миллий тикланиш”-и Ӯзбекистон аст. Он соли 1995 ташкил шудааст. Анъанаҳо ва арзишҳои миллиро ҳифз кардан мақсади асосии партияи демократии “Миллий тикланиш” аст. Моҳи июни соли 2008 анҷумани муштараки Партияи миллии демократии “Фидокорлар” ва Партияи демократии “Миллий тикланиш” баргузор шуд ва дар он муттаҳид шудани ҳар ду партия ба як партияи “Миллий тикланиш” муҳокима шуд. Дар анҷуман наздик будани мазмун ва моҳияти вазифаҳои барномавии партияҳо таъкид шуд.

Партияе, ки дар муддати кӯтоҳ дар низоми сиёсии Ӯзбекистон мавқеи худро дарёфт, Партияи Либерал-демократии Ӯзбекистон (ӮзЛиДеП) аст, ки соли 2003 ташкил шуда буд.Партияи Либерал-демократии Ӯзбекистон ҳамчун ташкилоти умумимиллии сиёсӣ манфиати табақаи мулкдорон, намояндагони бизнеси хурд, хоҷагиҳои фермерӣ ва деҳқониро, мутахассисони баландмалакаи истеҳсолот ва ходимони идоракунӣ, тадбиркоронро ифода ва ҳимоя мекунад.

Агар ба фаъолияти партияҳои сиёсии Республикаи Ӯзбекистон дар солҳои гузашта назар андозем, барои инкишофи онҳо асоси ҳуқуқӣ ба вуҷуд омаданашро мебинем. Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон, қонунҳои “Дар бораи партияҳои сиёсӣ”, “Дар бораи аз ҷиҳати молиявӣ таъминкунии партияҳои сиёсӣ” ва Қонуни конститутсиявӣ “Дар бораи пурзӯр намудани роли партияҳои сиёсӣ дар навсозӣ ва боз ҳам демократӣ кардани идоракунии давлат ва модернизатсияи



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мамлакат” аз ҷумлаи онҳоянд. Табиист, ки меъёри асосии чигунагии мавқеи партияҳои сиёсӣ дар ҷамъият аз натиҷаи интихобот ба органҳои намояндагии ҳокимият маълум карда мешавад.

**Ҳаракати экологии Ӯзбекистон.** Соли 2008 қонун “Дар бораи бинобар такмилёбии ҳуҷҷатҳои қонунӣ оид ба интихобот дохил кардани тағйирот ва иловаҳо ба баъзе қонунҳои Республикаи Ӯзбекистон” қабул шуд. Аз рӯйи он ба Палатаи қонунгузории Олий Мажлиси Республикаи Ӯзбекистон 135 нафар депутат интихоб шуда, 15 нафар депутати Палатаи қонунгузорӣ аз Ҳаракати экологии Ӯзбекистон, дар анҷумани худаш интихоб карда мешавад. Мувофиқи ин қонун шумораи депутатҳои Палатаи қонунгузории Олий Мажлис 150 нафар муқаррар карда шуд.

Ҳаракати экологии Ӯзбекистон моҳи августи соли 2008 ташкил гардид. Ҳаракати экологии Ӯзбекистон фаъолияти худро барои таъмин намудани шароити муносиби муҳити атроф баҳри зиндагии шаҳрвандон ва насли оянда, беҳтар кардани саломатии аҳолӣ, муҳофизати ҳамаи захираҳои табиӣ ва ҳуқуқҳои оқилона истифода бурдани онҳо, қатъиян иҷро намудани онҳо дар ҷараёни навсозии ҷамъият пурра сафарбар менамояд.

**Дар ёд доред!**

22 декабри соли 2017 Муроҷиатномаи Президенти Ӯзбекистон ба Олий Мажлис эълон шуд. Дар ин Муроҷиатнома барои Ҳаракати экологӣ дар Палатаи қонунгузории Олий Мажлиси Республикаи Ӯзбекистон 15 ҷойи депутатӣ муайян накарда, намояндагони ин ҳаракат дар баробари дигар партияҳо дар асоси рақобат ба воситаи интихобот ба депутатӣ ноил шуданашон пешниҳод карда шуд.

***Эзоҳи истилоҳҳо!***

**Партия** – ( *лот.*partio – порча, як қисм) гурӯҳи иборат аз шахсони аз нигоҳи ғоявӣ ҳаммаслак, манфиаташон як хел, гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё ташкилоти сиёсиест, ки манфиатҳои табақаҳоро ҳимоя менамояд.

**Модернизатсия** – (modern – замонавӣ) навсозӣ, замонавӣ; навсозии давлат, ҷамъият, иқтисодиёт, технология ва нав сохтани дигар соҳаҳо. Услубҳои нав, тағйирот дар асоси ихтироъҳо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

?

**Савол ва супоришҳо:**

1. Органҳои ҳокимияти давлатии маҳаллиро шуморед. Онҳо фаъолияти худро бар асоси кадом қонунҳо пеш мебаранд?
2. Дар бораи дигаргуниҳо дар низоми интихобот чиҳоро медонед?
3. Байни ҳокимияти маҳаллӣ ва органи намояндагии маҳаллӣ чӣ гуна фарқ ва вобастагӣ мавҷуд аст?
4. Дар бораи фаъолияти партияҳои сиёсӣ ҷадвали зеринро пур кунед..

| **Партия** | ПХД Ӯзбекистон | “ПСД “Адолат” | ӮзМТДП | ӮзЛиДеП |
|---|---|---|---|---|
| **Соли ташкилёбӣ** | | | | |
| **Ғояаш** | | | | |

## Мавзӯи 4. Марҳилаҳо ва истиқболи инкишофи ҷамъияти шаҳрвандӣ дар Ӯзбекистон

**Аз давлати пурқудрат – ба сӯи ҷамъияти пурқудрат.** Дар марҳилае, ки аз соли 2000 то имрӯзро дар бар мегирад, дар мамлакат ҷараёнҳои фаъоли демократии навсозӣ ва модернизатсия мушоҳида шуд. Вазифаи асосии он марҳила ба марҳила (зина ба зина) гузаштан аз давлати пурқудрат ба ҷамъияти пурқудрати шаҳрвандӣ, ки заминаи асосии мустаҳкамсозии давлатдории миллӣ мебошад, муқаррар гардид. Дар ҳаёти сиёсию иқтисодии кишвар ҷараёнҳои демократиконӣ ва либерализатсия чуқур шуданд, низоми судии истиқлолият ҳимоякунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон мустаҳкам шуд, асосҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ инкишоф намуд, фаъолии иқтисодию сиёсии шаҳрвандон афзуд. Аз ҷониби Ислом Каримов консепсияи ташаккул додани ҷамъияти шаҳрвандӣ ва боз ҳам амиқсозии ислоҳоти демократӣ таҳия карда шуд. Ба ин марҳила боз ҳам демократиконии ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, ислоҳ намудани низоми суду ҳуқуқ, соҳаи фарогирӣ бо ахборот, таъмини озодии сухан, такмилдиҳии қонунҳои оид ба интихобот, либерализатсияи иқтисодиёти ба амиқсозии ислоҳоти демократии бозор нигаронидашуда хос мебошад.

Дар сессияи IX-уми Олий Мажлис дар соли 2002 Нахустпрезиденти мамлакат Ислом Каримов усулиятҳои нави татбиқи ин ислоҳот-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ро ба миён гузошт. Дар он оид ба ислоҳот ҳафт масъала ҳамчун самти устувор муқаррар карда шуд.

Яке аз самтҳои устувор ба воситаи боло бурдани ҷой ва роли ташкилотҳои нодавлатию нотиҷоратӣ дар ҳаёти ҷамъият ҷараёни барпо намудани ҷамъияти шаҳрвандиро амиқ намудан, усулияти “Аз давлати пурқудрат – ба сӯйи ҷамъияти пурқудрат”-ро амалӣ намудан ба шумор меравад.

Роҳи асосии сиёсати давлат ба вуҷуд овардани давлати ҳуқуқию демократӣ, таъмин намудани баробарии ҳама дар назди қонун, ҷорӣ кардани принсипи “шаҳрванд – ҷамъият – давлат”, ҳамин тавр барпо намудани ҷамъияти шаҳрвандӣ муқаррар гардид.

**Консепсияи боз ҳам амиқ намудани ислоҳоти демократӣ ва инкишоф додани ҷамъияти шаҳрвандӣ дар мамлакат.** 12 ноябри соли 2010 Ислом Каримов дар маҷлиси муштараки Палатаи қонунгузорӣ ва Сенати Олий Мажлиси Республикаи Ӯзбекистон дар мавзӯи “Консепсияи боз ҳам амиқ намудани ислоҳоти демократӣ ва инкишоф додани ҷамъияти шаҳрвандӣ дар мамлакат” маърӯза кард. Ин маърӯза аз нуқтаи назари сарҳисоб кардани ислоҳоти татбиқшуда ва муайян намудани самтҳои боз ҳам инкишоф додани ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъият ва давлат аҳамияти бузург дошт. Дар ин Консепсия корҳои анҷомёфта дар роҳи барпо намудани ҷамъияти шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқӣ дар мамлакатамон муфассал таҳлил гардид, вазифаҳои муҳими боз ҳам чуқур намудани ислоҳоти демократӣ дар он самт ва мунтазам давом додани ин роҳ муқаррар шуд.

Дар бобати демократӣ кардани ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ба моддаҳои 78, 89, 93, 96, 98-уми Конститутсия тағйирот дохил карда, бинобар он номзади Сарвазир аз ҷониби партияи сиёсии дар интихоботи Олий Мажлис аз ҳама бештар ҷойи депутатиро гирифта

**Дар ёд доред!**

Консепсия аз шаш қисм иборат аст, дар он демократӣ кардани ҳокимияти давлатӣ, низоми суду ҳуқуқ, ислоҳи низоми суду ҳуқуқ, соҳаи ахборот, таъмини озодии ахборот ва сухан, озодии ҳуқуқи интихобот ва инкишоф додани қонунҳои интихобот, ташаккул ва ривоҷ додани институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ, дар бобати боз ҳам чуқур сохтани либерилизатсияи иқтисодиёт вазифаҳои муҳим муайян шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ё партияҳои сиёсии баробар ҷойгирифта пешниҳод мешавад. Президент номзади пешниҳодшударо дида баромада, дар муддати 10 рӯз барои муҳокима аз тарафи палатаҳои Олий Мажлис ва тасдиқ намудан пешниҳод мекунад. Дар соҳаиислоҳи низоми суду ҳуқуқ институти адвокатура такмил дода, истиқлолияти он боз ҳам мустаҳкам гардид. Ба муносибати либерализатсияи ҷазоҳои ҷиноӣ таснифи ҷиноятҳо тағйир ёфт. Ҳуқуқи додани санксия ба судҳо гузашт.

Қабул шудани қонунҳои “Дар бораи шаффофии фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти идоракунӣ”, “Дар бораи барномаҳои телерадио”, “Асосҳои иктисодии фаъолияти воситаҳои ахбори оммавӣ”, “Дар бораи кафолати дастгирӣ кардани воситаҳои ахбори оммавӣ аз тарафи давлат” муқаррар шуд. Дар натиҷа дар бобати ислоҳи соҳаи ахбор, таъмини озодии ахбор ва сухан дар мамлакат оид ба ин соҳа қариб 10 то санадҳои қонунӣ қабул шуд.

Дар соҳаи таъмини озодии ҳуқуқи интихобот дар Ӯзбекистон ва инкишофи қонунҳои интихоботӣ қонунҳои интихобот такмил дода, низоми интихобот мунтазам ва марҳила ба марҳила либерализатсия карда шуд. Оид ба ҳалли муаммои овоздиҳии пеш аз муддат, таъмини ошкороии фаъолияти комиссияҳои интихоботии участка ба санадҳои қонунии ҷорӣ тағйирот дароварда шуд.

Ҳоло дар мамлакатамон беш аз 9 ҳазор ташкилоти нодавлатию нотиҷоратӣ мавҷуд аст. Шӯъба ва ваколатхонаҳои 29 то ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ фаъолият доранд. Соли 2017 дар бораи такмил додани фаъолият ва пуштибонӣ намудани ташкилотҳои нодавлатию нотиҷоратӣ аз қабили хазинаи “Нуронӣ”, Иттифоқи ҷавонон, Шӯрои фермерон, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва соҳибони замини ҳавлигии Ӯзбекистон, Палатаи савдоию саноатӣ, Шӯрои республикавии мувофиқсозии фаъолияти органҳои худидоракунӣ фармону қарорҳои алоҳида қабул карда шуданд.

**Ба роҳ мондани мулоқот бо халқ.** Соли 2016 бори нахуст дар мамлакат мулоқоти бевоситаи аҳолӣ ва ҳукумат ба роҳ монда шуд. Сентябри ҳамон сол қабулхонаи виртуалии Сарвазир (дар манзили электронии pm.gov.uz) кушода шуд. “Соли мулоқот бо халқ ва манфиатҳои инсон” эълон шудани соли 2017 корҳоро дар ин бобат фаъол намуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бино ба Фармони Президент Шавкат Мирзиёев 28-уми декабри соли 2016 “Дар бораи чораву тадбирҳо оид ба ба куллӣ такмил додани низоми кор бо мурочиатҳои шахсони юридикӣ ва ҷисмонӣ” Қабулхонаҳои халқ ташкил шуд. Ходимони онҳо ходимони девони Президенти Республикаи Ӯзбекистон ҳисоб мешаванд. Декабри соли 2017 Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар маросими ботантана ба муносибати 25-солагии қабули Конститутсия маърӯза карда, ғояи дар заминаи Қабулхонаи халқ ташкил кардани сохтори алоҳида дар назди Президент – Агентии хизматҳои давлатии фавриро баён намуд.

**Мулоҳиза!**

Зарурати кушода шудани қабулхонаи виртуалиро дар чиҳо мебинед? Бо истифода аз маълумотҳои иловагӣ мазмуни калимаи ихтисори “PM” аз манзили интернетии pm.gov.uz-ро фаҳмонед.

Дар давоми як сол ин механизм аз озмоиш гузашта, такмил ёфт ва дар чашми ҷамъияти ҷаҳонӣ муваффақиятҳои моро дар бобати демократия намоиш дод. Президент Шавкат Мирзиёев зимни суханрониаш дар сессияи 72-юми Сарассамблеяи Созмони Милали Муттаҳид ҳокимияти халқ на ба ном, балки ҳамчун мақсади глобалӣ ҷорӣ шуда истоданашро муқаррар карда, дар ҳудуди кишвар ташкил шудани қабулхонаи виртуал ва қабулхонаҳои халқии Президентро, ва ба он ҳазорон шаҳрвандон мурочиат карданашонро таъкид намуд.

**Стратегияи ҳаракатҳо дар бобати панҷ самти устувори тараққиёти мамлакат дар солҳои 2017–2021.** Ислоҳоти калонмиқёсе, ки дар солҳои истиқлол дар мамлакат ба амал баровар-да шуд, дар бобати мустаҳкам намудани давлат-дории миллӣ ва соҳибихтиёрӣ, таъмини амният ва ҳуқуқу тартибот, дахолат нопазирии сарҳадоти давлатамон, бартарияти қонун дар ҷамъият, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, фароҳам овардани муҳити тифоқии байнимиллӣ ва таҳаммулпазирии динӣ таҳкурсии муҳим гардид.

Дар айни замон таҳлили роҳи тайнамудаи мамлакатамон ҳоло бо назардошти тағйирёбии талаби ҷиддии бозори ҷаҳонӣ, дар шароити гло-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Дар ёд доред!**

– Дар Стратегияи ҳаракатҳо 5 то самти устувори боз ҳам ривоҷ додани мамлакат қайд шудааст:

I. Такмил додани низоми сохтмони давлат ва ҷамъият (ҳаворанг – рамзи осмон ва оби тоза, ранги байрақи давлати Амир Темур);

II. Таъмин намудани устувории қонун ва боз ҳам ислоҳ намудани низоми суду ҳуқуқ (сиёҳранг – рамзи устувории қонун ва ору номус);

III. Тараққӣ додани иқтисодиёт ва либерализатсияи он (тиллоранг-- рамзи қудрат, яъне унсурҳои тараққӣ додани иқтисодиёт);

IV. Инкишоф додани соҳаи иҷтимоӣ (ранги сурх – рамзи ҳаёт ва таъмин намудани тарзи муносиби зисти аҳолӣ);

V. Бехатарӣ, таҳаммулпазирии динӣ ва тифоқии байни миллатҳо, сиёсати хориҷии манфиатноки тарафҳо ва амалӣ (ранги сафед – рамзи унсурҳои сиёсати сулҳпарварӣ).

бализатсия пурзӯр шудани рақобат аз давлатамон тақозо менамояд, ки барои тараққиёти бошиддат мутлақо муносибати навро бояд таҳия кунад. Бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев, ки моҳи декабри соли 2016 интихоб шуд, самараи ислоҳотро боз ҳам афзун карда, бо мақсади фароҳам овардани тараққиёти бошиддат, модернизатсияи мамилакат ва ҳамаи соҳаҳои ҳаётро либерализатсия намудан самтҳои устуворро дар амал татбиқ карда, бо фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз 7-уми феврали соли 2017 Стратегияи ҳаракатҳо дар бобати панҷ самти устувори тараққиёти мамлакат дар солҳои 2017–2021 тасдиқ шуд.

Стратегия дар асоси комплексӣ омӯхтани масъалаҳои рӯзмарраи аҳолӣ ва тадбиркоронро ба ташвишоварда, натиҷаҳои таҳлили амалиёт ва таҷрибаи хориҷии қонунҳо ва муҳофизати ҳуқуқ таҳия шудааст.

Стратегияи ҳаракатҳо дар 5 марҳила дар амал татбиқ мешавад, оид ба ҳар кадоме аз онҳо бевосита бо ном ниҳодани сол тасдиқ шудани барномаи давлатӣ барои ҳамон сол дар назар дошта шудааст.

Барои татбиқи амали Стратегияи ҳаракатҳо Комиссияи миллӣ иборат аз 14 нафар бо раҳбарии Президент ташкил шуд, он дар вақташ ва босифат иҷро шудани ҳар як вазифаи ин ҳуҷҷатро назорат менамояд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Эзоҳи истилоҳҳо!***

**Консепсия** – лоиҳаи калонмиқёси ба инкишофи ягон соҳа сафарбаршуда ё маҷмӯи назарҳо.

**Санксия** – дар ҳуқуқшиносӣ чораест, ки нисбат ба шахси ҳуқуқшикан истифода мешавад, ки ба оқибатҳои муайян оварда мерасонад.

**Стратегия** – воситаи таъсир ва услубҳоест, ки ба муддати дуру дароз таҳия мешавад, аниқ кардани истиқболи мақсадҳо.

?

**Савол ва супоришҳо:**

1. Шиори "Аз давлати пурқудрат – ба сӯйи ҷамъияти пурқудрати шаҳрвандӣ"-ро эоҳ диҳед.
2. Фармони Президент Шавкат Мирзиёев 28-уми декабри соли 2016 "Дар бораи чораву тадбирҳо оид ба ба куллӣ такмил додани низоми кор бо муроҷиатҳои шахсони юридикӣ ва ҷисмонӣ" чиҳоро дар назар дорад?
3. Вазифаҳои Қабулхонаҳои халқ аз чӣ иборат аст?
4. "Консепсияи боз ҳам амиқ намудани ислоҳоти демократӣ ва инкишоф додани ҷамъияти шаҳрвандӣ дар мамлакат" аз чанд қисм иборат аст? Онҳоро номбар кунед.
5. Аз адабиётҳои иловагӣ истифода бурда, таркиби Комиссияи миллӣ-оид ба татбиқи амалии Стратегияи ҳаракатҳоро муайян кунед.

# БОБИ Ш. ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДӢ ВА СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ ДАР ӮЗБЕКИСТОН

## Мавзӯи 5. Таҳияи модели ӯзбекӣ. Оғози ислоҳоти иқтисодӣ

Роҳи хоси гузариш ба муносибатҳои бозор дар Ӯзбекистон, "Модели ӯзбекӣ"-и тараққиёт. Вақте Ӯзбекистон мустақил шуд, аҳволи иҷтимоию иқтисодӣ хеле мураккаб буд. Ӯзбекистони ба истиқлол ноилшуда аз сиёсати банақшагирии иқтисодиёт, ки асоси иқтисодиёти замони шӯравиро ташкил медод, даст кашид ва роҳи иқтисодиёти бозорро пеш гирифт. Бино ба таҷрибаи ҷаҳонӣ барои тамоми кишварҳои дунё роҳи ягонаи тараққиёти дорои як андозаи барои ҳама мақбул вуҷуд надорад. Ҳар як кишвар бо назардошти анъанаҳои таърихии тараққиёти ба худаш хос, хусусияҳои миллӣ роҳи худашро, модели худиро бояд таҳия намояд. Ӯзбекистон низ дар асоси ҳамин барномаи умумӣ, мизонҳои умуми қонуният роҳи худи гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорро интихоб кард.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Дар ёд доред!**

Барои гузаштани Ӯзбекистон ба муносибатҳои бозор панҷ усулияте, ки Ислом Каримов кор карда баромада буд, асос шуд: 1. Бартарии иқтисодиёт нисбат ба сиёсат, аз мафкура холӣ будани он. 2. Давлат ислоҳотгари асосӣ ва ташаббускори дигаргуниҳои иқтисодӣ. 3. Устувории қонун, баробар будани ҳама дар назди қонун. 4. Пеш бурдани сиёсати пурзӯри иҷтимоӣ, устувории ҳимояи иҷтимоии табақаҳои мӯҳтоҷи аҳолӣ. 5. Марҳила ба марҳила, мунтазам гузаштан ба иқтисодиёти бозор.

Дар даври аввали гузариш аз иқтисодиёти бозор ҳуқумат ва Президенти республика якчанд санадҳои ҳуқуқӣ қабул кард. Дар солҳои аввали истиқлол барои ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ, хусусан ногиронҳо, оид ба таъмионти давлатии нафақа, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолчиён, муҳофизати тандурустии аҳолӣ ва дигар масъалаҳо қонунҳои республика, қарорҳои ҳукумат ва фармонҳои Президент қабул шуданд.

**Барпо намудани низоми идоракунии ислоҳоти иқтисодӣ. Ташаккулёбии инфрасохтори (инфраструктураи) бозор.** Мақсади асосии ислоҳ намудани иқтисодиёт аз таъмин кардани шароити зист ва фаъолияти инсонҳо, барпо кардани низоми пурқудрат ва мунтазам ривоҷёбандаи тараққиёт аст. Марҳилаи якуми даври гузариш ба муносибатҳои бозор даври аз рӯзи истиқлол то ҷорӣ шудани валютаи миллиро дар бар мегирад. Дар марҳилаи якум ду вазифа ҳал карда шуд. Аввалан, оқибатҳои вазнини тартиби маъмурию фармонравоӣ паси сар карда шуд, ба бӯҳрон хотима гузошта, иқтисодиёт ба субот омад. Дуюм, решаҳои ҳуқуқии муносибатҳои бозор ташаккул ёфт.

Решаҳои ҳуқуқию иқтисодии ҷамъияти ба иқтисодиёти бозор асосёфта дар Ӯзбекистон дар Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон ифодаи худро ёфт. Дар марҳилаи аввали ислоҳот аз тарафи Олий Кенгаш доир ба иқтисодиёт беш аз 100 қонун қабул карда шуд. Дар айни вакт дар ҷараёни хусусигардонӣ сохтори имтиёзҳо ҷорӣ гардид. Дар корхонаҳои хусусишаванда имконияти аз тарафи ходимони ҷамоаҳои меҳнатӣ харида гирифтани аксияҳои имтиёзӣ ба роҳ монда шуд. Фондҳои асосии кӯҳна, объектҳои инфасохтори иҷтимоӣ ба мулкдорони нав бепул супурда шуд. Молу мулки хоҷагиҳои давлатии қишлоқ, фермаҳо, боғҳо ва ангурзорон ба шартҳои имтиёзӣ хусусӣ гардонида шуданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Зарурати хусусикунии мулки давлат яке аз шартҳои барпо намудани ҷамъияти ба муносибатҳои бозор асосёфта мебошад. Дар Ӯзбекистон аз ғояи хусусинамоӣ бо воситаи чек даст кашида шуд, мулки давлат фақат бо роҳи фурӯхтан ба мулкдорони нав шакли дигари мулкдоририро гирифт. 18-уми ноябри соли 1991 Шӯрои Олии Ӯзбекистон қонуни “Дар бораи аз тасарруфи давлат баровардан ва хусусигардонии мулк”-ро қабул кард. Марҳилаи аввали хусусигардонӣ фондҳои истиқомат, корхонаҳои савдо, саноати маҳаллӣ, адои хизмат, шабакаи таҳияи маҳсулоти хоҷагии кишлокро фаро гирифта буд. Бо мақсади ташкил кардани чараёни хусусигардонӣ ва раҳбарӣ намудан ба он дар Республикаи Ӯзбекистон моҳи феврали соли 1992 Кумитаи давлатии идоракунии мулки давлатӣ ва хусусигардонӣ таъсис ёфт. Вай соли 1994 ба Кумитаи давлатии идоракунии мулки давлатӣ ва дастгирӣ кардани тадбиркорӣ табдил ёфт. Хусусигардонии хурд соли 1994 ба поён расид. Оид ба хусусӣ намудани мулки давлатӣ беш аз 20 санади меъёрӣ қабул шуд. Соли 1995 дар хоҷагии халқ соли хусусигардонии оммавӣ гардид. Ба соли 1998 омада шабакаи корхонаҳои хусусӣ якбора афзуд. Дар натиҷаи татбиқи корҳои бузургмиқёс дар бобати хусусӣ намудани мулк дар кишвар иқтисодиёти бисёрқирра ва синфи мулкдорон ба вуҷуд омад.

Дар натиҷаи дар Ӯзбекистон набудани валютаи миллӣ, дар муомила будани рубли солҳои 1961–1992 баромада, зиёда аз он, нисбат ба арзиши аслӣ нархгузорӣ шудани баъзе намуди маҳсулоти озуқаворӣ ба хориҷи кишвар кашонда шудани онҳоро ба амал овард ва дар мамлакат дар бобати таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти асосии истеъмол душвориҳо ба вуҷуд омад.

> **!**
>
> **Худатонро санҷед!**
>
> Ташкилотҳои иқтисодию маъмурӣ – ин... Панҷ усулият – ин...
>
> Ҷараёни хусусигардонӣ – ин... Марҳилаҳои ислоҳот – ин...

**Қабул шудани валютаи миллӣ.** Ӯзбекистон ба истиқлол ноил гардида, барои ба муомила баровардани пули миллӣ худ сар кард. Аммо барои татбиқи ин ҷараён вақт, таҷриба зарур шуд. Аз ин боис Ӯзбекистон дар солҳои 1991—1993 дар минтақаи муомилаи пули собиқ Иттифок—рубл монда буд. Вале истеҳсоли умумии маҳсулот



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дар макони собиқ иттифоқ хеле паст шуда рафт ва рубл ҳам беқурб мегардид. Ӯзбекистон барои ҷорӣ намудани пули нави миллиаш ҷиддӣ пардохт. Аллакай соли 1992 нусхаҳои сӯм-купон тайёр шуда, аз 1 ноябри соли 1993 сӯм-купон ба муомила бароварда шуд. Қурби он ба рубли дар муомила буда баробар буд. Раҳбарияти Ӯзбекистон дар асоси сӯм-купон таҷрибаи зарурӣ ҳосил намуд, барои ҷорӣ кардани валютаи миллии ҳақиқӣ чораҳо дид.

Бино ба фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи ба муомила даровардани валютаи миллии Республикаи Ӯзбекистон” аз 1 июли соли 1994 дар ҳудуди республика валютаи ягонаи миллӣ – сӯм ҳамчун воситаи қонунии пардохт ва маҳдуднашуда дар муомила ҷорӣ карда шуд.

**Дар ёд доред!**

Соли 1994 ба муомила банкнотҳои 1, 3, 5, 10, 25, 100 сӯмӣ, аз соли 1997-ум 200 сӯмӣ, аз соли 2000-ум 500 сӯмӣ, аз соли 2001-ум 1000 сӯмӣ, аз соли 2013-ум 5000 сӯмӣ, аз соли 2017 –ум 10000 ва 50000 сӯмӣ баромад.

**Ташаккулёбии низоми замонавии нақлиёту коммуникатсия.** Баъди дастёбӣ ба истиқлол республика бо мақсади сифатан беҳтар намудани хизматрасонии нақлиёт ба иқтисодиёт ва аҳолӣ ва такмил додани низоми раҳбарии соҳа ширкати ҳавопаймоии миллии «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари» (соли 1992), ширкати давлатию саҳҳомии (аксиядории) “Ӯзбекистон автомобил транспорти” (“Ӯзавтотранс”) (соли 1993), аз соли 1998 Агентии автомобил ва нақлиёти дарёии Ӯзбекистон”, ширкати саҳҳомии “Ӯзбекистон темир йӯллари” (соли 1994) ва дигар идораҳо ташкил карда шуданд. Корхонаҳои нақлиёти мамлакат ба компанияҳои (ширкатҳои) саҳҳомӣ бо иштироки давлат, корпоратсияҳо, ҷамъиятҳои тарзи кушод ва масъулияташ маҳдуд, корхонаҳои ҷамоа табдил дода шуданд.

Дар солҳои аввали истиқлол сохтани роҳҳои автомобили ҷавобгӯи талабҳои байналмилалӣ, таъмири роҳҳои мавҷуда тибқи андозаҳои байналмилалӣ ба нақша гирифта шуд. Бо назардошти мавқеи Республикаи Ӯзбекистон дар Осиёи Марказӣ, бо мақсади равнақ додани алоқаҳои иқтисодӣ бо давлатҳои ҳамсоя ва тараққӣ намудани саноат ва дигар соҳаҳо аз соли 1996 дар қисмҳои гуногуни кӯҳии беш



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

аз 100 км.-и магистрали Тошканд–Андиҷон–Ӯш корҳои сохтмонӣ сар шуд. Туннелҳои Қамчиқ ва Резак барои истифода супурда шуд. Таъмири қисмҳои аз ҳудуди республика гузарандаи роҳҳои автомобили Алмато–Бишкек–Тошканд–Тирмиз ва Самарқанд–Бухоро–Ашхобод–Туркманбоши, як қисми роҳи Осиёро ба воситаи Кавказ ба Европа пайвасткунанда оғоз ёфт. Марҳилаи сохтмони роҳи автомобилии Қӯнғирот–Бейнов иборат аз 314 километр, ки Ӯзбекистонро ба воситаи Қазоқистон бо Федератсияи Россия мепайвандад, ба анҷом расонида шуд.

Барои офаридани шабакаи ягонаи роҳи оҳани Ӯзбекистон дар солҳои 1994–2001 наздики 700 километр роҳи оҳани Навоӣ–Учқудуқ–Нукус сохта шуд.

Барои ба ҳолати мақбул овардани корҳои мусофирбарӣ ва боркашонии ҳамаи намудҳои нақлиёт дар ҳудуди республика, бошиддат тараққӣ додани коммуникатсия, вусъати ҳамкорӣ дар соҳаи мусофирбарӣ ва боркашонӣ ва мувофиқ намудани фаъолият дар бобати инкишофи роҳҳои нақлиётии трансмиллӣ соли 2004 Иттиҳодияи нақлиёт ва коммуникатсияҳои нақлиётии Ӯзбекистон таъсис дода шуд, ки ба таркиби он ширкати давлатию саҳҳомии "Ӯзбекистон темир йӯллари", авиакомпанияи "Ӯзбекистон ҳаво йӯллари", Агентии автомобил ва нақлиёти дарёи Ӯзбекистон, ширкати "Ӯзавтойӯл", ташкилоти лоҳиакашӣ ва сохтмони оид ба бунёди нақлиёту коммуникатся даромаданд.

Дар ин давр самолётҳои дорои тамғаи "Ӯзбекистон ҳаво йӯллари" ба беш аз 40 аэропоти давлатҳои мухталифи дунё парвоз мекардагӣ шуд. Дигаргуниҳо дар соҳаи авиатсия ба мустаҳкам шудани иқтисодиёти кишвар, боз ҳам боло бурдани обрӯи байналмилалии он хизмат менамояд.

Дар бобати сохтмони роҳи оҳан низ корҳои зиёд ба анҷом расонида шуд. соли 2001 341 километри самти роҳи Навоӣ–Учқудуқ–Султонзода, соли 2007 қисми роҳи самти Ғузор–Бойсун–Қумқӯрғон иборат аз 220 км сохта шуд. Барои вусъати алоқаҳои тиҷоратӣ ва нақлиётии байни Ӯзбекистону Афғонистон лоиҳаҳои роҳи оҳан, ки Ӯзбекистонро ба воситаи Афғонистон ба сӯйи укёнус мебарад, таҳия шуд. Соли 2010 Ӯзбекистон барои Афғонистон лоиҳаи аз нигоҳи



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Харитаи роҳҳои оҳани Ӯзбекистон

стратегӣ хеле муҳимро дар амал татбиқ кард, яъне роҳи оҳани Ҳайратон–Мазори Шарифро иборат аз 75 километр сохта дод. Татбиқи амали ин гуна лоиҳаҳои транзитӣ барои вусъати географияи савдои хориҷии Ӯзбекистон асос мешавад.




Туннели Қамчиқ

Дар моҳи июни соли 2016 роҳи оҳани Ангрен–Поп ва туннели Қамчиқ кушода шуд. Сохтмони шабакаи Ангрен–Поп ба воситаи ағбаи Қамчиқ водии Фарғонаро ба дигар ҳудудҳои Ӯзбекистон пайваст. Ғайр аз ин, масофаи роҳи оҳан 123,1 километрро ташкил карда, дар доираи ин лоиҳа тунелли роҳи оҳани дарозиаш 19,2 км. сохта шуд.



Поезди «Afrosiyob»

Ҳукумати Республикаи Ӯзбекистон барои ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар соҳаи мусофирбарӣ дар самти Тошканд–Самарқанд ҳаракати поезди зудравро ташкил кард. Поезди нави зудрав номи Афрсиёбро (ба шарафи шаҳри бостонии дар вилояти



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Самарқанд ҷойгирбуда) гирифт. Аз октябри соли 2011 сар карда онро бо мақсади тиҷоратӣ истифода мебурдагӣ шуданд. Ҳамон сол поезди дуюм оварда шуд, аз моҳи майи соли 2012 ҳаракати он сар шуд.



**Дар ёд доред!**

Ин самти зудрави замонавӣ соли 2015 то шаҳри Қаршӣ, соли 2016 самти "Тошканд–Бухоро", соли 2018 самти "Тошканд–Хива" ба истифода супурда шуд. Суръати ҳаракати ин поезд соате то 250 километрро ташкил менамояд.

Дар солҳои истиқлол сохтмони метрои Тошканд ҳам босуръат давом кард. Моҳи августи соли 2001 қисми якуми самти Юнусобод иборат аз 6 истгоҳ ба истифода супурда шуд.

Соли 2016 бо ташаббуси Шавкат Мирзиёев сохтмони хати метрои Сергели иборат аз 7,1 километр сар шуд. Бино ба қарори ҳукумат линияи нав то соли 2020 сохта, ба истифода дода мешавад. Хатти метрои Сергели бо усули эстакада, ки дар Осиёи Марказӣ ҳанӯз мислаш нест, сохта мешавад. Яъне ин роҳ мисли кӯпрук сохта хоҳад шуд, поезд дар болои замин ҳаракат менамояд.

Ӯзбекистон аз қабили 34 давлат аст, ки имконияти бевосита ба укёнус баромаданро надорад. Аз ин сабаб нақлиёти ҳавоии республика дар иқтисодиёт аҳамияти калон дорад. Соли 2012 авиакомпания бо киштиҳои ҳавоии замонавӣ таъмин гардид. Авиакомпанияи "Ӯзбекистон ҳаво йӯллари" ба беш аз 25 кишвари дунё парвозҳоро ба роҳ монда, соле то 75 ҳазор ҳаракати ҳавоии транзитиро идора менамояд. Инчунин, маркази хизматрасонии техникавӣ дар таркиби авиакомпания амал менамояд, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ягона буда, ба самолётҳои русуми охирин хизмат мерасонад ва аз таъмир мебарорад. Аз хизмати он самолётҳои 320 ширкатҳои авиатсионӣ баҳраманд мешаванд. Дар ихтиёри авиакомпанияи миллии Ӯзбекистон самолётҳои Boeing-757/767, A-320, самолётҳои сохти ватании IL-114-100, самолётҳои боркашони Boeing-767-300 ER мавҷуд аст. Дар соли 2016 самолётҳои русуми нави Boeing-787 Dreamliner оварда шуданд. Агар ба харитаи парвози байналмилалӣ назар кунем, Ӯзбекистонро бо ҳамаи шаҳрҳои бузурги ИДМ ва бо қариб панҷоҳ кишвари дунё, аз қабили ШМА,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Лайнери ҳавоии Ӯзбекистон

Германия, Британияи Кабир, Швейтсария, Ҳиндустон, Туркия, Арабистони Саъудӣ, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур ба воситаи ҳаво мепайвандад.

Дар таркиби авиакомпанияи “Ӯзбекистон ҳаво йӯллари” 11 то (дар Тошканд, Нукус, Самарқанд, Бухоро, Урганҷ, Тирмиз, Қаршӣ, Намангон, Андиҷон, Фарғона, Навоӣ) аэропортҳои замонавӣ ба дараҷаи андозаҳои байналмилалӣ модернизатсия карда шудаанд.

Аэропорти байналмилалии Тошканд, ки соли 2017 номи Ислом Каримовро гирифт, дар Осиёи Марказӣ яке аз аэропортҳои

> **!** **Худатонро санҷед!**
>
> Аэропорти байналмилалӣ – ин... Соли 2018 – ин... Соли 2016 – ин...
> Поезди”Афросиёб” – ин... Соли 2012 – ин.. Соли 2017 – ин...



Автомашинаҳои аввалине, ки дар корхонаи муштараки “O’zDAEWOO” истеҳсол шудааст.

байналмилалии калонтарин ба ҳисоб меравад. Аэропортҳои Самарқанд ва Урганҷ низ мақоми байналмилалиро гирифтаанд.

**Асос гузоштан ба саноати автомобилсозии миллӣ.** Моҳи августи соли 1992 дар Тошканд байни корпоратсияи “DAEWOO Motors” ва консерни давлатии “Автоқишхоҷмаш” дар бораи сохтани корхонаи муштараки автомобилсозии “O’zDAEWOO avto“ шартнома ба имзо расид. Муассиси он корпоратсияи “DAEWOO Motors” ва иттиҳодияи “Ӯзавтосаноат” дар бораи саҳми тарафҳо баробар ба 50% аҳду паймон намуданд. Дар сохтмони корхона технологияи пешқадам, муҳандисони соҳибтаҷриба, ҷавонони ӯзбекистонӣ ҷалб карда шуданд. Беш аз 1000 нафар ҷавонони ӯзбекистонӣ ба Кореяи Ҷанубӣ рафта, дар ширкати “DAEWOO“ кор карда, таҷрибаи автомобилсозиро



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


Автомобилҳои боркаши “MAN”

омӯхта омаданд. Соли 1996 корхонаи муштараки “O’zDAEWOO avto“ кушода шуд. Ҳоло ба таркиби ширкати саҳҳомии “Ӯзавтосаноат” ширкатҳои асосии истеҳсолӣ аз қабили ҷамъияти саҳҳомии “GM Uzbekistan” (соли 2007), “SamAuto” (заводи автомобили Самарқанд, соли 1999), “MAN Auto Uzbekistan” (соли 2009), КМ “GM Powertrain Uzbekistan” фаъолият мебаранд. Дар айни замон дар натиҷаи татбиқи барномаи маҳалликунии саноати автомобили Ӯзбекистон дар таркиби ширкати саҳҳомии “Ӯзавтосаноат” беш аз 75 корхона кор мекунад.

**Мулоҳиза намоед!**

Ҳоло қариб ҳар дуюмин хонаводаии мамлакат соҳиби автомобили шахсӣ аст. Ин ҷумларо вобаста бо ислоҳоти бузургмиқёси мамлакат дар шароити имрӯза эзоҳ намоед.

Бино ба қарори Президент дар соли 2017 “Дар бораи ташкил намудани корхонаи “Uzbekistan Pejo Sitroen Automjtive” бо иштироки инвеститсияҳои хориҷӣ дар минтақаи озоди иқтисодии “Ҷиззах” ширкати саҳҳомии “Ӯзавтосаноат” дар ҳамкорӣ бо гурӯҳи “Pejo Sitroen”-и Франсия зери брендҳои “Pejo” ва “Sitroen” истеҳсоли автомобилҳои сабуки тиҷоратии мусофирбар ва боркашон ба роҳ

**Дар ёд доред!**

Соли 1996 дар шаҳри Асакаи вилояти Андиҷон дар ҳудуди Осиёи Марказӣ нахустин заводи автомобил ба кор даромад. Аз ҳамон сол сар карда, истеҳсоли чандин русуми мошинҳо ба роҳ монда шуд. Соли 1996 – Дамас, Тико, Нексия; соли 2001 – Матиз; соли 2002 – Нексия Донс; соли 2003- Шевролет Ласетти; соли 2004-Матиз Бест; соли 2006-Дамаси нав; соли 2007- Шверолет Каптива, Эпика, Такума; соли 2008-Нексияи-2; соли 2010-Шевролет Спарк; соли 2012-Шевролет Малибу, Шевролет Кобалт; соли 2013-Ласетти 2 (Жентра); соли 2014-Шевролет Орландо. Соли 2015-Малибу-2, ЖС “Ӯзавтосаноат” таҳти маркаи миллии “Равон” тақдимоти модели Нексия-3-ро гузаронд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

монда шуд. Дар он ҷо аз соли 2019 корхонаи истеҳсоли автомобили сабукрави тиҷоратӣ барои эҳтиёҷи бозори дохилӣ ва берунӣ сохта мешавад.

**Ислоҳоти аграрӣ.** Дар солҳои истиқлоли миллӣ дар асоси санадҳои меъёри ҳуқуқии аз тарафи ҳукумат қабулшуда дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ислоҳот гузаронида шуд. Дар натиҷаи татбиқи амалии ислоҳоти аграрӣ дар деҳот дар мамлакат хоҷагиҳои серқирра пайдо шуданд. Дар соли 1990 82 фоизи ғаллаи истеъмоли аҳолӣ, 50 фоизи картошка, гӯшт ва маҳсулоти гӯшт, 60 фоизи шир ва маҳсулоти шир аз хориҷи кишвар оварда мешуд. Дар натиҷаи ислоҳоти куллии аграрӣ дар солҳои 1991–2000 дар ҳаёти деҳоти Ӯзбекистон шакл ва низоми нав ба вуҷуд омад.



Дар саҳрои хоҷагии фермерӣ

Бо назардошти камии об дар минтақа, аз соли 1998 дар соҳаи пахтакорӣ дар асоси технологияи Исроил усули обёрии чакрагӣ, бо ташаббуси пахтакорони андиҷонӣ технологияи зери плёнка коштани чигит ҷорӣ карда шуд. Инчунин, Ӯзбекистон дар бобати парвариши канап, тамоку дар дунё ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи чорводорӣ қарори Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон дар соли 1995 "Дар бораи чораву тадбирҳои давом додани хусусигардонӣ дар чорводорӣ ва дастгирӣ намудани тадбиркории хусусӣ" қабул шуд. Дар натиҷа 75 фоизи маҳсулоти гӯшт ва ширро дар мамлакат сектори хусусӣ медодагӣ шуд. Дар Ӯзбекистон дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозор ташкилёбии хоҷагиҳои фермерӣ мазмуни асосии ислоҳоти аграриро ташкил медод. Қабули қонуни Республикаи Ӯзбекистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" марҳилаи якуми онро муайян карда дод. Қабул шудани қонуни Республикаи Ӯзбекистон "Дар бораи хоҷагиҳои фермерӣ" дар соли 1998 барои комилан инкишоф додани соҳа асоси ҳуқуқӣ шуд.

Дар солҳои аввали истиқлол раҳбарияти мамлакат масъалаи ҳалли муаммои озуқавориро аз ҳисоби имкониятҳои дохилӣ, хусусан таъ-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мини истиқлолият аз ғалларо ҳамчун вазифаи қатъӣ бе пеш гузошт. Дар кишвар ба яккаҳукмронии пахта хотима гузошта шуд. Дар натиҷа бехатарии озуқаворӣ, ҳудкифоятии ғалла таъмин шуд.

Дар хоҷагии деҳоти Ӯзбекистон оид ба таъминоти об ва беҳтар кардани ҳолати мелиоративии замин дар солҳои 2003–2009–1 то лоиҳаи баробари 801, 5 ҳазор доллари ШМА дар амал татбиқ карда шуд. Дар натиҷаи амалӣ шудани онҳо ҳосилнокии зироат чанд андоза баланд шуд, имконияти афзоиши даромади хоҷагиҳои фермерӣ васеъ гардид.

Бо мақсади боз ҳам вусъат бахшидани ислоҳот дар хоҷагии қишлоқ дар соҳа барномаҳои давлатие таҳия шуданд, ки ба истифодаи технологияи об ва энергияро сарфакунанда, баланд кардани ҳосилнокии замин равона шуданд.

Дар солҳои 2008–2012 дар доираи Барномаи давлатии беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришавандаи мамлакат дар коллектор-дренажҳои байнихоҷагӣ ва дохили хоҷагии дарозиашон беш 10 ҳазору 500 километр корҳои таъмир анҷом дода шуданд. Аз соли 2008 дар мамлакат ҳолати мелиоративии қариб 1 миллиону 500 ҳазор гектар замини обёришаванда беҳтар карда шуд, масоҳати майдонҳои оби зеризаминиашон баланд ба 415 ҳазор гектар ё қариб 10 фоиз кам шуд, майдонҳои дараҷаи шӯрашон баланд ва миёна ба 113 ҳазор гектар кам гардид.

Модернизатсияи истеҳсолот дар хоҷагии қишлоқ, аз ҷиҳати техникӣ ва технологӣ нав намудани он барои болоравии самаранокии соҳаҳои он кӯмак расонд. Бо ташаббуси раҳбари республика соли 2010 аз давлатҳои Украина ва Полша ниҳолҳои пакана ва нимпаканаи себ, нок, олуболу, гелос, шафтолу, ки дар асоси технологияҳои интенсивӣ парвариш мешавад, асосан дар хоҷагиҳои фермерии вилоятҳои Тошканд ва Самарқанд кошта шуданд. Барои сол аз сол бештар бунёд кардани ин гуна боғҳо, хусусан дар хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ барномаҳои чораву тадбирҳо таҳия гардид. Дар ҳолати соли 2017 дар ҳудуди республикаамон дар беш аз 5,5 ҳазор гектар ин гуна боғҳои интенсивӣ барпо карда шуд. Ҳоло меваҳои дар ин боғҳо парваришшуда на танҳо дар кишварҳои ҳамсоя, балки дар мамлакатҳои Европа низ экспорт (содирот) мегардад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Эзоҳи истилоҳҳо!***

**Дотатсия** (*лот.* – тӯҳфа) – дода шудани маблағи пул аз як субъекти иқтисодиёт ба дигараш барои пардохти хароҷоти маълум.

**Аэронавигатсия** – (*лот.* – шинокунӣ дар киштӣ) фан дар бораи бурдани аппаратҳои парвоз бо ёрии асбобу воситаҳои зарурӣ ба самти муайян; навигатсияи ҳаво.

**Магистрал** – (*лот.* сар, асосӣ) роҳи асосӣ. Роҳи равуо, умуман қисми асосии ба низом даровардашудаи шабакаи роҳ.

**Савол ва супоришҳо:**

1. Дар солҳои аввали истиқлол вазъияти иқтисодии Ӯзбекистон чӣ гуна буд?
2. Моҳияти низоми тамоили иҷтимоии иқтисодиёти Ӯзбекистон аз чиҳо иборат аст?
3. Модели ӯзбекии тараққиёт ва усулиятҳои асосии он аз чиҳо иборат аст?
4. Дар даврҳои пас аз соли 2010 дар соҳаи барпо намудани соҳаи автомобил ва роҳҳои оҳан чӣ гуна дигаргуниҳо ба амал омаданд?
5. Ҷадвали зеринро пур кунед.

| Р/т | Номи ҷараён | Сол | Аҳамияти он |
|---|---|---|---|
| 1 | Поезди зудрави “Афросиёб” ба кор даромад | | |
| 2 | Ба кор даромадани “O’zDAEWOO avto“ | | |

## Мавзӯи 6. Боло бурдани имконияти истеҳсолии мамлакат ва интегратсия ба низоми иқтисодии ҷаҳон

**Модернизатсияи иқтисодиёт.** Дар марҳилаи баъдинаи ислоҳоти иқтисодии дар соли 2000 оғозшуда ба паст кардани сатҳи дахолати давлат ба иқтисодиёт ва ба пурзӯр намудани кафолатҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагӣ ва ба масъалаҳои ҳимояи онҳо аз дахолати ноқонунии мақомоти назоратӣ эътибори асосӣ дода шуд. Аз соли 2002 истеҳсоли маҳсулоти ҷойи импортро гиранда ва татбиқи амалии барномаи маҳалликунии истеҳсолот оғоз гардид. Зимни он вазифаҳо оид ба диверсификатсияи таркиби содирот (экспорт) ва маҳсулоти ашёи хом, даст кашидан аз экспорти материалҳо, истеҳсоли маҳсулоти тайёри қимати иловагӣ дошта, овардани технологияҳои нав ва бо иштироки инвеститсияҳои хориҷӣ ташкил кардани



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

корхонаҳои муштарак, ки ба болоравии имконияти экспортии мамлакат кӯмак мерасонад, ҳамчун вазифаи аввалиндарача ба миён гузошта шуд. Инчунин сиёсати моли чойи импортро ишғолкунанда, яъне ба чойи импорт намудани маҳсулот ба импорт кардани мошинҳо ва маҳсулоти саноат, барои хочагии қишлоқ овардани ускунаҳо бештар эътибор дода шуд. Дар натичаи диверсификатсияи таркиби молҳои экспорт аз мутеъ будан ба экспорти нахи пахтаи маҳсули яккаҳукмронии пахта халос шуд.

**Аз тарафи давлат пуштибонӣ намудани тадбиркорон, офаридани механизми рағбатманд кардани онҳо.** Аз соли 2001 эътиборан ба воситаи равнақ додани тадбиркории хусусӣ, хусусан, корхонаҳои бизнеси хурду миёна азнавсозии таркибии иқтисодиёт ба амал бароварда шуд. Қонуни дар соли 2000-ум қабулшудаи Республикаи Ӯзбекистон "Дар бораи кафолатҳои озодии фаъолияти тадбиркорӣ" барои ривочи тадбиркории хурду хусусӣ боз ҳам имкониятҳои васеъро кушода дод. Ин имкониятҳо дар фурӯхта шудани аксияҳо ба чамоаҳои меҳнатии корхонаҳои хусусӣ шудаистода бо шартҳои имтиёзӣ, бепул супурдани фондҳои асосии кӯҳна ва объектҳои инфрасохтори ичтимоӣ ба мулкдорони нав, дар асоси шартҳои имтиёзнок хусусӣ сохтани молу мулки корхонаҳои давлатӣ, фермаҳо, боғҳо ва дар пардохти андозҳо фароҳам намудани баъзе имтиёзҳо ифодаи худро меёфт. Дар аснои аз тасарруфи давлат баровардани мулк дар республика барои аҳолӣ кафолатҳои пурзӯри ичтимоӣ фароҳам оварда, таъмин карда шуд.

Қабул шудани қонун дар соли 2002 "Дар бораи фаъолияти суғурта" ва дар асоси фармони Президент аз моҳи феврали соли 2002 ба муддати се сол аз андоз озод кардани ташкилотҳои суғурта дар мамлакат ба озод шудани бозори суғурта ва ривочи он хизмат менамояд.

**Ташаккулёбӣ ва инкишофи бизнеси хурд ва тадбиркории хусусӣ.** Дастёбӣ ба истиқлол барои ба тараққиёти ботадрич баргаштани Ӯзбекистон имконият дод. Ислоҳоти иқтисодию ичтимоии дар асоси консепсияи "модели ӯзбекӣ" оғозёфта барои инкишофи тадбиркорӣ дар республика имкониятҳо кушода дод.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Тараққӣ додани бизнеси хурд ва тадбиркории хусусӣ дар якчанд марҳила сурат гирифт.

***Марҳилаи якум* – солҳои 1991–1996**. Дар ин марҳила ташаккулёбии синфи мулкдорони хурд, ки асоси аз тасарруфи давлат баровардани мулк ва хусусигардонӣ, барпо намудани иқтисодиёти бозорро ташкил доданд, ба амал омад. Дар айни замон дар ин марҳила барои равнақ додани тадбиркории хусусӣ шароити мусоид фароҳам оварда, қонунҳое, ки ҳуқуқҳо ва кафолатҳои конститутсиявии ҳимояи мулки хусусиро таъмин менамоянд, қабул карда шуданд.

***Марҳилаи дуюм* – солҳои 1996–2000.** Дар ин марҳила хусусигардонии калонмиқёс амалӣ карда шуд, имкониятҳои ба соҳаҳои иқтисодиёт ҷалб намудани капитали хусусӣ васеъ гардид, аввалин банкҳои тиҷоратии хусусӣ ва институтҳои ғайрибанкии молиявӣ (ташкилотҳои кредитӣ) фаъолияти худро сар карданд. Соли 1996 дар бозори ҷаҳонӣ нархи пахта паст фаромад, аз ин сабаб даромад аз экспорти ин намуди ашёи хом то 15 фоиз кам шуд, яъне даромади валюта ба иқтисодиёти мамлакат ихтисор гардид. Шароити номусоиди вазъи ҳаво дар солҳои 1998–1999 ба ҳосилнокии пахта таъсири ҷиддӣ расонд. Содироти (экспорти) он 25 % кам шуд. Ҷавобан ба ин ҳолат ҳукумати республика ба масъалаи дастгирӣ намудани истеҳсоли маҳсулоти ҷойи импортро гиранда ва бо душворӣ бошад ҳам барои нигоҳ доштани захираи валюта, истифодаи самарабахши он эътибори алоҳида дод.

***Марҳилаи сеюм* – солҳои 2000–2016.** Дар ин марҳила барои вусъати ривоҷи тадбиркории хусусӣ ва кафолати он якчанд санадҳои ҳуқуқию меъёрӣ қабул шуд. Аз ҷумла бо қабули қонуни “Дар бораи кафолатҳои озодии фаъолияти тадбиркорӣ” дар соли 2000 механизми ба рӯйихати давлат гирифтани субъектҳои фаъолияти тадбиркорӣ содда карда шуд, ба шаҳрвандон дар бобати шуғл бо тадбиркорӣ озодиҳо ва барои манфиатдориашон кафолат ва шароитҳо тақдим шуд, ҳуқуқҳои тадбиркорон ҳангоми гирифтани кредити имтиёзӣ мустаҳкам гардид.

Барои бартараф намудани оқибатҳои манфии бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳон дар соли 2008 имкониятҳои аз кредитҳои банкҳои тиҷоратӣ аз тарафи субъектҳои бизнеси хурд имкониятҳо фароҳам оварда шуданд, барои корхонаҳои хурди бевосита бо истеҳсоли маҳсулот машғулбуда ставкаи ягонаи андоз боз ҳам паст карда шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мувофиқи қарорҳои Президенти Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи чораҳои боз ҳам амиқ намудани ислоҳоти иқтисодӣ дар Ӯзбекистон дар солҳоли 2011–2015” ва “Дар бораи барномаи давлатии “Соли бизнеси хурд ва тадбиркории хусусӣ” самтҳои устувори боз ҳам озод кардани иқтисодиёт ва модернизатсия, ташкил намудани муҳити соҳибкорӣ дар мамлакат муқаррар карда шуданд.

***Марҳилаи чорум* – аз солҳои 2016 сар шуд**. Мувофиқи фармони Президент Шавкат Мирзиёев аз 5-уми октябри соли 2016 “Дар бораи чораву тадбирҳоли иловагӣ доир ба таъмини инкишофи пуршиддати фаъолияти тадбиркорӣ, ҳимояи ҳамаҷонибаи мулки хусусӣ ва боз ҳам беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ” эътибор ба ривоҷи тадбиркорӣ пурзӯр гардонида шуд. Дар Барномаи давлатии “Соли пуштибонии тадбиркории фаъол, ғояҳо ва технологияҳои инноватсионӣ” оид ба тафтиши фаъолияти молиявию хоҷагии субъектҳои тадбиркорӣ ба муддати ду сол мораторий эълон карда шуд.

**Ташкили минтақаҳои озод ва махсуси иқтисодӣ ва аҳамияти онҳо.** Соли 1996 қонуни Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” эълон шуд. Мувофиқи қонун зери ибораи минтақаи озоди иқтисодӣ барои тараққии пурҷадали иҷтимоию иқтисодии минтақа бо мақсади ҷалби сармояи мамлакат ва хориҷӣ, таҷрибаи технология ва идоракунии истиқболӣ дар ҳудуди аниқи пешбинишуда сарҳади маъмурӣ ва дорои тартиботи алоҳидаи ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Дар асоси фармони Президентамон дар соли 2008 “Дар бораи ташкил намудани минтақаи озоди индустриалию иқтисодӣ дар вилояти Навоӣ” маркази логистикаи интермодали байналмилалии “Навоӣ” кушода шуд. Дар соли 2013 фармонҳои Президенти Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи барпо намудани минтақаи махсуси индустриалии “Ҷиззах” ва “Дар бораи барпо кардани минтақаи махсуси индустриалии

**Дар ёд доред!**

Мувофиқи Қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз 2 сентябри соли 2017 дар Ӯзбекистон аз 5-уми сентябр эътиборан шахсони юридикӣ ва ҷисмонӣ валютаи хориҷиро бе ягон маҳдудият ба иваз намудан сар карданд. Ин дар роҳи конвертатсияи сӯм қадами муҳим шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Мулоҳиза!**

Бартараф намудани ҳар гуна мамоният дар роҳи тадбиркорӣ барои ман ҳамчун раҳбари давлат вазифаи бузург аст. Монеъ шудан дар роҳи тадбиркор ҳамчун хиёнат ба давлат баҳо дода мешавад.

*Шавкат Мирзиёев, 7-уми декабри соли 2017.*

“Ангрен” қабул гардиданд. Фармонҳои мазкур барои ташкили истеҳсолоти маҳсулоти рақобатбардошти замонавӣ ва дар асоси технологияи баланд ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ ва маҳаллӣ, дар ин роҳ ташкил додани шароит, истифодаи пурсамари имкониятҳои истеҳсолотӣ ва захиравӣ, офаридани ҷойҳои нави корӣ ва боло бурдани даромади аҳолӣ хизмат хоҳад кард.

Бо назардошти миқдори инвеститсияи ба ин минтақаи иқтисодӣ воридшуда ба муддати аз 3 то 7 сол аз пардохти гумрук ва андоз озод карда шуд. Дар асоси фармонҳои Президенти Республикаи Ӯзбекистон дар моҳи октябри соли 2016 “Дар бораи ташкил намудани минтақаҳои озоди иқтисодии “Ургут”, “Ғиждувон”, “Қӯқанд” ва “Ҳазорасп”, соли 2017 “Дар бораи чораву тадбирҳои иловагӣ доир ба фаъол намудан ва вусъат додани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ” имрӯз (2018) дар мамлакатамон дар 10 ҳудуд 14 то минтақаи (зонаи) озоди иқтисодӣ фаъолият мебарад. Дар минтақаҳои озоди иқтисодии “Навоӣ”, “Ангрен”, “Ургут”, “Ғиждувон”, “Қӯқанд” ва “Ҳазорасп” 62 то лоиҳа татбиқ гардид, бештар аз 4 ҳазору 600 ҷойи корӣ ба вуҷуд оварда шуд. Дар соҳаи дорусозӣ корҳои сохта ба истифода супурдани 7 то корхонаи нави “Нукус-фарм”, “Зомин-фарм”, “Косонсой-фарм”, “Сирдарё-фарм”, “Бойсун-фарм”, “Бӯстонлиқ-фарм”, “Паркент-фарм” бошиддат давом дорад. Бино ба фармони Президент аз соли 2016 бо мақсади як хел номгузорӣ намудан минтақаи озоди индустриалию иқтисодии “Навоӣ, минтақаҳои махсуси индустриалии “Ангрен” ва “Ҷиззах” акнун онҳо минтақаҳои озоди иқтисодии “Навоӣ”, “Ангрен” ва “Ҷиззах” номида шуд.

**Низоми андоз.** Дар моҳи августи соли 1991 дар Ӯзбекистон шакли замонавитарин, низоми типи нави андоз ба вуҷуд омад. Мақомоти андози Ӯзбекистон дар асоси қонуни “Дар бораи андози корхонаҳо, иттиҳодияҳо ва ташкилотҳо”, ки соли 1991 қабул шуда, соли 2008 бо таҳрири нав қабулгардида “Кодекси андози Республикаи Ӯзбе-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

кистон” кор мекунанд. Хароҷоти объектҳои тиббиёт, таълим ва спорт аз базаи ба андоз ситонидани корхонаҳо бароварда, ба ҷойи се пардохте, ки пештар дар савдо амал мекард, андози ягона ҷорӣ карда шуд. Дар асоси таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ тартиб декларатсия намудани даромадҳои солонаи шаҳрвандон ҷорӣ гардид.

Аз соли 2008 эътиборан низ дар мамлакатамон бизнеси хурд ва тадбиркории хусусӣ ҳам барқарор пеш рафтанд. Барои кам кардани бори андози субъектҳои хоҷагӣ пардохти андоз аз 10 фоиз ба 8 фоиз, аз соли 2009 ба 7 фоиз, минбаъд ин нишондиҳанда ба 5 фоиз фароварда шуд. Кам карда шудани ставкаҳои андози даромад аз шахсони ҷисмонӣ ва дар айни замон такмил дода шудани тартиби ҳисобкунии онҳо барои рағбатнок сохтани инкишофи мунтазам тадбиркорӣ (соҳибкорӣ), бизнеси хурду хусусӣ омилҳо фароҳам овարданд.

Дар Стратегияи ҳаракатҳо дар бобати панҷ самти устувори тараққиёти мамлакат дар солҳои 2017–2021 вазифа, аз қабили мунтазам содда гардонидани низоми татбиқи андоз, ба воситаи васеътар

***<u>Эзоҳи истилоҳҳо!</u>***

**Зонаи озоди иқтисодӣ** – дар ин зонаҳо сохти кушоди иқти-содиёти бозор ташкил карда мешавад. Барои тадбиркорони хориҷӣ ва миллӣ имкониятҳои мусоид ва шароити имтиёзнок фароҳам оварда мешавад.

**Зонаи махсуси иқтисодӣ** – ин зонаҳо мақоми алоҳида пайдо мекунанд. Дар асоси имтиёз ва арзону камкарданҳо имкониятҳои савдо ва гумрукӣ дода мешавад.

**Зонаи озоди индустриалии иқтисодӣ**-дар ин зонаҳо вусъати фаъолияти корхонаҳо, модернизатсияи саноат, пур кардани бозори дохилӣ бо маҳсулот, вусъати экспорт ва импорт ба амал бароварда мешавад.

**Зонаи махсуси индустриалӣ** – дар ин зонаҳо аз худ кардани технологияҳои нав, тараққӣ додани саноати соҳаи алоҳида, бо назардошти имкониятҳои хоси иҷтимоии ҳудуд истеҳсоли маҳсулоти махсуси саноатӣ ташкил карда мешавад.

**Логистика** – (*юнонӣ*. logistike, ҳисоб кардан, санъати муҳокима) низоми идоракунии таъминоти моддию техникии ин ё он соҳаи фаъолияти инсон.

**Конвертатсия** – (*лот*. Convertatio – дигар кардан, иваз намудан) ба тарзи озод ва бемаҳдудият иваз намудани валютаи (пули) миллӣ ба валютаҳои хориҷӣ аз рӯйи курси (қурби) дар амалбуда.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

намудани базаи ҷорӣ кардани андоз паст намудани бори андоз пешбинӣ шудаанд. Доир ба таъмини иҷрои ин вазифаҳо ҷорӣ кардани услубҳои замонавии маъмурияти андоз, бо мақсади афзоиш додани ғункунии андоз ва дигар пардохтҳо 18-уми июли соли 2017 фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон "Дар бораи чораву тадбирҳои ба куллӣ такмил додани маъумрияти андоз, афзоиши ғункунии андоз ва дигар пардохтҳои маҷбурӣ" қабул шуд. Аз 1-уми январи соли 2018 сар карда, барои расонидани кӯмаки ҳамаҷониба дар роҳи ҳалли масъалаҳои ситонидани андоз байни мақомоти андоз ва андоздиҳандагон ҷорикунии низоми замонавии назорати андоз – мониторинги андоз, ки мубодилаи васеи ахборотро таъмин менамояд, дар назар дошта шуд.

?

**Савол ва супоришҳо:**

1. Дар соли 2017 дар соҳаи валютаи мамлакат кадом тағйиротҳо рӯй доданд?
2. Ба татбиқи амалии сиёсати давлат дар Ӯзбекистон дар бобати ҷараёнҳои хусусигардонии моликият ва ташаккули синфи мулкдорон баҳо диҳед.
3. Муваффақиятҳо ва муаммоҳои ислоҳот оид ба хоҷагии қишлоқи Ӯзбекистон аз чиҳо иборатанд?
4. Аҳамияти низоми наклиёт, роҳҳои оҳан ва роҳҳои ҳавоӣ дар тараққиёти иқтисодиёти мамлакат чӣ гуна аст? Аз ин хусус фикратонро баён кунед.
5. Аҳамияти ҷалб намудани инвеститсияи (сармояи) хориҷиро ба тараққиёти иқтисодӣ фаҳмонед.
6. Зери ибораи "минтақаи (зонаи) озоди иқтисодӣ чиро мефаҳмед?

## Мавзӯи 7. Сиёсати иҷтимоӣ ва марҳилаҳои татбиқи амалии он

**Аҳволи иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ дар арафаи истиқлолият.** Дар асри XX мамлакате, ки дар харита бо номи "Иттифоқи Республикаҳои Советии Сотсиалистӣ" (СССР) давлате вуҷуд дошт, ки беш аз 70 сол ҳукмронӣ намуд ва он ҳудуди калонро дар бар гирифта, ба сохтори маъмурию фармонравоӣ асос ёфта, сиёсати ба давлати бузург хос ва саҳеҳ набудаи иҷтимоию иқтисодиро татбиқ карда буд, ки бар оқибати он ба охири солҳои 1980 омада дар қатори ҳамаи республикаҳои иттифоқӣ аҳолии Ӯзбекистон низ шароити вазнини



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Дар ёд доред!**

Дар ин давр суръати миёнаи афзоиши аҳолӣ 2,8 фоизро ташкил медод. Соли 1991 шумораи аҳолии мамлакат ба 20,7 миллион нафар расид, яъне нисбат ба соли 1990 ба 386,0 ҳазор нафар афзуд. Ин рақам беш аз се баробар зиёд будани суръати афзоиши аҳолии Ӯзбекистонро нисбати суръати афзоиши аҳолии Иттифоқ нишон медод.

зист дошт, аҳолии вай дучори бисёр шиканҷаҳо гардид. Дар оқибати ин муаммоҳо дар охири солҳои 1980 ибтидои солҳои 1990 дар Ӯзбекистон вазъияти иҷтимоӣ тезутунд шуд. Хусусан, вазъи демографии республика мураккаб гардид.

Аммо ин гуна афзоиш ёфтани аҳолӣ дар давоми солҳои тӯлонӣ бо ҷараёни зиёд намудани ҷойи кории саноат ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт ва фароҳам овардани шароити зарурии зист барои мардум ҳамоҳанг ташкил нашуда буд. Ин омил боиси вазнин шудани шароити зиндагии одамон, афзоиши бекорӣ, кам шудани самаранокии меҳнати иҷтимоӣ ва камдаромадии аҳолӣ, натиҷаи пастравии сатҳи зисти мардум гардид. Дар республика аҳволи иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоии одамон ва ҳимояи иҷтимоии онҳо дар сатҳи ғайриқаноатбахш буд. Хусусан, таъмин будани аҳолии деҳот бо гази табиӣ ҳамагӣ 5 фоизро, бо оби ошомидани қариб 50 фоизро ташкил медод. Дар бобати таъмин наму-

**Дар ёд доред!**

Дар ҳолати 1-уми январи соли 2018 аҳолии Ӯзбекистон 32, 65 миллион нафарро ташкил дод. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2017 1,7 фоиз афзоиш ёфтааст. Аз ҷумла, ҷамъи шумораи аҳолии шаҳр 50, 6 фоизро, аҳолии деҳот 49,4 фоизро ташкил дод. Ҳудудҳое, ки шумораи аҳолиаш аз 3 миллион нафар зиёд аст, 4 то буда, онҳо вилоятҳои Самарқанд, Фарғона, Қашқадарё ва Андиҷон мебошанд. Дар Ӯзбекистон аз се як қисми аҳолии Осиёи Миёна ҳаёт ба сар мебарад.

дани аҳолӣ бо ҷои зист, ҳифзи саломатӣ, объектҳои маданият, хизмати маишӣ, мактаб, кӯдакистон ва монанди инҳо пешравӣ ҳис намешуд. Ҳол он ки, аксари қисми аҳолӣ дар деҳот истиқомат дошт.

Ҳолатҳои фавқуззикр ба паст шудани даромади аҳолӣ ва сатҳи зиндагии он оварда расонданд. Соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ: аҳволи ҳифзи саломатии мардум, маорифи халқ, муассисаҳои томактабии бачагон хеле вазнин гашта буд, 60 фоизи мактаб ва шифохонаҳо дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

> **Дар ёд доред!**
> Самти асоситарини низоми чораву тадбирҳои ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ бинобар сабаби озод гардидани нарх ва болоравии сатҳи беқурбии пул мунтазам болоравии дараҷаи аз ҳама кам ва миёнаи даромадҳо ба ҳисоб меравад.

биноҳои нобоб ҷой гирифта буданд. Ин омилҳо аз норасоии шароит барои ҳамаҷониба камол ёфтани инсон, ғайр аз инкишофи маънавии он, лоақал барои зиндагии одамон нарасидани чизҳои оддитарин далолат медиҳанд.

**Ташаккули консепсияи сиёсати иҷтимоӣ.** Таъмин намудани ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ самти асосии сиёсати давлат ба ҳисоб меравад. Қисми муҳими панҷ усулияте, ки аз тарафи Ислом Каримов таҳия гардид, бо ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ вобаста буд. Ҳукумати Ӯзбекистон дар асоси ҳамин панҷ усулият дар даври гузариш барои ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ чораҳо дид. Ин чораҳо барои гирифтани пеши роҳи якбора пастравии сатҳи зиндагии одамон нақши муҳим мебозид.

Барои барпо намудани иқтисодиёти бозаргонии самти иҷтимоӣ дошта дар мамлакат аз тарафи давлат сиёсати ҳимояи пурзӯри иҷтимоӣ татбиқ гардид. Сиёсати иҷтимоӣ яке аз усулиятҳои асоситарини роҳи худии истиқлол ва тараққиёти Ӯзбекистон ба ҳисоб меравад. Дар республика муҳити ҳуқуқии ҳимояи иҷтимоӣ фароҳам оварда шуд. Усулиятҳои ҳимояи иҷтимоӣ дар Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон кафолат дода шуда, дар қонунҳо ифодаи худро ёфтаанд. Дар мамлакат кафолати гирифтани даромад амалӣ гардид.

Музди кори ҳаддалақал ва дигар пардохтҳо одатан аз аввалан зиёд карда мешаванд, вобаста бо дигаршавии нархи наво татбиқ мегардад, ин омили нигоҳ доштани имконияти пардохт намудани аҳолӣ шуда, ба якбора паст рафтани сатҳи зиндагии он роҳ намедиҳад.

Самти дуюми ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ ҳимояи бозори дохилии истеъмол ва истеъмоли намудҳои асосии маҳсулоти озуқаворӣ ва ғайриозуқавориро дар як сатҳ нигоҳ доштан гардид. Роҳи расидан ба ин мақсад экспорти маҳсулотро ба воситаи назорати низоми гумрук ва ҷорӣ намудани боҷи калон ба ин маҳсулот, ташкил намудани фурӯши меъёрии маҳсулоти истеъмолашон ҳаррӯза ва дигар тадбирҳо шуданд, ки онҳо дар ин роҳ аҳамияти калон доштанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар марҳилаи аввали ислоҳоти иқтисодӣ самти сеюми татбиқи сиёсати иҷтимоӣ-амалӣ намудани чораву тадбирҳои ҳимояи иҷтимоӣ ва дастгирӣ кардани табақаҳои камтаъмини аҳолӣ гардид. Дар ин самт табақаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ ночори аҳолӣ – нафақахӯрон, ногироён ва оилаҳои камдаромад, бекорон, ҷавонони донишомӯз, инсонҳои даромадаш ками қайдшуда бо роҳҳои гуногун ҳимоя карда шуданд.

Дар мобайни солҳои 1992–2017 музди кор ва нафақаҳо, миқдори стипендияҳои донишомӯзони мактабҳои олӣ, аспирантҳо ва докторантҳо якчанд бор зиёд карда шуд. Бо назардошти аҳволи иҷтимоии нафақахӯрон аз миқдори музди ҳаддалақал бештар будани миқдори мутлақи ҳаддалақали нафақа таъмин карда шуд. Ин принсип ба усулияти адолати иҷтимоӣ комилан мувофиқ меояд.

Дар соли 1994 сохтори ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ ба таври куллӣ тағйир ёфт. Тартиби тамоман нав, пешқадами расонидани ёрии иҷтимоӣ ба аҳолии Ӯзбекистон ҷорӣ карда шуд. Моҳияти ин тартиб аз он иборат аст, ки бачаҳо ва оилаҳои даромадашон кам инсонҳои асосии аз ин ёрдам баҳрамандшаванда гардиданд.

Аз моҳи сентябри соли 1994 барои ҳамаи оилаҳои фарзанддор нафақаи ягона ҷорӣ карда шуд. Ин ёрдам ба воситаи ҷамоати шаҳрвандони маҳалла, ки ба одамон наздиканд, амалӣ шуд.

Моҳи декабри соли 1996 барои баланд бардоштани рол ва масъулияти мақомоти худидоракунии шаҳрвандон дар бобати татбиқи амалии чораву тадбирҳои бахри пурзӯр намудани расонидани ёрии иҷтимоӣ ба оилаҳои фарзанддор боз як фармон бо номи “Дар бо-

**Кори мустақилона**

Дар асоси ин маълумот бо истифода аз адабиёти иловагӣ эссеи хурд нависед!

Аз соли 1996 нафақаи моҳонае, ки ба ҳамаи оилаҳои фарзандони то 16-сола дода мешуданд, зиёд карда, ин нафақаҳо бо назардошти шумораи бачаҳо чунин муайян шуданд: ба бачаҳои як фарзанд дошта – баробари 30 фоизи маоши ҳаддалақал, оилаҳои ду нафар фарзанд дошта – 60 фоизи маоши ҳаддалақал; ба оилаҳои дорои се фарзанд – баробари 80 фоизи маоши ҳаддалақал; ба оилаҳои соҳиби чор фарзанд – 100 фоизи маоши ҳаддалақал; дорои панҷ ва аз он зиёд баробари 120 фоизи маоши ҳаддалақал.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

раи минбаъд ҳам пурзӯр кардани пуштибонии оилаҳои фарзанддор аз тарафи давлат” қабул карда шуд. Мувофиқи он аз соли 1997 ба оилаҳои фарзанддори ба ёрӣ мӯҳтоҷ бо назардошти баробари аз 50 фоизи музди кори ҳаддалақал то 175 фоиз нафақа медодагӣ шуд. Бо

**Дар ёд доред!**

Аз соли 1997 ҳар сол ба донишомӯзони синфи якум анҷомҳои мактаб, китобҳои дарсӣ бепул дода мешавад, ба бачаҳои оилаҳои камтаъмине, ки дар синфҳои поёнӣ таҳсил мекунанд, либосҳои гарми зимистонӣ бепул дода мешавад.

мақсади солимгардонии бачаҳои ногиро бо ташаббуси Вазорати ҳифзи тандурустӣ, Бунёди “Соғлом авлод учун” бо ҷалби ҳамкорони хориҷӣ бачаҳои бемориашон модарзот бо роҳи гузаронидани ҷарроҳиҳои мураккаб муолиҷа карда шуданд.

**Ҳимояи кӯҳансолон.** Дар мамлакати мо ба пурзӯр намудани ҳимояи иҷтимоии қисми эҳтиёҷманди аҳолӣ, аз ҷумла, кӯҳансолони танҳо, нафақахӯрон ва ногироён эътибори алоҳида дода мешавад. Хусусан, соли 2005–дар “Соли саломатӣ” ҷойи зисти наздики 2 ҳазор кӯҳансолони танҳо таъмир карда, ба оилаҳои камтаъмин ва шаҳрвандони кӯҳансол ёрии моддӣ нишон дода шуд.

Бино ба қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон дар соли 2006 “Дар бораи барномаи чораву тадбирҳои пурзӯр намудани ҳимояи аниқи иҷтимоӣ ба кӯҳансолони танҳо, нафақахӯрон ва ногироён ва хизматрасонии иҷтимоии онҳо дар солҳои 2007–2010” аз ҳисоби бунёди “Нуронӣ” барои муолиҷаи табақаҳои ба ҳимояи иҷтимоӣ мӯҳтоҷи аҳолӣ, собиқадорон дар масканҳои муолиҷа, ба хонаҳои “Саховат” ва “Мурувват” воситаи доруворӣ расонда шуд. Дар ҳамкорӣ бо шӯъбаҳои ҳудудии вазоратҳои Меҳнат ва муҳофизати иҷтимоии аҳолӣ ва Ҳифзи тандурустӣ кӯҳансолон пурра аз муоинаи диспансерӣ гузаронида шуданд.

Дар шаҳри Тошканд шифохонаи дорои 150 ҷой ва шароити муносиб ба собиқадорон хизмат мекунад. Дар шифохонаҳои назди беморхонаҳои вилоятҳо бо ёрии амалии шӯъбаҳои вилоятии бунёд ва ҳокимияти маҳаллӣ “Хонаҳои нурониён” ташкил карда шуданд, ки дар онҳо кӯҳансолони танҳо ва ногироёнро бепул муолиҷа менамоянд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба ҳамаи Хонаҳои “Саховат” ва “Мурувват”, “Меҳрубони”-и республика, мактаб-интернатҳои махсус аз тарафи ҳомиён ҳар сол ёрии моддӣ расонида мешавад. Дар соли 2015 низ бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани дараҷа ва сифати ҳаёти кӯҳансолон, васеъ намудани миқёси пуштибонии моддию маънавии онҳо инсонҳои солашон бузург, хусусан, ба собиқадорони ҷанги солҳои 1941—1945 ва фронти меҳнат такмил додани таъминоти иҷтимоӣ ва нафақа, расонидани хизмати тиббӣ



**Дар ёд доред!**

Ҳар сол 9-уми май ба муносибати “Рӯзи хотира ва қадр” иштироккардагони ҷанг мукофотонида мешаванд. Хусусан, бино ба фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз 4 апрели соли 2017 ба иштирокчиёни ҷанги дуюми ҷаҳонӣ 2 млн. сӯмӣ мукофот дода шуд. Ба баъзе иштирокчиёни ҷанг хонаҳои комилан муҷаҳҳаз, бепул ба амал овардани Ҳаҷ ва бенавбат харидани автомобил барин имтиёзҳо дода шуд.

соли 2015 “Соли эъзоз намудани кӯҳансолон” эълон шуд. Ҳамасола ба иштирокдорони ҷанг ва хизматчиёни фронти ақибгоҳ ёрии бепули тиббӣ расонида мешавад, онҳо дар истироҳатгоҳу фароғатгоҳҳо муолиҷа мегиранд, бо дигар воситаҳои зарурӣ таъмин мешаванд.

Дар мамлакат эълон шудани соли 2007 “Соли ҳимояи иҷтимоӣ-дар бобати таъмини ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ васеъ татбиқ намудани тадбирҳои оиди беҳбуди зиндагӣ ифодаи сиёсати калонмиқёси давлат гардид. Аз ин нигоҳ соли 2007 дар бобати амалӣ намудани механизмҳои расонидани ёрии иҷтимоӣ аз тарафи давлат ба оилаҳои эҳтиёҷманд усулиятҳои риояашон зарурии мақомоти худидоракунии шаҳрвандон боз ҳам такмил дода шуданд.

**Муҳофизати саломатии модарон ва бачаҳо.** Дар республика барои муҳофизати модарон ва бачаҳо аҳамияти калон дода мешавад. Қабул шудани қарори махсуси Девони Вазирони “Дар бораи ташкил намудани Низоми давлатии “Скрининги модар ва кӯдак” барои ги-



**Назорати тиббии кӯдакон**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Соли 2015 бино ба маълумоти Ташкилоти умумиҷаҳонии ҳифзи саломатӣ 92 фоизи бачаҳои дар Ӯзбекистон таваллудшуда мутлақо солиманд. Дар рейтинги ташкилоти байналмилалии “Бачаҳоро эҳтиёт кунем” Ӯзбекистон ба қатори даҳто мамлакати пешқадаме, ки барои мустаҳкам намудани саломатии бачаҳо ғамхӯрии бузург зоҳир мекунад, дохил шуд.

рифтани пеши роҳи таваллуди ногироён аз кӯдакӣ, барвақт аниқ кардани паталогияи модарзотии бачагони навтаваллудшуда ва дар занони ҳомиладор” ривоҷи ин соҳа ҳиссаи калонмиқёс гардид.

Соли 2009 қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи барномаи чораву тадбирҳои боз ҳам пурзӯр намудан, баланд кардани пурзӯркунию самаранокии корҳои оид мустаҳкам кардани саломатии репродуктивии аҳолӣ, таваллуди кӯдаки солим, ба воя расонидани насли баркамоли ҷисмонию маънавӣ дар солҳои 2009–2013” қабул шуд. Мувофиқи ин қарор барои ислоҳи соҳаи ҳифзи саломатӣ ва дар ин соҳа таъмин намудани тағйироти сифатӣ корҳо давом дода шуданд. Дараҷаи эм кардани касалиҳои сирояткунанда дар байни бачаҳо қариб 100 фоизро ташкил дод.

Дар ҳамаи марказҳои вилоятҳо барои калонсолон ва бачаҳо марказҳои бисёрсоҳаи тиббӣ, дар ҳар як ноҳия фаъолияти пунктҳои муолиҷагоҳи деҳот, ки бо асбобу ускунаҳои замонавии тиббӣ муҷаҳҳазанд, ба роҳ монда шуданд. Ҳоло дар республика қариб 3000 муолиҷагоҳи деҳа фаъолият нишон медиҳанд.

Соли 2016 дар Ӯзбекистон “Соли модар ва фарзанди солим” эълон шуд. Дар соли 2016 дар ноҳияҳои деҳотиии канори республика барои аҳолӣ, хусусан барои занону духтарон фароҳам овардани шароити зарурии иҷтимоӣ, маишӣ ва тиббӣ, бо оби ошомидании тоза, гази табиӣ таъминкунии аҳолии деҳот, беҳтар кардани сифати хизмати маишӣ корҳо мунтазам давом дода шуданд.

Дар давоми солҳои гузашта дар диёрамон дараҷаи миёнаи умри аҳолӣ ҳам хеле дароз шуд. Агар дар соли 1997 нишондиҳандаи умумӣ

**Дар ёд доред!**

Синну соли миёна умр – ин... Соли эъзози кӯҳансолон – ин...
Соли ҳимояи иҷтимоӣ – ин... Соли модар ва фарзанди солим – ин...



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

67 солро ташкил карда бошад, дар соли 2015 74 солро ташкил намуд. Аз ҷумла, синну соли миёнаи умри мардон аз 66 сол то 70 сол ва занон аз 72 сол то 78 сол расиданаш ҳамчун натиҷаи аниқ ва равшани чораву тадбирҳои беҳтар кардани муҳофизати саломатии одамон ва шароити зисти мардум донистан бамаврид аст.

**Сохтмони манзил.** Дар арафаи истиқлол, дар ҳоле ки сохти мустабид ҳукмрон буд, Нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов бо ҷасорати бузург роҳи ҳалли муаммои ҷои зисти аҳолиро ёфта буд. Дар натиҷа дар солҳои 1989–1990 ба бештар аз яку ним миллион нафар оила замини иловагӣ ҷудо карда шуд. Корҳои бунёдкорие, ки мақсадаш тамоман нав сохтани инфрасохтори деҳот буда, баъди қабули қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз 3 августи соли 2009 "Дар бораи чораву тадбирҳои иловагии вусъат додани миқёси сохтмони ҷойи зист дар деҳот" сар шуда буд, имрӯз дар асоси меъмории замонавӣ қиёфаи деҳотамонро тамоман дигар карда истодаанд. Хусусан, дар солҳои 2009–2016 дар деҳот қариб 70 ҳазор хонаҳои намунавӣ бунёд гардиданд. Дар натиҷа шароити зиндагии беш аз 83,5 ҳазор оила беҳтар шуд. Қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев аз 21 октябри соли 2017 "Дар бораи Барномаи сохтмони хонаҳои арзон аз рӯйи лоиҳаҳои намунавии нав дар ҷойҳои деҳот дар солҳои 20017–2021" давоми мантиқии ислоҳоти калонмиқёс дар самти мазкур буда, дар сохтмони деҳот марҳилаи навро асос гузошт.



Хонаҳои намунавӣ



Хонаҳои арзон



Хонаҳои бисёрошёна



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар айни вақт бо назардошти эҳтиёҷи афзудаистодаи аҳолии деҳот ба хонаҳои арзон шартҳои дараҷаи баланди додани кредити имтиёзӣ ҷорӣ карда шуд. Инчунин, боз ҳам вусъат додани истифода аз навъҳои нави масолеҳ ва асбобу ускунаҳои энергияро сарфакунанда барои паст шудани нархи хонаҳои бунёдшаванда ва ташаккули нархи мақбул ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ омил гардид. Бино ба қарори мазкур ба таври иловагӣ ба лоиҳаҳои намунавии мавҷуда биноҳои ду, сеошёна (2,3 хонагӣ) сохта мешаванд. Инчунин, дар ноҳияҳои аҳолиаш зич ҷойгирифта сохтмони намунаҳои нави биноҳои зисти арзони якошёнаи 2,3-хонагии масоҳаташ 0,02 гектар ва биноҳои дуошёнаи дар замини наздиҳавлӣ ҷойгирифтаи 4 хонадор ҷорӣ гардид.

Ғайр аз ин аз соли 2017 сар карда, дар пойтахт ва вилоятҳои мамлакат ба ононе, ки ҷои зист надоранд, ба хизматчиёни ҳарбӣ, олимони ҷавон ва ходимони соҳаи корҳои дохилӣ биноҳи зисти арзон сохта, ба соҳибонашон супурда мешаванд.

***Эзоҳи истилоҳҳо!***

**Скрининг** (*анг.* – интихоб кардан) – аз муоинаи оммавӣ гузаронидани аҳолӣ барои барвақт ва зуд аниқ кардани бемориҳо бо ёрии усулҳои махсус.

**Инфрасохтор** (инфраструктура) – маҷмӯаи соҳаҳои хизматрасонии мухталифи ёрирасон барои таъмини шароити меъёрии истеҳсолот ва ҳаёти ҷамъият зарур.

**Савол ва супоришҳо:**

1. Дар рейтинги ташкилоти “Бачаҳоро эҳтиёт кунем” Ӯзбекистон чӣ гуна мавқеъ дорад?
2. Бо истифода аз маълумоти интернет ҳоло кадом намудҳои ҷойи зист (истиқоматгоҳҳо) мавҷуданд, гӯед.
3. Се то тадбиреро, ки барои эъзоз намудани кӯҳансолон дар соли 2017 амалӣ гардид, номбар кунед.
4. Ҷадвали зеринро пур кунед.

| р/т | Ҳимояи бачагон | Ҳимояи кӯҳансолон | Ҳимояи модарон |
|---|---|---|---|
| | | | |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ IV. МУНОСИБАТҲОИ ЭТНИКӢ ВА БАЙНИ КОНФЕССИЯВӢ

## Мавзӯи 8. Муносибатҳои байни миллатҳо ва таҳаммул пазир дар Ӯзбекистон

**Ғояи тифоқии байнимиллӣ.** Ғояи тифоқии байнимиллӣ ғояи зиндагии осоиштаи ҳамаи гурӯҳҳои этникии рӯйи Замин дар асоси баробарҳуқуқӣ, ҳурмати якдигар ва ҳамкорӣ мебошад. Ғояи тифоқии байнимиллӣ ғояи миллатпарварист. Вай инкишофи забон, урфу одат, маданият, ҷашнҳои ҳамаи миллату қавмҳоро талаб менамояд. Вай ғояи ягонаи маърифии зидди миллатгароӣ, фашизм, ҷангҳои миллию этникӣ мебошад. Хусусан, дар шароите, ки неофашизм сар бардошта, задухӯрди байни тамаддунҳо содир мешавад, ғояи тифоқии байнимиллӣ хеле муҳим аст.

**Дар ёд доред!**

Дар моддаи 8-уми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон чунин қоидаи муҳим қайд шудааст: "Халқи Ӯзбекистонро шаҳрвандони Республикаи Ӯзбекистон сарфи назар аз миллаташон ташкил мекунанд".

Ҳоло дар Ӯзбекистон 138 то марказҳои миллию фарҳангӣ ғояи тифоқии байнимиллиро дар ҳаёт татбиқ карда меоянд.

Ҷашнҳои "Масленнитса"-и русҳо, "Сабантӯй"-и тоторҳо, "Сайл"-и уйғурҳо, "Чунузе"соли нави хитойиҳо, "Соллер" ва Овол-тано"-и корейсҳо васеъ қайд карда мешавад. Ҳар сол фестивалҳои зери шиори "Мо фарзандони оилаи ягонаем", "Ватан ягона аст, Ватан яктост", "Ӯзбекистон – маъвои умумии мо" гузаронида мешаванд.

**Муносибатҳои байни миллатҳо дар Ӯзбекистон.** Дар Ӯзбекистон намояндагони беш аз 130 миллату қавм, ки маданият ва анъанаҳои худро доранд, иқомат мекунанд. Онҳо дар радифи ҳамаи шаҳрвандони диёрамон ҳуқуқу ӯҳдадориҳои якхела доранд.



Намояндагони миллатҳои гуногуни мамлакатамон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар моддаи 4-уми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон зикр шудааст, ки Республикаи Ӯзбекистон ҳурмати забон, урфу одат ва анъанаҳои ҳамаи миллат ва қавмҳоро, ки дар ҳудудаш иқомат доранд, таъмин мекунад, барои инкишофи онҳо шароит фароҳам меоварад.

**Дар ёд доред!**

80 фоизи аҳолии Ӯзбекистонро ӯзбекон, 4,9 фоизро тоҷикон, 3,8 фоизро русҳо, 3,6 фоизро қазоқон ва 7,7 фоизро намояндагони дигар миллатҳо ташкил медиҳанд.

Мақсади асосии сиёсати мамлакати аҳолиаш гуногунмиллат ташаккул додани тифоқии байнимиллӣ ва таҳаммулпазирии динӣ бояд гардад. Аз рӯзҳои аввали Истиқлолият роҳи ба худ хоси сиёсати миллӣ пешбинӣ гардид, айнан ин сиёсат барои инкишофи босуботи таҳаммулпазирии миллӣ шароит фароҳам намуд.

Барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти мадании намояндагони миллатҳои гуногуни сокини Ӯзбекистон марказҳои миллии фарҳангӣ фаъолият мебаранд. Аввалин марказҳои миллии фарҳангӣ аз ҷониби корейсҳо, қазоқҳо, яҳудиҳо дар вилоятҳои республика соли 1989 ташкил карда шуд. Инкишофи ҳаққонии ин марказҳо фақат баъди ба истиқлол комёб шудани Ӯзбекистон сар шуд. Дар ин давр барои фаъолияти самараноки онҳо имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шуд. Дар натиҷа шумораи онҳо сол то сол афзуд.

**Дар ёд доред!**

Агар соли 1992 10 маркази миллии фарҳангӣ кор бурда бошанд, ҳоло дар мамлакат 138 то ин гуна марказ фаъолият менамояд.

Таъмин намудани иштироки фаъолонаи намояндагони миллатҳои гуногуни муқими Республикаи Ӯзбекистонро дар ҳаёти иҷтимоӣ. Маънавию маърифии республика самти муҳимтарини фаъолияти марказҳои миллии фарҳангӣ мебошад. Ба роҳ мондани робитаҳои дӯстона, ҳамкорӣ ва фарҳангию маърифӣ бо ташкилотҳои ҳаммонанди кишварҳои хориҷӣ ва инкишофи робитаҳои ҳамбастагӣ дар алоқамандӣ бо ташкилотҳои гуногуни давлатию ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои эҷодӣ кӯмак расонидан дар мустаҳкам намудани ҳамраъии шаҳрвандон ва аҳлу тифоқии байни миллатҳо вазифаҳои асосии Маркази фарҳанги байналмилалии республика мебошад. Маркази фарҳанги



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

байналмилалии республика, ки соли 1992 ташкил ёфта буд, фаъолияти ҳамаи марказҳои миллии фарҳангиро мувофиқат карда, ба онҳо кӯмаки ташкилию услубӣ расонида омад.

Ҷашни забон аз тарафи Маркази байналмилалӣ соле ду маротиба гузаронида мешавад. Аввал, дар сессияи 30-юми Конференсияи умумии ЮНЕСКО (соли 1999) 21 феврал Рӯзи байналмилалии забони модарӣ эълон шуда ва аз соли 2000 дар 195 давлати аъзои ин ташкилот ҷашн гирифта мешавад ва дуюмин, Рӯзи мақоми давлатӣ гирифтани забони ӯзбекӣ аст. Ба ин муносибат ҳар сол ба таври анъанавӣ озмуни санъати нотиқӣ аз рӯйи забони ӯзбекӣ гузаронида мешавад.

> **!**
>
> **Худатонро санҷед!**
>
> Рӯзи байналмилалии забони модарӣ – ... Аҳолии Ӯзбекистон – ин...
>
> Маркази байналмилалӣ – ин ... Тифоқии байнимиллӣ – ин...

**Ӯзбекистон – диёри кушодадил.** Аз таърих маълум аст, ки корейсҳо, немисҳо, туркҳо, полякҳо, юнониҳо, тоторҳои Қрим ва намояндагони дигар миллатҳо баробари халқи ӯзбек дар солҳои вазнини истибдод ва ҷанги дуюми ҷаҳон бо ситамҳо рӯ ба рӯ омада Ӯзбекистонро Ватани худ донистанд. Барои авлоди онҳо имрӯз Ӯзбекистон ба Модар-Ватан табдил ёфт. Зеро онҳо дар ин ҷо ба дунё омада, камол ёфтанд, дар зиндагӣ ҷойи худро пайдо намуданд. Дар тадбирҳои ҷашнии Рӯзи истиқлол, Наврӯз, 8 декабр –Рӯзи қабули конститутсия, 8 март – Рӯзи занону духтарон, 9 май – Рӯзи хотира ва қадр низ намояндагони дигар миллату қавм фаъол иштирок мекунанд.

> **Дар ёд доред!**
>
> Имрӯз ҳам дар дунё масъалаи аҳлию тифоқии байнимиллӣ ва таҳаммулпазирии байнидинӣ яке муаммоҳои калон аст. Аз ин рӯ, ЮНЕСКО соли 1995 дар Париж “Декларатсияи усулиятҳои таҳаммулпазирӣ”-ро қабул кард. Созмони Милали Муттаҳид рӯзи 16-уми ноябрро “Рӯзи байналмилалии таҳаммулпазирӣ” эълон намудааст.

Ҳоло дар ҳудуди Ӯзбекистон аз қадимулайём ба маънавият такя намуда зистан, барои ҳамбастагӣ кӯшидан, камолоти ҳамаҷониба арзиши олӣ дониста мешавад, барои ҳама, сарфи назар аз миллат, нажод, баромади иҷтимоӣ ва эътиқоди динӣ андозаи ягона – инсонро барои инсон буданаш эъзоз намудан меъёри асосӣ ба шумор меравад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳоло дар мактабҳои олии республика донишҷӯёни ба миллатҳои гуногун мансуб таҳсил мегиранд. Боз як ҳолате, ки дар дигар кишварҳои дунё кам вомехӯрад, дар Ӯзбекистон таҳсил ба 7 забон бурда мешавад. Ба онҳо ғайр аз забонҳои ӯзбекӣ ва қароқалпоқӣ забонҳои русӣ, қазоқӣ, туркманӣ, тоҷикӣ ва қирғизиро даровардан мумкин. Барномаҳои телевизионӣ ва радио ба 12 забон ба мавҷи ҳаво пахш мешаванд, рӯзномаву маҷаллаҳо ба беш аз 10 забон чоп мегарданд. Онҳо дар роҳи мустаҳкам кардани ҳамбастагии байни миллатҳо хизмат мекунанд.

**Даври нави муносибатҳои байнимиллӣ.** Имрӯз Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон барои намояндагони беш аз 130 миллат ва қавми муқими ҳудуди республика ҳамчун кафолати мустаҳкам кардани аҳлии байнимиллӣ, таъмини субот ва тараққиёт хизмат менамояд.



Кумитаи муносибатҳои байни миллатҳо ва робитаҳои дӯстона бо кишварҳои хориҷӣ



Ҳайкали оилаи Шомаҳмудовҳо дар майдони Дӯстии халқҳо

Дар Стратегияи ҳаракатҳо дар бобати панҷ самти устувори тараққиёти мамлакат дар солҳои 2017–2021, ки бо ташаббуси Президентамон Шавкат Мирзиёев қабул шудааст, ба масъалаи таъмини аҳливу тифоқии байни миллатҳо дар мамлакат эътибори алоҳида дода шудааст. Бо мақсади мустаҳкам намудани сулҳу субот дар мамлакат, боло бурдани якдилии байнимиллӣ 19 майи соли 2017 фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи чораву тадбирҳои боз ҳам такмил додани муносибатҳои байн миллатҳо ва робитаҳои дӯстона ба кишварҳои хориҷӣ” қабул гардид. Бино ба ин фармон дар заминаи Маркази фарҳанги байналмилалӣ Кумитаи муносибатҳои байни миллатҳо ва робитаҳои дӯстона бо кишварҳои хориҷӣ ташкил гардид. Ин дар айни замон дар бобати пушбтибонӣ намудани фаъолияти марказҳои миллии фарҳангӣ ва ҷамъиятҳои дӯстии мамлакатамон, барои фаъолияти пурсамари



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

онҳо байни идораҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ такягоҳи мустаҳками ҳамкории тарафҳо мешавад.

**Мулоҳиза кунед!**

Соли 2017 ба боғи истироҳатии ба номи Бобур дода шудани номи "Дӯстӣ", дар маркази боғ кӯчонида овардани ҳайкали оилаи Шомаҳмудовҳои машҳур, ки дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ чандин нафар бачаҳои ятими мансуб ба миллатҳои гуногунро ба фарзандӣ қабул намуда буд ва соли 2018 ин ҳайкал ба майдони "Дӯстии халқҳо" оварда шуданашро эзоҳ диҳед.

***Эзоҳи истилоҳҳо!***

**Байналмилал** (*арабӣ* – байни миллатҳо) – ба маънои байналхалқӣ, умуминсонӣ, умумихалқӣ истифода мешавад.

**Менталитет** (*нем.* – ақлу идрок) – дараҷаи тафаккури таърихан ташаккулёфтаи ҷамъият, ҷамоа ё шахси алоҳида. Менталитети ҷамъият, миллат ё шахс анъанаҳо, урфу одат, эътиқоди динии ба худ хоси онҳоро дар бар мегирад.

**Савол ва супоришҳо:**

1. Ғояи аҳлии байнимиллиро эзоҳ диҳед.
2. Дар мамлакат барои зиндагии осоиштаи намояндагони беш аз 130 миллат чӣ гуна шароит фароҳам оварда шудааст?
3. "Рӯзи байналмилалии таҳаммупазирӣ" кадом рӯз қайд карда мешавад? Аз адабиётҳои иловагӣ истифода бурда, ин рӯз чаро айнан дар ин сана гузаронида мешавад, аниқ кунед.
4. Самти чандуми Стратегияи ҳаракатҳо оид ба панҷ самти устувори тараққиёти Республикаи Ӯзбекистон ба тифоқии байнимиллӣ нигаронида шудааст?
5. Маркази маданияти байналмилалии республика ба чӣ гуна ташкилот табдил дода шудӣ Мақоми он чӣ гуна аст?

## Мавзӯи 9. Муносибатҳои байниконфессиявӣ дар Ӯзбекистон

**Ташаккулёбии таҳаммулпазирии байнидинӣ.** Дар замони СССР дар Ӯзбекистон 89 масҷид, 2 то мадраса буд, то соли 2017 бошад, шумораи масҷидҳо ба 2033 расид, Донишгоҳи исломӣ, Донишкадаи исломӣ, 16 то конфессияи динӣ фаъолият мебарад. 88 фоизи аҳолии Ӯзбекистон ба дини ислом, беш аз 10 фоизаш ба дигар динҳо эътиқод мекунад, 1,8 фоизаш ба ҳеҷ ягон дин эътиқод намекунад. Иди Рама-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

зон, иди Қурбон дар миқёси республика васеъ ҷашн гирифта мешавад, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои динӣ чоп мегарданд, дар телевизион ва радио барномаҳои махсуси динӣ ташкил шудааст. Дар Ӯзбекистон дин аз давлат, аз сиёсат ҷудо аст, аммо аз халқ ҷудо нест.

Дар Ӯзбекистони аҳолиаш гуногунмиллат ғайр аз ислом, ба насронӣ, яҳудӣ, буддоӣ ва дигар конфессияҳо эътиқодмандон ҳастанд. Дар мамлакати гуногунмиллату бисёрконфессия дар соҳаи тифоқии байнимиллӣ ва таҳаммулпазирии динӣ сиёсати давлатӣ мунтазам татбиқ мешавад, ин сиёсат барои зиндагии аҳлонаи намояндагони миллатҳо ва конфессияҳоии мухталифи динӣ асоси мустаҳкам аст.

Соли 1991 қонун "Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ" қабул карда шуд, ки сиёсати давлатро оид ба озодии виҷдон ва дин муқаррар намуд. Қабул шудани он дар ҳаёти шаҳрвандони эътиқодманди дини ислом ва дигар динҳо аҳамияти калон дорад.

**Дар ёд доред!**

Барои ҳама озодии виҷдон кафолат дода мешавад. Ҳар як инсон ҳуқуқи ба дини дилхоҳаш эътиқод намудан ё ба ҳеҷ ягон дин эътиқод накарданро дорад. Ба маҷбуран талқин намудани назари динӣ роҳ дода намешавад.

*Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 31-ум.*

Соли 1992 бино ба фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон дар назди Девони Вазирон Кумита оид ба корҳои дин ташкил шуд. Баъди ба фаъолият сар кардани шӯъбаи махсуси кор бо конфессияҳои динӣ дар таркиби ин кумита дар бораи ҳамаи ташкилотҳои динии дар ҳудуди республика ҷойгирифта маълумот гирд оварда шуд.

Соли 1998 аз тарафи Олий Мажлиси Республикаи Ӯзбекистон таҳрири нави қонун "Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ" қабул шуд. Дар қонуни мазкур ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шаҳрвандон вобаста бо озодии виҷдон ва эътиқод аниқ ва равшан ифода карда шуд.

Бино ба қонун "Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ" "Давлат сулҳу суботи байни конфессияҳои диниро пуштибонӣ мекунад. Зимнан ҳар гуна рафтори ба дигар дин даровардани диндорони конфессияи динӣ (прозелитизм), инчунин, ҳар гуна фаъолияти миссионерӣ манъ аст. Шахсони айбдори ин қоидаро вайроннамуда ба ҷавобгарии дар санадҳои қонунӣ муқарраршуда кашида мешаванд".



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар давлати бисёрконфессиявӣ мисли Ӯзбекистон аҳливу тифоқии байнмиллӣ ва таҳаммулпазирии динӣ яке аз шартҳои таъмини суботи иҷтимоию сиёсӣ ва тараққиёт ба шумор меравад. Таҳаммулпазирии динӣ яке аз усулиятҳои асосии ҷамъияти демократии тараққиёбанда аст. Ҳоло дар мамлакат 16 конфессияи динӣ аҳлона фаъолият мебаранд. Кумитаи оид ба корҳои динии назди Девони Вазирон ба диндорон дар бобати қонеъ намудани эҳтиёҷоташон ёрӣ мерасонад. Соли 2007 сохтори Ташкилоти ҳамкории исломӣ оид ба масъалаҳои таълим, илм ва маданият – AYSESKO Тошкандро "Пойтахти маданияти исломӣ" эълон намуд.

**Принсипҳои таҳаммулпазирии динӣ.** Таҳаммул пазирии диние, ки дар Ӯзбекистон ҳукмрон аст, бо омилҳои зерин муайян мешавад:

*Аввалан,* барои қарор ёфтани усулиятҳои ҳурмати якдигар, сабру тоқат, таҳаммулпазирӣ дар фаъолияти намояндагони миллат ва қавмҳо, эътиқодмандони конфессияҳои гуногуни сокини республика ёрии амалӣ дода мешавад.

*Дуюм,* таҳаммулпазирии миллӣ ва динӣ як қисми ҷудонопазири маданият ва менталитети ӯзбек аст. Сиёсати таҳаммулпазирии динӣ дар Ӯзбекистон ба дигаргуниҳои демократӣ ва афзудани суръати тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ, ба омили ҳақиқии бунёди ҷамъияти демократии фориғ аз ҳолатҳои беҳурматӣ нисбат ба дигар миллатҳо, динҳо ва маданиятҳо, шаклҳои экстремизм табдил ёфтан, ба ҳифзи муросои байнмиллӣ ва байнидинӣ дар ҷамъият имкон медиҳад.

*Сеюм,* ҳамоҳангӣ дар муносибатҳои байнимиллӣ ва байниконфессиявӣ манбаи сарвати маънавии халқҳо ба ҳисоб меравад ва ба тараққиёти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии давлатҳо таъсири мусбӣ мерасонад. Мулоқотҳои миёни намояндагони маданият ва динҳои мухталиф яке аз роҳҳои расидан ба муросо ва боварии байниҳамдигарӣ аст.

*Чорум,* бино ба ақидаи мутахассисон, ду намуди мафҳуми таҳаммулпазирии аз якдигар фарққунанда мавҷуд аст: формал – таҳаммулпазирии зоҳирӣ ва дохилӣ – таҳаммулпазирии позитив. Намуди формал тоқатпазирӣ нисбат ба эътиқоди динии дигар касро, бар зидди он истоданро ифода намояд, намуди таҳаммули дохилӣ-мусбиаш хуб донистани дигар динро ҳам тақозо менамояд. Ҳоло дар Ӯзбекистон ҳар ду намуди таҳаммулпазирӣ пурра ифодаи амалии худро ёфтаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Муносибат ба намояндагони динҳои гуногун.** Сарчашмаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар диёри мо аз қадимулайём динҳои гуногуни дорои маҷмӯи мураккаби мафкуравӣ, аз қабили зардуштӣ, буддоӣ, яҳудӣ, насронӣ дар муҳити осуда фаъолият карда омадаанд. Ин гуна ҳолатро дар мисоли муносибатҳои байниҳамдигарии динҳои ислом, яҳудӣ, насронӣ ва дигар конфессияҳои Ӯзбекистон дидан мумкин.

Умуман, дар Ӯзбекистон конфессияҳли ғайриисломӣ дар мустаҳкам намудани риштаҳои дӯстӣ, таъмини осудаҳолии шаҳрвандони эътиқодашон мухталиф мавқеи муайян доранд.



Калисои римии католикӣ дар Тошканд.

Ҳоло дар Ӯзбекистон баробари мусулмонон православҳо, баптистон, яҳудиён, адвентистҳо, католикҳо, лютеранҳо, кришаитҳо, буддистҳо, пятидесятникҳо, шоҳидони иегова, ҳаввориёни нав, пресвитерианҳои насронӣ ва чандин дину мазҳаб мавҷуданд. Ҳар кадоми онҳо мафкураи ба худ хос ва талабу эҳтиёҷот доранд.

Муносибатҳои байни мусулмонон ва эътиқодмандони дигар конфессияҳои Осиёи Миёна дар сатҳи сиёсию маишӣ ба ду хусусияти асосии замина дошта, онҳо ҳурмати тарафҳо ва таҳаммулу бардошт аст. Ин гуна муносибат дар натиҷаи озмоиши мардонавори ҷараёнҳои мураккаби таърихӣ аз тарафи намояндагони динҳои гуногун ба вуҷуд омадааст. Дар мамлакат аз шарофати сулҳу осоиш, тараққиёт ва беҳбудӣ намояндагони ҳамаи динҳо манфиатдор буда, намяондагони баъзе конфессияҳо дар тадбирҳои маънавию маърифӣ, ки дар Ӯзбекистон ва хориҷ аз он баргузор мегарданд, маърӯзаҳо хонда, ислоҳотро дар роҳи мустаҳкам сохтани суботи иҷтимоӣ ва таҳаммули динӣ дар республикаро хайрхоҳона дастгирӣ карданашонро изҳор медоранд. Ин гуна муносибат аз тарафи давлат низ тақдир карда мешавад. Мукофотонида шудани митрополит Владимир бо ордени “Дӯстлик” мисоли рӯшани он аст.

Дар таъмини таҳаммулпазирии динӣ ва суботи иҷтимоии республика ҳиссаи конфессияҳо калон аст. Аввало, онҳо дар давоми фаъо-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

лияти худ барои ташаккули маданияти таҳаммуди динӣ тадбирҳои махсуси маънавию маърифӣ гузаронида меоянд. Дуюмин, барои пуштибонии муросои байни динҳои мамлакат дар тадбирҳои зидди кирдорҳое, ки сабабгори низоъҳо ва мушкилиҳо мешаванд, аз қабили миссионерӣ фаъол иштирок менамоянд.

**Эътибор ба дини ислом ва таълими динӣ.** Ҳоло дар республика 2238 ташкилоти динии мансуб ба 16 конфессияи динӣ – Донишкадаи исломии Тошканд ба номи Имом Бухорӣ, 9 та омӯзишгоҳи миёнаи махсуси исломӣ, семинарияҳои православ ва протестантӣ фаъолият нишон медиҳанд. Дар онҳо донишҷӯён дар баробари илмҳои динӣ донишҳои дунёвиро ҳам аз бар менамоянд.

Соли 1999 бо ташаббуси Нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов ба Донишгоҳи исломии Тошканди дар Осиёи Миёна ягона асос гузошта шуд.

**Дар ёд доред!**

Масҷиди Минор, ки соли 2013 сохтмонаш оғоз ёфт, 1-уми октябри соли 2014 дар рӯзи Иди Қурбон кушода шуд. Бинои масҷид ба усули анъанавии хоси Шрақ сохта шудааст. Он ду манора ва гумбази осмонранг дорад. Лар масҷид беш аз 2400 нафар намозхон ҷой мегиранд.

Нутқи Президент Шавкат Мирзиёев дар маҷлиси 72-юми Сарассамблеяи СММ барои муваффақ шудан ба ҳамбастагӣ, муросои байни динҳо, ҳифзи сулҳу осоиштагии на фақат мамлакатамон, балки дар Осиёи Марказӣ ва дунё ҳамчун дастуруламали муҳим гардиданаш, ин ҷиҳатҳо дар Стратегияи ҳаракатҳо оид ба панҷ самти устувори тараққиёти Республикаи Ӯзбекистон инъикос шуданаш эътироф намуд.



Масҷиди Минор дар Тошканд

Мувофиқи қарори Президент аз 27-уми марти соли 2017 “Дар бораи чораву тадбирҳои ташкил кардани маркази илмию тадқиқотии байналмилалии ба номи Имом Бухорӣ дар назди Девони Вазирони Ре-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Матни зеринро хонед!**

“Имрӯз ба иштирокчиёни сессия бо пешниҳод дар бораи қабул намудани қарори (резолютсияи) махсуси бо номи “Маърифат ва таҳаммулпазирии динӣ”–и Сарассамблеяи СММ муроҷиат карданӣ ҳастам. Мақсади асосӣ аз ин ҳуҷҷат кӯмак расонидан ба таъмини ҳуқуқи таълим гирифтан ба ҳама, барҳам задани бесаводӣ ва ҷаҳолат иборат аст. Ин резолютсия ба қарор ёфтани таҳаммулпазирӣ ва ҳурмати якдигарӣ, таъмин намудани озодии дин, ҳимоя кардани ҳуқуқи эътиқодмандон, роҳ надодан ба поймолкунии онҳо кӯмак мерасонад”.

*Аз нутқи Шавкат Мирзиёев*
*дар сессияи 72-уми Сарассамблеяи СММ.*

спубликаи Ӯзбекистон” дар Самарқанд маркази илмию тадқиқотӣ таъсис ёфт. Дар таркиби он мактаби олии ҳадисшиносӣ, хонаҳои омӯзиши ҳадис, калом ва қироат, китобхонаи дастнависҳо, музей ташкил шуд. Дар асоси қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз 23 июни соли 2017 “Дар бораи чораву тадбирҳои ташкил кардани маркази маданияти исломии Ӯзбекистон дар назди Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон” дар Тошканд Маркази маданияти исломӣ ва бино ба фармони Президент аз 15 декабри соли 2017 Академияи исломии Ӯзбекистон ташкил карда шуд.

***Эзоҳи истилоҳҳо!***

Конфессия (*лот.* – эътироф намудан, тан гирифтан) – боварӣ, эътиқод; маънои мазҳабро ҳам дорад.

Толерантӣ (*лот.* – сабру тоқат, бардошт, таҳаммулпазирӣ) – босабр, ботаҳаммул будан нисбат ба фикру ғоя, эътиқод, ҳиссиёт, тарзи зист ва хулқу атвори дигарон.

Семинария – омӯзишгоҳе, ки барои калисои насронӣ рӯҳониёнро тайёр мекунад.

**Савол ва супоришҳо:**

1. Ҳоло дар Ӯзбекистон чӣ қадар ташкилоти динӣ мавҷуд аст?
2. Зери ибораи “Муносибатҳои байниконфессиявӣ” чиро мефаҳмед?
3. Санадҳои ҳуқуқию меъёрие, ки таҳаммулпазирии диниро кафолат медиҳанд, номбар кунед.
4. Усулиятҳои таҳаммулпазирии диниро гӯед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ V. ИСЛОҲОТИ СОҲАИ ТАЪЛИМ ВА ТАЙЁР КАРДАНИ КАДРҲО

## Мавзӯи 10. Низоми таълими умумӣ ва миёнаи махсус

**Низоми таълим дар солҳои аввали истиқлол**. Низоми таълим таҳкурсии муҳимтарини инкишофи маданию маънавӣ аст. Чунки бе тарбияи кадрҳои ҷавобгӯи талабҳои замон, донандаи муваффақиятҳои пешқадами илму техника, технология ҷамъиятро пеш бурдан имконнопазир аст. Дар Ӯзбекистон 2 июли соли 1992 қонун “Дар бораи таълим” қабул шуд. Дар ин ҳуҷҷати дастуруламал усулиятҳои асосии сиёсати давлат дар соҳаи маориф, низоми таълим, таркиби идоракунии он, вазифа ва масъулиятҳои ходимони педагог аник муқаррар карда шудааст. Дар солҳои аввали истиқлол ба бештар аз 10 ҳазор нафар ходимони маорифи халқ хонаҳои давлатӣ, ба зиёда аз 22 ҳазор нафар ходим хонаҳои зери тасарруфи ташкилоту муассисаҳо бепул хусусӣ карда, супурда шуд. Ба бештар аз 50 ҳазор нафар педагог барои сохтмони манзили шахсӣ майдони замин дода шуд. Агар кормандони маорифи сокини деҳот аз супурдани пули хизмати коммуналӣ пурра озод карда шуда бошанд, ба шаҳриён супурдани 50 фоизи ин гуна хизмат муайян шуд. Баъдтар ин гуна имтиёзи оид ба хизмати коммуналӣ ба маоши моҳонаи ходимон ба таври ҷуброн (компенсатсия) илова карда шуд.



Бинои мактаб. Солҳои 1991–2000

Мувофиқи қонуни соли 1992 таълими умумӣ дар зинаҳои зерин татбиқ шуда буд:

Зинаи I–таълими ибтидоӣ (синфи 1–4);

Зинаи II– мактаби асосӣ (такягоҳӣ, синфи 4–9);

Зинаи III–мактаби болоии миёна (синфи 10–11).

Бино ба қарори Олий Мажлиси Республикаи Ӯзбекистон аз декабри соли 1996 1-уми октябр – Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён” муқаррар шуд ва ин рӯз ҳамчун ҷашн рӯзи истироҳат эълон гардид.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Дар ёд доред!**

Аз соли 1997 эътиборан ҳар сол 1-уми октябр ҳамчун “Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён” қайд карда мешавад.

Дар Ӯзбекистон барои ҳар як кас сарфи назар аз ҷинс, забон, синну сол, нажодаш, мансубияти миллӣ, эътиқод, муносибат ба дин, бароманди иҷтимоӣ, навъи хизмат, мавқеи иҷтимоӣ, ҷойи зист ҳуқуқҳои баробари дониш андӯхтан кафолат дода мешавад.

**Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо.** Сиёсати соҳаи таълим дар Ӯзбекистонг дар қонуни таҳрири нави “Дар бораи таълим”, ки 29 августи соли 1997 қабул шуд ва дар Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо ифодаи худро ёфтааст.

Аз соли таҳсили 1996–1997 дар синфҳои якуми мактабҳо таълим ба алифбои лотинӣ ба роҳ монда шуд. Барои таҳсил бо алифбои нав барномаи зарурӣ, воситаҳо ва китобҳои дарсӣ тайёр гардид.

Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо дар асоси ислоҳоти иборат аз 3 марҳила татбиқ гардид. Дар марҳилаи I-солҳои 1997–2001 барои амалӣ намудани барнома шароити зарурии ҳуқуқию меъёрӣ, илмию методӣ, молиявию моддӣ фароҳам оварда шуд. Барои ин давлат ба таври иловагӣ 65 миллиард сӯм маблағ ҷудо кард. Марҳилаи II солҳои 2001–2005-ро дар бар гирифта, барномаи миллӣ ба таври калонмиқёс ҷорӣ гардид. Дар марҳилаи Ш аз соли 2005 то имрӯзро натиҷаҳои татбиқи Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо, таҷрибаи ҷамъшуда умумӣ гардонида, дар ин асос дар диёрамон низоми таълим такмил дода шуд. Аз соли 2009 сар карда дар кишварамон таълими маҷбурии 12-сола ҷорӣ гардид.

Таълими миёнаи умумии 9-сола барои аз бар намудани асосҳои савод, барои ташаккули донишу малакаҳои барои таълими умумии миёна зарур нигаронида шудааст. Бачаҳо ба синфи якум аз 6–7-солагӣ қабул мешаванд. Таълими умумии миёна ба ҳаҷми зарурии донишҳо

**Дар ёд доред!**

Низоми таълим дар асоси қонуни “Дар бораи таълим”-и Республикаи Ӯзбекистон аз шаклҳои таълими томактабӣ, миёнаи умумӣ, таълими миёнаи махсус, таълими олӣ, таълими баъд аз таълими олӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо, таълими берун аз мактаб иборат аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

асос мегузорад, фикррونии мустақил, қобилияти ташкилотчигӣ ва малакаҳои таҷрибаҳои амалиро инкишоф медиҳад, барои самти аввалини касбӣ ва интихоби марҳилаи навбатии таълим замина фароҳам меоварад. Дар асоси фармони Президент аз соли 2004 Барномаи умумимиллии давлатии инкишофи таълими мактаб дар солҳои 2004–2009 қабул шуд. Дар доираи барнома мактабҳои нав сохта, кӯҳнааш таъмир карда шуд, лабораторияҳои таълими фанҳои табиӣ ба асбобҳои зарур муҷаҳҳаз гардиданд.

Дар таълими умумӣ, умуман, дар ҳамаи марҳилаҳои таълим барномаҳои нав, стандартҳои таълими давлатӣ офарида шуданд. Китобҳои дарсӣ пурра нав карда, бо истифодаи комёбиҳои илму амалиёт такмил дода шуданд. Офаридани адабиётҳои таълими мултимедиа ба роҳ монда шуд. Таъминоти моддию техникии қариб 10 ҳазор мактаби дар республика фаъолият дошта аз ҳисоби давлат амалӣ гардид.

**Ташкил шудани низоми таълими миёнаи махсус, касбу ҳунар.** Мувофиқи қонуни Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи таълим” ба муносибати ҷорӣ шудани таълими умумии миёнаи нӯҳсола ҳамаи донишомӯзони мактаби нӯҳсола аз бар намудани таълимро дар мактаби миёнаи махсус ё коллеҷҳои касбу ҳунар давом доданд. Яъне дар доираи марҳилаи якуми Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо (1997–2001) дар амал татбиқ карда шуд. Дар давоми ин давр қариб 300 то муассисаи таълимии намуди нав кушода шуд. Дар соҳаи таълими махсуси миёна барои мактаби бизнес, мактаби хурду миёна курсҳои касбу ҳунар ташкил шуда, бо назардошти талабҳои иқтисодиёти бозор мутахассисҳои нав (фермер, ходими андоз ва гумрук, аудит ва ҳоказо) тайёр мешуданд. Аз соли 1997 то имрӯз беш аӯ 1400 то коллеҷи касбу ҳунар, қариб 200 то литсейи академикӣ кушода шуд. Онҳо тибқи соҳаҳо ба ташкилотҳои мутасаддӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ вобаста карда шуданд, аз ин боис дар ин марҳила ҷараёни таълим пурсамар ба роҳ монда, сарфи назар аз он, ки ба масъалаи бо кор таъмин намудани хатмкардагони коллеҷҳо эътибор дода шуд, лекин дар ин бобат натиҷа дилхоҳ набуд.

**Ислоҳоти соли 2017.** Ислоҳотҳои дар соҳаи таълим татбиқшуда, тадбирҳои такмил додани таълими 12-сола натиҷаи дилхоҳ надоданд. Муаммоҳои ғуншуда ба куллӣ ислоҳ намудани соҳаро, зарурати



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Мулоҳиза!**

Дар натиҷаи пурсиши сабаби гузариш ба таълими 11-сола беш аз 70 фоизи падару модарон аз сари нав гузаштан ба таълими 11-соларо тарафдорӣ намуданд.

истифода бурдани таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи дунёро тақозо намуд. Дар соли 2017 дар низоми таълими умумии миёна ва миёнаи махсус, касбу ҳунар ислоҳоти куллӣ ба амал омад. Пешиҳоду мулоҳизаҳое, ки ба Қабулхонаҳои халқӣ ва Қабулхонаҳои виртуалии Президент баён шуд, аз натиҷаҳои пурсиш бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев аз таълими маҷбурии 9+3, яъне 12-сола ба таълими 11-сола гузашта шуд. Дар худи соли 2017 барои донишомӯзони синфи 10 9 млн. нусха китоби дарсӣ чоп шуд ва ба қариб 10 ҳазор мактабҳои умумитаълимӣ низоми таълими 11-сола ба роҳ монда шуд. Ҷараёни қабул ба ин литсейҳои академикӣ ва коллеҷҳои касбу ҳунар баробар бурда шуд. Хоҳишу дархостҳои падару модарон ва донишомӯзон ба инобат гирифта шуд. Бештар аз 466 ҳазор донишомӯзоне, ки мактабҳои таълими умумиро дар соли хониши 2016/2017 288 ҳазор нафарашон дар синфи 10-ум таҳсилро давом доданд.

Низоми таълими томактабӣ ҳалқаи асоситарин, аввалини таълими мунтазам аст. Таълими томактабӣ, дар оила то 6–7-солагӣ, дар кӯдакистон ва дигар муассисаҳои таълимӣ бурда мешавад. Бино ба хулосаҳои илмии мутахассисон, 70 фоизи ҳамаи ахборот ва маълумоте, ки инсон дар давоми умри худ мегирад, то 5-солагиаш қабул менамояд. Аз ин боис кӯдакистон барои ҳамчун кадри солим ва донишманд, баркамол тарбия ёфтани бачаҳо хеле муҳим аст. Бо мақсади боз ҳам такмил додани низоми таълими томактабӣ, мустаҳкам кардани базаи моддию техникӣ, вусъати соҳаи муассисаҳои таълими томактабӣ, таъмини соҳа бо кадрҳои малаканоки педагогӣ Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 30-юми сентябри соли 2017 фармонро “Дар


Хонаи намунавии МТТ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

бораи такмил додани идоракунии низоми таълими томактабӣ” имзо кард. Мувофиқи он Вазорати таълими томактабӣ ташкил шуд. Ба таркиби вазорати нав Вазорати таълими томактабии Қароқалпоқистон, сарсадорати маорифи томактабии шаҳри Тошканд, садоратҳои таълими томактабии вилоятҳо ва шӯъбаҳои шаҳрию ноҳиявии онҳо дохил мешаванд.

**Дар ёд доред!**

Дар соли 2017 дар Ӯзбекистон 4916 то муассисаҳои таълими томактабӣ фаъолият бурдаанд. Дар давоми 20 соли охир шумораи кӯдакистон то 45% кам шуд. Ҳоло шумораи бачаҳои ба кӯдакистон ҷалбшуда 30%-ро ташкил мекунад.

**Савол ва супоришҳо:**

1. Ҷиҳатҳои фарккунандаи низоми таълимро дар солҳои 1992–1997 нисбат ба солҳои минбаъда номбар кунед.
2. Омилҳои инкишофи таълими мунтазам аз чӣ иборат аст?
3. Ҳоло зарурати зиёд намудани муассисаҳои таълими томактабӣ дар мамлакатамон аз чӣ иборат аст?
4. Қонуни Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи таълим” ва мазмуну моҳияти он аз чиҳо иборат аст? Фикратонро асоснок намоед.
5. Аз чӣ сабаб аз таълими 12-сола ба таълими 11-сола гузашта шуд?

## Мавзӯи 11. Такмил ёфтани таълими олӣ ва таълими баъди он

**Низоми таълими олӣ.** Бо фармони Президент дар моҳи феврали соли 1992 ба ҳаштто донишкадаи (институти) педагогии вилоят мақоми донишгоҳ (университет) дода шуд. Дар моҳи марти соли 1992 дар заминаи донишкадаҳои педагогии вилоятҳо Донишгоҳи давлатии Андиҷон, Донишгоҳи давлатии Бухоро, Донишгоҳи давлатии Тирмиз, Донишгоҳи давлатии Урганҷ, Донишгоҳи давлатии Қаршӣ ташкил карда шуд. Оид ба тайёркунии мутахассисони замонавӣ донишгоҳҳо ва донишкадаҳои алоҳида, аз ҷумла, Донишгоҳи иқтисодиёти ҷаҳон ва дипломатия, Донишкадаи металлургияи кон, дар назди Вазорати мудофиа Академияи ҳарбӣ, дар назди Вазорати корҳои дохилӣ Академияи корҳои дохилӣ, Академияи банку молия барин даҳҳо муассисаҳои таълими олӣ ташкил карда шуданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Техникуми давлатии электротехника ва алоқаи Тошканд ба донишкада табдил ёфт. Соли 1993 барои донишҷӯ ва аспирантҳо стпендияҳои махсус муқаррар карда шуд. Бо мақсади тайёр кардани мутахассисони соҳибмалакаи барои соҳаи кишоварзии мамлакат хеле зарур Донишгоҳи давлатии аграрии Тошканд, Донишкадаҳои хоҷагии қишлоқи Андиҷон, Самарқанд, донишкадаи иқтисодиёту муҳандисии Қаршӣ, ирригатсия ва механизатсияи хоҷагии қишлоқи Тошканд ба кор сар карданд. Дар ҷорӣ намудани таълими универсалии олӣ дар вилоятҳои мамлакат ба таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ такя карда шуд.

Соли 1992 бори аввал дар 6 то муассисаи таълими олии республика имтиҳони қабул ба тариқи тест қабул карда шуд. Соли 1993 аз 46 то муассисаи таълими олӣ дар 19 тояш ба тариқи таҷриба имтиҳоноти тест гузаронида шуд.

Соли 1994 Маркази давлати тест ташкил шуд, аз он сол эътиборан дар муассисаҳои таълими олӣ қабул дар асоси тест пурра ҷорӣ гардид. Аз соли 1996 дар бобати таълим пардохти контракт-шартнома ҷорӣ гардид. Мувофиқи қонуни "Дар бораи таълим" (соли 1997) аз тартиби 5-сола тартиби 4-солаи бакалавриат ва 2-солаи магистратура, яъне ба низоми дузинагӣ гузашта шуд. Бино ба қарори Президенти мамлакат дар соли 2013 "Дар бораи боз ҳам такмил додани низоми тайёркунии кадрҳои ҳуқуқшиносӣ" донишкадаи ҳуқуқшиносӣ дар мақоми донишгоҳ аз нав ташкил карда шуд. Дар асоси қарори соли 2014 донишкадаи давлатии стоматологияи Тошканд таъсис ёфт.

**Дар ёд доред!**

Бино ба ҳолати соли 2017 дар мамлакатамон беш аз 80 муассисаи таҳсилоти олӣ, аз ҷумла 19 донишгоҳ, 37 донишкада, 6 академия, 1 консерватория, 1 мактаби олии ракс ва хореография, 13 филиали МТО, 6 филиали МТО-и давлатҳои хориҷӣ фаъолият нишон медиҳад.

Тартиби такмили ихтисос низ ба куллӣ ислоҳ шуд. Дар баробари муассисаҳои таълими халқ ва миёнаи махсус ва таълими касбу ҳунар такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои таълими олӣ ва соҳаҳо тамоман ба марҳилаи нав бароварда шуд. Дар асоси фармони Президент дар соли 2015 "Дар бораи чораву тадбирҳои боз ҳам такмил додани аз нав тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кардрҳои раҳбар ва педагогии муассисаҳои таълими олӣ" 15 муассисаи намоёни таълими олӣ ҳам-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

чун муассисаҳои такягоҳии таълими олӣ муқаррар гардид.



Филиали Донишгоҳи байналмилалии Вестминстр дар Тошканд

**Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ.** Дар натиҷаи татбиқи Дастури миллии тайёркунии кадрҳо дар Ӯзбекистон дар муддати нисбатан хеле кӯтоҳ дар соҳаи таълим модели наве ташкил ёфт, ки он таҷрибаи пешқадами давлатҳои намоёни дунё ва анъанаҳои миллиро дар бар мегирад.

Дар натиҷаи татбиқ ислоҳоти доимии низоми таҳсилоти олӣ дар солҳои истиқлол дар кишварамон филиалҳои якчанд донишгоҳҳои хориҷӣ кушода шуданд. Аз ҷумла, Донишгоҳи байналмилалии Вестминстери Британияи Кабир, филиалҳои Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, Донишгоҳи давлатии нефт ва гази Россия ба номи И.М. Губкин, Донишкадаи тараққӣ додани менежменти Сингапур, Донишгоҳи политехникии Турин дар Тошканд ба кор сар карданд. Инчунин, филиали Академияи иқтисодиёти Россия ба номи Г.В. Плеханов ва Донишгоҳи Инҳаи Кореяи Ҷанубӣ дар Тошканд низ ба ҷавонони ӯзбекистонӣ асрори таълимро омӯхта истодаанд.

**Филиалҳои донишгоҳҳои хориҷӣ дар Тошканд**

| Донишгоҳи Вестминстр | Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов | Донишгоҳи давлатии нефт ва гази Россия ба номи И.М. Губкин | Донишкадаи тараққӣ додани менежменти Сингапур | Донишгоҳи политехникии Турин | Академияи иқтисодиёти Россия ба номи Г.В. Плеханов | Филиали Донишгоҳи Инҳаи Кореяи Ҷанубӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2002 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2009 | 2014 |
| Иқтисодиёт ва бизнес | Математика ва психология | Нефт ва газ | Менежмент | Техника ва технология | Иқтисодиёт | Технологияи ахборот |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Филиали Донишгоҳи политехникии Турин дар Тошканд

Дар даргоҳҳои таълими диёрамон ва хориҷа садҳо нафар ҷавонони боиктидор таҳсил мегиранд ва малакаи худро такмил медиҳанд. Дар ин бобат ба роҳ монда шудани мубодилаи таҷрибаи дутарафа бо муассисаҳои таълими хориҷӣ аҳамияти бузург касб намудааст.

Республикаи Ӯзбекистон аз рӯи дараҷаи таълим ба сафи мамлакатҳои мутараққӣ даромад. Барои аз тарафи ҷавонон омӯхтани хазинаи илму техникаи ҷаҳонӣ эътибори калон дода мешавад. Робитаҳои даргоҳҳои таълими республика бо марказҳои таҳсилотии хориҷӣ хеле мустаҳкам шудааст. Омӯзгорон ва мутахассисони хориҷӣ барои ба забони хориҷӣ дарс додан даъват мешаванд, инчунин, дар марказҳои таҳсилотию илмии хориҷа кормандон такмили ихтисос мекунанд, донишҷӯён таҳсил мегиранд. Дар айни вақт шаҳрвандони хориҷии аз бисёр кишварҳои хориҷии ҷаҳон омада дар Ӯзбекистон таҳсил мегиранд.

**Ислоҳоти куллӣ дар соли 2017.** Мувофиқи Фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз 7 феврали соли 2017 “Дар бораи Стратегияи ҳаракатҳо оиди боз ҳам инкишоф додани Республикаи Ӯзбекистон” дар солҳои 2017–2021 таҳияи барномаи ба куллӣ такмил додани соҳаи таълими олӣ, ҳамқадами замон кардани барномаҳои таҳсил, нишон додани хизмати пулӣ ва дар ҷустуҷӯйи манбаъҳои иловагии бо маблағ таъмин кардан ваколатҳои муассисаҳои таҳсилоти олиро васеъ карда, истиқлолияти онҳо марҳила ба марҳила инкишоф дода мешавад. Дар давоми солҳои 2017–2018 Президенти Республикаи Ӯзбекистон ва Девони Вазирон қариби ҳафтод фармон, қарор ва фармоиш қабул

**Дар ёд доред!**

Бо мақсади шаффоф ва ҳаққонӣ гузаронидани имтиҳони тест, такмил додани ин низом ва барои офаридани сабукиҳо ба падару модарон ба ислоҳ кардани низоми мавҷуда даст зада шуд. Аз соли таҳсили 2018/2019 сар карда вазифаи гузаронидани ҷараёни тест на дар як рӯз, балки дар давоми 15 рӯз ва эълон намудани натиҷаи он дар рӯзи дигар гузошта шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

карданд. Ин тадбирҳо ба маънои том ба дигаршавии соҳаи таълим ва ҷараёни навигариҳо асос гузошт.

Соли 2017 баъди танаффуси беш аз 10 сол бо назардошти эҳтиёҷ ба кадрҳои соҳибмалакаи давлат ва ҷамъият бо ташаббуси Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев низоми таҳсили ғоибона барқарор карда шуд, таҳсили махсуси ғоибона такмил дода мешавад.

16 ноябри соли 2017 қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи такмил додани тартиби гузаронидани имтиҳоноти тести қабул ба бакалавриати муассисаҳои таълими олии республика” қабул шуд. Мувофиқи он аз соли таҳсили 2018–2019 сар карда дар соҳаи маданият, санъат, дизайн, санъати тасвирӣ ва амалӣ, таҳсили мусиқӣ, санъатшиносӣ, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, ки иқтидори алоҳидаро талаб мекунанд, имтиҳоноти тест бекор карда шуд.



Ҷараёни имтиҳони тест дар павилён

Масалан, дар Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон, Донишкадаи миллии рассомӣ ва дизайн ба номи Камолиддин Беҳзод, Донишкадаи давлатии тарбияи ҷисмонии Ӯзбекистон ва дар самтҳои таълими иқтидори махсус талабкунанда тартиби қабул фақат бо имтиҳоноти эҷодӣ ба роҳ монда мешавад. Дар низоми таҳсилоти олии оид ба тиббиёт низ як қатор ислоҳот амалӣ карда шуд. Аз ҷумла, дар соҳаи тиббиёт муддати таҳсили бакалавриат аз 7 сол то 6 сол ва дар соҳаи профилактикаи тиббӣ аз 6 сол то 5 сол гузаронида шуд.

**Таҳсили баъди таҳсилоти олӣ.** То соли 2012 муддати аспирантура (аз 3 сол), докторантура (аз 3 сол) иборат буда, дар солҳои 2012–2017 докторантураи якзинагӣ фаъолият мебурд. Дар байни солҳои 2013–2017 фақат наздики 360 нафар тадқиқотчӣ диссертатсияи докториро ҳимоя намуд. Ин натиҷа эҳтиёҷи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва тадқиқоти илмии республикаро ба кадрҳои баландмалакаи илмӣ ва илмию педагогӣ қонеъ карда натавонист. Бо мақсади боз ҳам такмил додани соҳаи таълим баъди хатми муассисаи таълими олӣ, вусъати имкониятҳо барои намоён кардани иқтидори интеллектуалии ҷавонон дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

бобати тадқиқоти илмӣ ва дар заминаи омӯзиши амалиёти пешқадами байналмилалӣ аз 1-уми июли соли 2017 тартиби дузинагии таҳсилоти баъди муассисаи олии таълим ҷорӣ карда шуд. Аввалан, ҳимояи диссертатсия ва докторантураи такягоҳӣ, ки оид ба соҳаи дахлдор дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ва сониян, ҳимояи диссертатсия ва низоми докторантура, ки оид ба соҳаи дахлдор дараҷаи илмии доктори илм (Doctor of Science) медиҳад.

***Эзоҳи истилоҳҳо!***

**Бакалавр** (*лот*. Baccalaureus) – дараҷаи илмии донишҷӯёне, ки зинаи якуми барномаи таълими олиро хатм кардаанд.

**Магистр** (*лот*. – сардор, устод) – дараҷаи илмии байни бакалавр ва доктори илм дар баъзе мамлакатҳо. Ба шахсоне, ки баъди курси такягоҳии таълими олӣ барномаи иловагиро иҷро кардааст, имтиҳонҳои махсусро супурда, кори муайяни илмиро ҳимоя намудааст, дода мешавад.

?

**Савол ва супоришҳо:**

1. Дар солҳои истиқлол кадом муассисаҳои таълими олӣ ташкил шуданд?
2. Ҳоло шумораи муассисаҳои таълими олӣ чанд то? Омилҳои сол то сол зиёд шудани онҳо чистанд?
3. Тағйирот дар низоми таълими баъди таълими олӣ чӣ гуна рӯй дод?
4. Соли 2017 дар низоми таълими олӣ чӣ гуна тағйирот рӯй дод?
5. Низоми таълини баъзи муассисаи таҳсили олӣ чандзинагӣ аст? Онро тавзеҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ VI. ИНКИШОФИ ИЛМУ ТЕХНИКА ВА ВАРЗИШ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛ

## Мавзӯи 12. Илму техника дар Ӯзбекистон

**Илму техника дар солҳои аввали Истиқлолият.** Шароити нави фарорасида ба куллӣ ислоҳ намудани соҳаи илму техникаро тақозо намуд. Зеро ҳал намудани муаммоҳои илмию техникии муҳим пешрафти республикаро таъмин менамуд.

Пеш аз ҳама, бино ба фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз моҳи марти соли 1992 мақомоти ваколатдори ташкилкунандаи кадрҳои илмӣ – Комиссияи олии аттестатсия (КОА) ташкил шуд.

Дар асоси фармони Президент аз моҳи июли соли 1992 “Дар бораи аз тарафи давлат пуштибонӣ кардани илму техника ва инкишоф додани фаъолияти инноватсионӣ” олимони республика барои аз бар намудани таҷриба ба кишварҳои хориҷӣ мерафтагӣ шуданд. Дар таркиби Академияи илмҳо маркази инноватсия ва тиҷорати ихтироъҳои илмии республика ташкил карда шуд, ки бо баровардани натиҷаҳои илмӣ ба бозори дохилию хориҷӣ машғул мешуд.

Соли 1997 Академияи Маъмун аз нав ташкил карда, он ҳамчун шӯъбаи минтақавии Академияи илмҳои Ӯзбекистон фаъолият менамояд.

Соли 2000 Бунёди дастнависҳои Институти шарқшиносии Академияи илмҳо ҳамчун яке аз хазинаҳои бойтарини дастнависҳои дунё ба рӯйихати мероси мадании ЮНЕСКО дароварда шуд.

Мувофиқи қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз моҳи августи соли 2006 “Дар бораи чораву тадбирҳои мувофиқ намудан ва такмил додани инкишофу идоракунии илму технологияҳо” дар назди Девони Вазирон Кумитаи мувофиқ намудани инкишофи илм ва технологияҳо ташкил карда шуд (ҳоло вазорат). Бар зиммаи кумита таҳияи самтҳои



Ярмаркаи республика оид ба ғояҳои инноватсионӣ, технологияҳо ва лоиҳаҳо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

устувори инкишоф додани илму технологияҳо, интегратсия намудани илми академикӣ ва муассисаҳои таълими олӣ, кӯмак расонидан ба инкишофи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илмӣ гузошта шуд.

Аз соли 2008 инҷониб дар Тошканд Ярмаркаи ғояҳои инноватсионӣ, технологияҳо ва лоиҳаҳо баргузор мешавад. Дар доираи ярмаркаҳои I–VIII, ки дар солҳоли 2008–2015 гузаронида шуданд, ҷамъ беш аз 4000 ихтироъҳо тақдим карда шуд. Аз соли 2008 беш аз 3000 шартномаи баробар ба 113 млрд. сӯм имзо гардид.

Олимони Ӯзбекистон инкишофи маънавию маърифӣ ва мадании ҷамъияти демократӣ ва ҳуқуқиро тадқиқ намуда, ба муваффақиятҳои маълуми соҳаи ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ, сарфаи энергия ва ашёи хом, бо ахборот фаро гирифтан ва ахборот-коммуникатсия, инкишофи кимё, био ва нанотехнологияҳо, соҳаи кишоварзӣ, экология ва муҳофизати муҳити атроф, тиббиёт, фармакология, геология, геофизика, сейсмология ноил мешаванд.

Дар соҳаи бостоншиносӣ (археология) низ пешравиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, аз соли 2002 маҷмӯаи солонаи “Ӯзбекистонда археологик тадқиқотлар” (“Тадқиқотҳои бостоншиносӣ дар Ӯзбекистон”), аз соли 2012 маҷаллаи “Ӯзбекистон археологияси” чоп мешавад. Дар асоси тадқиқотҳои бостоншиносӣ умри чандин шаҳрҳои бостонӣ аниқ карда, юбилейҳояшон гузаронида шуданд.

Ҳоло олимони дигар соҳаҳо низ натиҷаҳои бузург ба даст оварда истодаанд. Маълумотномаи ноёби илмии иборат аз 10 ҷилд бо номи “Пайвастҳои табиӣ (Захираҳои растанӣ, сохт ва хусусиятҳои онҳо”), ки аз тарафи Институти кимиёи моддаҳои растании Академияи илмҳо тайёр шуда буд, ба забони англисӣ дар Лондон чоп шуд. Ин ҳам аз инкишофи ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи илм далолат медиҳад.

Дар солҳои аввали истиқлол экспорти маҳсулоти илмии Академияи илмҳо 8,2 маротиба афзуд.

**Интегратсияи илму техника ва таълим.** Дар бобати таъмини интергатсияи илм ва таълими Ӯзбекистон низ як қатор корҳо ба анҷом расонида шуданд. Ин ҷараён то соли 2012 ба воситаи ташкилёбии марказҳои илмию таҳсилӣ дар сохтори Академияи илмҳо ба амал бароварда шуд. Аз ҷумла, дар Институти физика-техникаи Академияи илмҳо маркази илмию таҳсилии “Манбаъҳои энергияи аз нав баргар-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

данда", соли 2012 дар Институти иммунология маркази илмию таҳсилии инноватсионии "Биотиббиёт" кор сар карданд.

Аз соли 2012 дар низоми таълими олӣ барои инкишоф додани сектори илмӣ 5 то институти илмию тадқиқотӣ, 4 то марказҳои илмии минтақавӣ ҳамчун шӯъбаи илмӣ аз нав ташкил карда шуда, онҳо аз рӯйи самт ва ихтисос ба муассисаҳои таҳсилоти олии дахлдор гузаштанд.

Бо мақсади ихтисор кардани сохтори Академияи илмҳо ва пурзӯр намудани интегратсияи илм ва таълим соли 2014 2 то институт ва 1 то шӯъба ҳамчун марказҳои илмию тадқиқотии назди муассисаҳои таҳсолоти олӣ ташкил ёфтанд.

Мувофиқи фармони Президенти Республикаи Ўзбекистон дар соли 2012 "Дар бораи боз ҳам такмил додани тайёр намудан ва аз аттестатсия гузаронидани кадрҳои олималакаи илмӣ ва илмию педагогӣ " аз 1 январи соли 2013 дар масъалаи ҳимоя кардани диссертатсия ва додани дараҷаи илмии доктори илм низоми якзинагии таълими баъди таҳсилоти олӣ ҷорӣ карда шуд. Лекин аз сабаби он, ки ин тартиб ба стандартҳои илму техникаи байналмилалӣ пурра муносиб наомад ва имконияти илмии мавҷудаи республика паст фаромад, бо ташаббуси Шавкат Мирзиёев аз моҳи феврали соли 2017 низоми дузинагии ҷавобгӯи стандартҳои ҷаҳон, ки дараҷаҳои илмии доктори фалсафаи ва доктори илм медиҳад, ҷорӣ карда шуд.

**Ислоҳоти куллӣ дар соҳаи илму техника.** Солҳои 2016–2017 дар соҳаи илму техникаи Ўзбекистон даври ислоҳоти куллӣ гардиданд. Президенти Республикаи Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 20 декабри соли 2016 бори аввал бо намояндагони намоёни илму фан вохӯрд. Бино ба натиҷаҳои ин вохӯрӣ боз ҳам пурзӯр намудани эътибор ба илму техникаи Ўзбекистон муқаррар карда шуд. Дар Стратегияи ҳаракатҳо низ масъалаҳои рағбатнок кардани дастовардҳои илм, тадқиқотҳои илмӣ, инноватсия ва офаридани механизмҳои самараноки ҷорӣ кардани онҳо дар амал ва татбиқи лабораторияҳои ихтисосӣ, марказҳои технологияи олӣ ва технологияҳо алоҳида таъкид шудаанд.

Фармони раҳбари давлатамон Ш.М.Мирзиёев аз 17-уми феврали соли 2017. "Дар бораи такмил додан ва рағбатнок кардани



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

фаъолияти Академияи илмҳои Республикаи Ӯзбекистон” зарурати ташкили тараққиёти илмро дар Ӯзбекистон дар асоси талабҳои тамаддуни замони ҳозира, хусусан, офаридани асосҳои илмии стратегияи босуръати тараққиётҳои дар мамлакат татбиқшаванда ва дар асоси илм инкишоф додани истеҳсолотро нишон дод. Дар айни вақт, зарурати такмил додани фаъолияти Академияи илмҳо, ҳамаҷониба дастгирӣ кардани арбобони илм, баланд бардоштани сифати тайёркунии кадрҳои баландмалака ва боистеъдод ва онҳоро ҳавасманд намудан зикр шуд. Президент Ш. Мирзиёев дар мулоқот бо олимони шӯҳратёри илм, алломаҳое, ки мактаби худро офаридаанд, якчанд масъалаҳои муҳимро номбар кард. Дар асоси қарори Президент аз 17 феврали соли 2017 “Дар бораи чораву тадбирҳои боз ҳам такмил додани фаъолияти Академияи илмҳо, ташкили корҳои илмию тадқиқотӣ, идоракунӣ ва бо молия таъмин намудан” 9 муассисаи илмии тадқиқотӣ ба таркиби Академияи илмҳо баргардонида шуд, якчанд тадқиқотҳои илмӣ аз нав ташкил гардид. Дар Академияи илмҳо аз рӯи самти фан 3 то шӯъба ва шӯъбаи Навоӣ ташкил шуд. Фаъолияти Шӯрои ҷамоатии оид ба таърихи навтарини Ӯзбекистон ба роҳ монда шуд.

Бо қарори соли 2017 имзонамудаи Президенти Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи ташкил намудани Вазорати инкишофи инноватсионӣ” Вазорати инкишофи инноватсионии Республикаи Ӯзбекистон ташкил ёфт. Ҷорӣ намудани инноватсияҳо ва технологияҳои пешқадам дар сохтмони давлат ва ҷамъият, соҳаҳои иқтисодиёт, хоҷагии қишлоқ, инкишофи иҷтимоӣ, муҳофизати муҳити атроф ва истифода аз табиат вазифаҳои асосии вазорати мазкур муқаррар шуданд.

Дар Академияи илмҳо интихоботи охирин ба узвияти ҳақиқӣ соли 1995 гузаронида шуда буд. Солҳои охир шумораи академикҳо беш аз ду баробар кам шуданд ва соли 2017 63 нафар танҳо аъзои академия монда буданд. Бо фармони таърихии Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз 29 декабри соли 2017 “Дар бораи тасдиқи аъзоёни ҳақиқии Академияи илмҳои Республикаи Ӯзбекистон” пас аз танаффуси 22-сола 32 нафар узви ҳақиқии Академияи илмҳо тасдиқ шуданд. Ҳоло 400 муассиса ба рӯйихат гирифта шуд, ки бо тадқиқоти илмӣ машғул шуда, дар соҳаи илм 36 ҳазор нафар мутахассис, аз ҷумла, беш аз 2 ҳазор нафар доктори илм ва зиёда аз 9 ҳазор нафар номзади илм фаъолият мебаранд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Мулоҳиза кунед!**

Ҳоло дар соҳаи илми таърих 4 нафар академик – Аҳмадалӣ Аскаров, Эдвард Ртвеладзе, Анатолий Сагдуллаев ва Дилором Юсупова фаъолият мебаранд.

***Эзоҳи истилоҳҳо!***

**Инноватсия** (*англ.* – навигарӣ дохил намудан, ихтироъ) – технологияи пешқадам, идоракунӣ ва навгониҳои дигар соҳаҳо ва татбиқи онҳо дар соҳаҳои гуногун.

**Иммунология** (*юн.* – мафҳум, таълимот) илм дар бораи хусусиятҳои кимёвии организм, оид ба иммунитети он.

**Интегратсия** (*лот.* – барқарор намудан, пур кардан) мафҳуми муттаҳдикунандаи қисмҳо, элементҳо (унсурҳо). Ҷараёни наздикшавӣ ва вобастагии байниякдигарии онҳо.

**Савол ва супоришҳо:**

1. Вазифаҳои Комиссияи олии аттестатсия, ки дар солҳои аввали Истиқлолият ташкил шуд, аз чиҳо иборат аст?
2. Оиди фаъолияти Академияи илмҳо чиро дониста гирифтед?
3. Сабаби аз тартиби якзинагии гирифтани дараҷаи илмӣ (номзади илм, доктори илм) ба тартиби дузинагӣ чист?
4. Ташаббусҳои Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев оид ба инкишоф додани илму фан дар чиҳо намоён шуд?
5. Ҳоло дар Ӯзбекистон чӣ қадар академикҳо фаъолият мебаранд? Бо истифода аз адабиётҳои иловагӣ, номи баъзе аз онҳоро гӯед.

## Мавзӯи 13. Инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Республикаи Ӯзбекистон

**Офаридани низоми дастгирӣ намудани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш.** Дар Ӯзбекистон баъди ноил шудан ба Истиқлолият дар баробари маданият, таълим, илм ба корҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш низ эътибори калон дода шуд. Муттасил афзудани ҳаҷми маблағе, ки аз буҷети давлат ҷудо карда мешавад, соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш самти муҳими сиёсати давлат гардиданашро нишон медиҳад. Дар асл ҳам яке аз сабабҳои асоситарини бомуваффақият иштирок кардани варзишгарони мамлакатамон дар мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ мунтазам аз тарафи давлат пуштибонӣ ёфтани соҳа аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Соли 1992 дар сессияи IX Олий Мажлиси Республикаи Ӯзбекистон қабул шудани қонун “Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш” ва ба он дохил кардани тағйирот ва иловаҳо, соли 2015 тасдиқ шудани таҳрири нави он ба боз ҳам инкишоф ёфтани соҳаи варзиш хизмат кард. Дар республика барои тайёр намудани варзишгарони баландмалака 536 то мактабҳои варзиши махсуси бачаҳо ва наврасон, 5 то коллеҷи захираҳои олимпӣ, 8 то мактаби олии маҳорати варзишӣ фаъолият нишон медиҳанд. Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 10 августи соли 2017 қарорро “Дар бораи чораву тадбирҳои минбаъд ҳам такмил додани фаъолияти Донишкадаи давлатии тарбияи ҷисмонии Ӯзбекистон” имзо кард. Мувофиқи он Донишкадаи давлатии тарбияи ҷисмонии Ӯзбекистон ба шаҳри Чирчиқи вилояти Тошканд кӯчонида шуд. Дар Донишкадаи давлатии тарбияи ҷисмонии Ӯзбекистон аз соли таҳсили 2017–2018 шӯъбаи ғоибонаи таҳсил кушода шуд.

Дар мамлакат барои инкишофи базаи моддию техникии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш як қатор корҳо амалӣ карда шуданд. Хусусан, дар Тошканд, Намангон, Ҷиззах, Фарғона, Бухоро, Хоразм, Андиҷон, Самарқанд, Гулистон ва дигар шаҳрҳо маҷмӯаҳои варзиши ҷавобгӯйи стандартҳои байналмилалӣ сохта шуданд. Маҷмӯаҳои варзишии “Юнусобод”, “Ҷар”, “Бунёдкор” дар Тошканд, “Паҳлавон” дар шаҳри Намангон, коллеҷи захираҳои олимпии шаҳри Ҷиззах ва дигарон аз ҷумлаи онҳоянд. Мувофиқи фармони Президенти Ӯзбекистон аз моҳи марти соли 2018 Кумитаи давлатии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Республикаи Ӯзбекистон ташкил шуд.

**Бозиҳои сезинагии варзишӣ.** Солҳои Истиқлолият барои оммавӣ намудани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар кишвар даври алоҳида гардид. Дар ин роҳ ташкил шудани Бунёди инкишоф додани варзиши бачагони республика, аз соли 2000 дар байни донишҷӯёни мактабҳои олӣ гузаронидани “Универсиада”, дар байни донишҷӯёни коллеҷҳои миёнаи махсуси касбу ҳунар мусобиқаҳои “Баркамол авлод”, дар байни донишомӯзони мактабҳои таълими






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

умумӣ ташкили мусобиқаҳои варзишии “Умид ниҳоллари” воқеаҳои дорои аҳамияти бузурганд. Мақсади асосӣ аз ташкили мусобиқаҳои сезинагии варзишӣ аз тарғиб намудани тарзи солими ҳаёт, тайёр кардани номзадҳо ба ҷамоаҳои яккачини кишвар дар мусобиқаҳои байналмилалӣ иборат аст. Солҳои охир аз тарафи давлатамон ба масъалаи инкишофи варзиши занону духтарон эътибори алоҳида дода, хусусан, намудҳои гимнастикаи бадеӣ ва шиноварии синхронӣ пеш меравaнд. Дар асл ҳам, дар солҳои истиқлол завқи духтарони миллати маҳаллӣ ба мактабҳои варзишӣ афзудааст.

Дар солҳои Истиқлолият на фақат барои таъмини оммавияти варзиш дар байни мардум, балки ба инкишофи баъзе намудҳои варзиш эътибори калон дода шуд. Аз ҷумла, варзиши Ӯзбекистон дар бобати кураши (гӯштингирии) ӯзбекӣ, теннис, бокс дар миқёси ҷаҳон ҷойи худро дорад. Муваффақиятҳои варзишии Ирода Тӯлаганова оид ба теннис, Руслан Чагаев, Артур Григорян ва Муҳаммадқодир Абдуллаев оид ба бокс натиҷаҳои беҳтарини варзишгарони Ӯзбекистон дар майдонҳои байналмилалӣ буд.

**Кураш** (гӯштингирӣ). Ба шарофати истиқлол барои баргардонидани намудҳои варзиши миллӣ ва дар миқёси байналмилалӣ ҳамчун намуди варзиш эътироф намудани онҳо имконият ба вуҷуд омад. Аз соли 1992 оид ба кураш дар шаҳрҳои Тирмиз ва Шаҳрисабз мусобиқаҳои аввалини байналмилалӣ гузаштанд. Соли 1992 Федератсияи кураши Ӯзбекистон, соли 2001 Федератсияи кураши миёнбанд таъсис ёфт. Бо фармони махсуси Президент дар моҳи сентябри соли 1998 бо иштироки 28 давлати Осиё, Африка ва Европа дар Тошканд Ассосиатсияи байналмилалии кураш ташкил шуд. Соли 2000 дар шаҳри Анқараи Туркия чемпионати 2-юми ҷаҳонии кураш баргузор шуд. Кураши ӯзбек ба ҷаҳон рӯй оварда, боз ҳам хусусияти байналмилалӣ касб намуд. Соли 2016 дар ҳамаи қитъаҳои дунё беш аз 120 федератсияи кураши Ассосиатсияи байналмилалии кураш ташкил шуд.



Мусобиқаи байналмилалӣ оид ба кураш



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Дар ёд доред!**
Соли 2003 дар Ассамблеяи XXII-уми умумии Шӯрои Олимпии Осиё дар Қувайт кураши ӯзбек ба барномаи Бозиҳои Осиё дохил карда шуд.

**Олимпиада.** Моҳи сентябри соли 1993 дар сессияи 101-уми Кумитаи байналмилалии Олимпӣ Кумитаи миллии олимпии Республикаи Ӯзбекистон пурра эътироф шуд. Кумита то имрӯз ба инкишофи варзиши байналмилалӣ ва ҳаракати олимпӣ кӯмак расонида меояд. Вай бо иҷрои вазифаҳои тарғиб намудани ғояҳои олимпия дар Ӯзбекистон, таъмини иштироки намояндагони республика дар Бозиҳои олимпӣ, ба роҳ мондан ва инкишоф додани робитаҳои дӯстона бо варзишгарони дунё машғул мешавад.

Моҳи январи соли 1996 мувофиқи қарори Кумитаи байналмилалии Олимпӣ Нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов барои хизматҳояш дар роҳи инкишоф додани варзиши ҷаҳон ва садоқаташ ба ғояҳои олимпӣ бо ордени Тиллоии Олимпия мукофотонида шуд. Моҳи августи соли 1996 дар Тошканд Музейи шӯҳрати олимпӣ кушода шуд. Дар байни солҳои 2000–2016 варзишгарони республика дар мусобиқаҳои Олимпия ва Бозиҳои Осиё бомуваффақият иштирок карданд. А.Таймазов, М.Ибрагимов (гӯштингирии озод), А.Докторашвилӣ (гӯштини тарзи юнону рим), Р.Собиров (дзюдо) Ю.Ҳайдаров, А.Атоев, Б.Султонов (бокс), А.Фокин (гимнастика), Екатерина Хилко (гимнастика) барин варзишгарон шӯҳрати варзиши мамлакатро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштанд. Хусусан, Артур Таймазови гӯштингири озод  аз қабили варзишгари ягонаест, ки якчанд маротиба унвони чемпиони Олимпияро гирифтааст. Олимпиадаи тобистонаи XXXI-уми дар шаҳри Рио-де-Жанейро (Бразилия) баргузоршуда барои таърихи мамлакатамон мусобиқаи аз ҳама сермаҳсул шуд. Зимни ин Олимпиада боксчиёнамон медали бештарро ба даст оварданд. 7 нафар аз устодони дастпӯши чармин аз Рио бо медал баргаштанд. Онҳо:



Ҷоизадорони Олимпиадаи соли 2016



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳасанбой Дӯстматов, Шаҳобиддин Зоиров, Фазлиддин Ғоибназаров (тилло), Шаҳром Ғиёсов, Бектемир Меликӯзиев (нуқра), Рустам Тӯлаганов, Муродҷон Аҳмадалиев (биринҷӣ). Ин натиҷа натиҷаи баландтарин дар мусобиқаҳои бокси Олимпиада гардид. Дар бобати ҷамъи медалҳо оид ба ин намуди варзиш онҳо рақибонашон аз Куба, Қазоқистон ва Россияро ақиб гузошта, мақоми аввалро ишғол намуданд. Атлетикачии вазнин Руслан Нуриддинов дар Бозиҳои олимпӣ рекорд гузошта, соҳиби медали тилло гашт.

**Футбол.** Дар солҳои истиқлол эътибор ба намудани оммавитарини варзиш – футбол ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта шуд. Бо мақсади боз ҳам инкишоф додани футболи оммавӣ ва касбӣ дар Ӯзбекистон, мустаҳкам намудани базаи моддии он, тайёр ва тарбия кардани насли нави футболбозон, боло бурдани нуфузи байналмилалии футболи Ватанамон қабул шудани қарорҳои Президенти Республикаи Ӯзбекистон ва Девони Вазирон дар соли 1993 “Дар бораи чораву тадбирҳои инкишоф додани футбол дар Республикаи Ӯзбекистон”, дар соли 1996 “Дар бораи чораву тадбирҳои ба куллӣ такмил додани асосҳои ташкилӣ ва принсипҳои инкишоф додани футбол дар Ӯзбекистон”, дар соли 2006 “Дар бораи чораву тадбирҳои иловагии инкишоф додани футболи Ӯзбекистон” аҳамияти калон доранд.



Р. Эрматов довари тоифаи байналмиалӣ доир ба футбол

Довари ӯзбек Равшан Эрматов салоҳияти ва қудрати варзишгарони Ӯзбекистонро дар дунё намоиш дод, вай дараҷаи довари тоифаи байналмилалии Федаратсияи футболи Ӯзбекистон, мақоми довари ФИФАро гирифтааст. Ӯ дар солҳои 2008, 2009, 2010, 2011

**Дар ёд доред!**

Дастаи яккачини футболи Ӯзбекистон дар турнирҳои байналмилалӣ се маротиба мукофоти асосиро ба даст овард. Якум соли 1994 дар бозиҳои Осиё ҷамоаи яккачини олимпӣ, соли 2012 наврасони то 17 сола ғолиби чемпионати Осиё, соли 2018 ҷамоаи яккачини Олимпӣ ба унвони чемпиони Осиё соҳиб шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ва 2014 панҷ маротиба ҳамчун довари беҳтарини Осиё эътироф шуд. Ӯро соли 2010 Федератсияи иттиҳодияҳои футболи ҷаҳон ҳамчун "Довари беҳтарини дунё" тан гирифт. Р. Эрматов дар аснои фаъолияти худ дар марҳилаи финалии чемпионати ҷаҳон оид ба футбол бештар аз ҳама – 9 то вохӯриро назорат намуда (то соли 2014) рекорди ҷаҳонӣ нишон додааст. Равшан Эрматов мувофиқи фармонҳои Президент соли 2010 унвони фахрии "Ӯзбекистон ифтихори", соли 2014 ордени "Эл-юрт ҳурмати", инчунин, соли 2015 ордени "Буюк хизматлари учун" ва бо автомобили "Malibu" мукофотонида шуд.



Чемпионҳои Осиё. Соли 2018.

Соли 2018 дар чемпионати Осиё дар байни футболбозони синнашон то 23, ки дар Хитой баргузор шуд, ҷамоаи Ӯзбекистон ғолибиро ба даст овард. Бо супориши Президент Шавкат Мирзиёев маросими ботантанаи аъзоёни ҷамоаи яккачини олимпии Ӯзбекистон, ки дар чемпионати Осиё зафар намуданд, баргузор шуд. Ба ҳар яки чемпионҳои қитъа тӯҳфаи Президент – автомобили нави Chevrolet Malibu супурда шуд.

**Савол ва супоришҳо:**

1. Дар солҳои Истиқлолият дар соҳаи варзиш чӣ гуна тадбирҳо ба амал баровaрда шуд?
2. Мақсад аз гузаронидани бозиҳои сезинагӣ чӣ буд?
3. Иштирокчиёни ғолиби Бозиҳои олимпиро номбар кунед.
4. Мактаби бокси Ӯзбекистон ва зафарҳои байналмилалии онро шарҳ диҳед.
5. Оид ба кураши миллии ӯзбек ва марҳилаҳои инкишофи он нақл намоед.

## Мавзӯи 14. Сиёсати оид ба ҷавонон дар Ӯзбекистон

**Ташкилоти ҷавонон.** Пас аз ба Истиқлолият ноил шудан бо мақсади муттаҳид намудани ҷавонони мамлакат ташкилоти "Иттифоқи ҷавонон" ташкил шуд. Дар натиҷаи он, ки ин ташкилот ҷавононро баҳри таъмини иҷрои қарорҳои пленум ва анҷуманҳояш



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

роҳнамун карда натавонист, дар қарорҳо манфиатҳо ва эҳтиёҷоти ҷавонон пурра инъикос нашуданд, Бунёди “Камолот”-и ҷавонони Республикаи Ӯзбекистон ташкил шуд. Вазифаи бунёди “Камолот” аз омӯхтани манфиату ниёзмандиҳои ҷавонон, таҳияи барномаҳо барои қонеъ намудани онҳо ва бо кӯмаки давлат ба ҳаёт татбиқ кардани он барномаҳо иборат буд. Аммо бунёди ҷавонони “Камолот” ин гуна вазифаҳоро ӯҳда нанамуд, ба маънои ҳақиқии роҳнамуни ҷавонон табдил наёфт. Дар қурултойи соли 2001 дар Тошканд ба амаломада ташкилоти нодавлат ва нотиҷорат – ҳаракати иҷтимоии ҷавонони “Камолот”-и Республикаи Ӯзбекистон ташкил шуд. Мақсади асосии ҳаракати иҷтимоии ҷавонон – “Камолот” аз муттаҳидкунии ҷавонон, кӯмак расонидан барои ёфтани ҷойи муносиб дар ҷамъият, ҳимояи манфиатҳои онҳо, фароҳам овардани шароит дар бобати намоён кардани ақлу заковат, ғайрати ҷавонон, ба такягоҳи ҳақиқии ҷавонон табдил шудан иборат буд. Онҳо ҷавонони аз 14 -сола то 28-солаи шаҳрвандони Ӯзбекистонро дар сафҳои худ ба таври ихтиёрӣ муттаҳид намуда, фаъолият нишон доданд. 30 июни соли 2017 бо иштироки Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев қурултойи ҳаракати иҷтимоии ҷавонон – “Камолот” баргузор шуд. Дар бораи хатм ёфтани фаъолияти ҲИҶ “Камолот” ва ташкили “Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон” қарор қабул шуд. Бо мақсади таъмин кардани тахти эътибори бевоситаи Президенти Ӯзбекистон будани муаммоҳо ва ташаббусҳои ҷавонон раиси Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон дар айни вакт дар лавозими Мушовири давлатии Президент будани ӯ ба мақсад мувофиқ дониста шуд.

**Дастгирии ҷавонон аз тарафи давлат.** Ояндаи миллат дар дасти ҷавонони маънан, ҷисмонан бақувват ва солим аст. Беш аз 60 фоизи аҳолии Ӯзбекистонро ҷавонони то 30-сола ташкил медиҳанд. Ҳанӯз дар солҳои аввали истиқлоли республикаамон ба таълиму тарбия, саломатии ҷавонон эътибори калон дода мешавад. Мақсад аз

**Дар ёд доред!**

Соли 1996 бунёди ҷавонони “Камолот” таъсис ёфт. Соли 2001 ин бунёд ба ҳаракати иҷтимоии ҷавонон – “Камолот” табдил гардид. Соли 2017 ин ҳаракат фаъолияташро ба поён расонд, Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон ташкил карда шуд. Санаи 30-юми июн ҳамчун "Рӯзи ҷавонон" қайд мегардад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо, ислоҳоти муносиби андозаҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи таълим, корҳои беназир дар бобати ҳифзи саломатии аҳолӣ ҳам камолоти ҷавонон аст. Ноябри соли 1991 қонун “Дар бораи асосҳои сиёсати давлат оид ба ҷавонон дар Республикаи Ӯзбекистон” қабул шуд. Соли 1997 фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон барои дастгирӣ кардани таҳсили ҷавонони боистеъдод дар хориҷа оид ба ташкил кардани бунёди “Умед” эълон шуд.

Қабул шудани қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи чораву тадбирҳои иловагӣ барои амалӣ намудани сиёсати давлат оид ба ҷавонон дар Республикаи Ӯзбекистон” соли 2014 давоми мантиқии корҳо оид ба воя расонидани насли маънавияташ олӣ, мустақил ва озод фикркунанда, дастовардҳои замонавии илму техникаро пухта азбаркарда, ҳамаҷониба солим ва баркамол шуд. Дар солҳои истиқлол барои фароҳам овардани шароит дар бобати истеъдод, салоҳият ва қобилияти духтарони ҷавонони боиқтидор дар соҳаи адабиёт, маданият, санъат, илм ва таълим соли 1999 фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи дастгирӣ кардани пешниҳодот оид ба таъсис шудани мукофоти давлатии ба номи Зулфия” қабул шуд, ки он дар ҳаёти ҷамъият барои ташаккули мутахассисони намоён, роҳбар ва боистеъдод заминаи бузург гардид.

Қариб 80 нафар ҷавон барои истеъдоди фавқулодда дар бобати сарояндаи таронаҳои классикӣ, иҷрои академекӣ, эстрада, опера, балет, навозандагӣ, хониши анъанавӣ, рақс бо мукофоти “Ниҳол” тақдир шуданд, ки ба маънои том ифодаи равшани эътибор ва ғамхорӣ нисбат ба онҳо аст. Принсипҳои ҳаётии мустаҳками хизмати ҳарбӣ барои ҷавононро, аҳамияти рағбатнок намудани ҷавонони хизмати ҳарбиро хатмкардаро, таҳсилро давом додани онҳо ва фароҳам овардани шароит ва имтиёзҳо барои дохил шудан ба мактабҳои олиро ба инобат гирифта, соли 2005 қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи чораву тадбирҳои боз ҳам такмил додани тартиби имтиёзҳое, ки хизматчиёни ҳарбии хизмати

**Дар ёд доред!**

Соли 2017 шумораи духтарони аз 14-сола то 22-сола, ки ба Мукофоти давлатии ба номи Зулфия лоиқ дониста шуданд, аз 200 нафар гузашт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

муддатноки ҳарбиро дар сафаи Қуввaҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон гузашта дода мешавад” эълон шуд. Бинобар ин қарор барои шаҳрвандоне, ки хизмати ҳарбиро дар сафи Қуввaҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон гузаштаанд, ҳангоми супурдани тест дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ имтиёзи ба миқдори 25 фоиз зам намудан ба ҳамон балле, ки ҷамъ овардаанд, дода шуд.

Дар солҳои истиқлол барои ҳамаҷониба баркамол ба воя расидани ҷавонон базаи мустаҳкам қонунӣ офарида шуд. Хусусан, 23 то қонун ва беш аз 100 санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул карда шуда, ба ҳаёт муттасил татбиқ мегардад. Ғайр аз он, ҳангоми додани ном ба солҳо манфиати ҷавонон низ ба эътибори алоҳида гирифта шуд. Масалан, соли 2000 – “Соли авлоди солим”, соли 2001 – “Соли модарон ва фарзандон”, соли 2008 – “Соли ҷавонон”, соли 2010 – “Соли авлоди баркамол”, соли 2014 – “Соли фарзанди солим”, соли 2016 – “Соли модар ва фарзанди солим” эълон шуд ва барномаҳои калонмиқёси чораву тадбирҳо дар амал татбиқ гардид.

**Пурзӯршавии эътибор ба ҷавонон.** Соли 2016 қонуни Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи сиёсати давлатӣ оид ба ҷавонон” қабул шуд. Мувофиқи он, ҳамаи тоифаи шасхони то 30-сола ҳамчун ҷавонон қайд гардид. Қабул шудани қонун “Дар бораи сиёсати давлатӣ оид ба ҷавонон” барои мустаҳкам намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ҷавонон дар мамлакатамон, ба пурзӯр кардани масъулияти мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо дар роҳи татбиқи амалии сиёсати давлат оид ба ҷавонон, боз ҳам баланд бардоштани самаранокии тадбирҳои оид ба тарбияи насли баркамол ва солим хизмат менамояд. Мувофиқи фармони Президентамон аз моҳи июли соли 2017 “Дар бораи боло бурдани самаранокии сиёсати давлат оид ба ҷавонон ва дастгирӣ намудани фаъолияти Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон” ба ҳамаи литсейҳои академикии ҳарбии мамлакат номи “Мактаби темурбекҳо” дода шуд. Бо мақсади боз ҳам рағбатнок кардани ҷавонон



Мактаби темурбекҳо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мукофоти “Мард ӯғлон” таъсис шуд. Моҳи сентябри ҳамон сол бо мақсади ёрирасонӣ ба забти марраҳои баланди илмҳои аниқ аз тарафи донишомӯзон, муайян намудани соҳибиқтидорони соҳаи технологияҳои ахбороту коммуникатсия ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои мутобиқсозии қобилияти онҳо зери тасарруфи Вазорати инкишоф додани технологияҳои ахбор ва коммуникатсияҳои Ӯзбекистон мактаби ихтисосии омӯзиши фанҳои оид ба технологияҳои ахбороту коммуникатсияи ба номи Муҳаммад ал-Хоразмӣ (мактаби Ал-Хоразмӣ) ташкил шуд. Ба ин мактаб аз синфи 5 бо натиҷаҳои имтиҳони хаттӣ ва даҳонӣ қабул мешавад.

**Мулоҳиза!**

“Ҷавонони дунёи имрӯза аз нигоҳи нуфус (шумора) дар таърихи тамоми башарият авлоди аз ҳама бузург ҳастанд, зеро онҳо 2 миллиард нафарро ташкил медиҳанд. Ояндаи сайёраамон, беҳбудии он бо чӣ гуна инсон шуда, ба камол расидани онҳо вобаста аст. Барои иқтидори худро нишон додани ҷавонон шароити зарурӣ фароҳам овардан, гирифтани пеши роҳи паҳншавии “вирус”-и ғояҳои зӯроварӣ вазифаи асосии мост. Чунин мешуморам, ки барои ин насли ҷавонро аз нигоҳи иҷтимоӣ пуштибонӣ намуда, дар роҳи ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои он ҳамкории бисёртарафаро инкишоф додан зарур. Бинобар ин Ӯзбекистон дар шароити имрӯза, ки глобализатсия ва технологияҳои ахбороту коммуникатсия пуршиддат ривоҷ менамоянд, таҳия кардани ҳуҷҷати ҳуқуқии байналмилалии ҷамъбастиро, ки ба ташаккул додан ва татбиқи амалии сиёсати оид ба ҷавонон нигаронида мешавад, яъне Конвенсияи байналмилалии оид ба ҳуқуқҳои СММ-ро пешниҳод менамояд”.

*Аз нутқи Шавкат Мирзиёев дар сессияи 72-юми Сарассамблеяи СММ.*

**Савол ва супоришҳо:**

1. Ҷавонон чӣ қадари аҳолии Ӯзбекистонро ташкил мекунанд? Мо киҳоро ҷавонон мегӯем?
2. Аз сайти Lex.uz қонуни “Дар бораи сиёсати давлат оид ба ҷавонон”-ро ёфта, мазмуну моҳияти онро баён кунед.
3. Оиди имтиёзи имрӯз ба ҷавонн додашуда чиро медонед?
4. Президент Ш. Мирзиёев дар нутқи худ дар сессияи 72-юми Сарассамблеяи СММ доир ба муаммои ҷавонон чӣ иброз намуд, шарҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ VII. ИНКИШОФИ МАЪНАВИЮ МАДАНИИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛ

## Мавзӯи 15. Эҳёи мероси маънавию таърихӣ дар Ӯзбекистон

**Эҳёи хотираи таърихӣ.** Ӯзбекистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр истиқлолияташро ҳамаҷониба мустаҳкам карда наметавонад. Аз ин боис раҳбарияти мамлакат аз рӯзҳои аввали истиқлол ба ин масъала эътибори зарурӣ дод. Соли 1991 550-солагии таваллуди Алишери Навоӣ васеъ ҷашн гирифта шуд. Ба номи Алишери Навоӣ Мукофоти давлатӣ таъсис ёфт. Ба Институти адабиёт номи Алишери Навоӣ дода шуд. Ҳайкали Навоӣ Дар Тошканд дар боғе, ки кӯли Комсомол ном дошт, гузошта шуд ва ин боғ номи Боғи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоиро гирифт.

Соли 1994 мувофиқи қарори ҳукумат дар мамлакатамон эълон шудани соли Улуғбек, гузаронидани 600-солагии он дар Ӯзбекистон ва дар миқёси ҷаҳон, хусусан дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар Париж низ рамзи ба арзиши башарият табдил ёфтани мероси ниёгони бузург аст. Соли 1996 660-солагии таваллуди Амир Темур васеъ ҷашн гирифта шуд. Фармони Президенти мамлакат аз хусуси эълон шудани "Соли 1996 соли Амир Темур" имзо гардид. "Тузукоти Темурӣ" ба чандин забон нашр шуд. Ёдгориҳои фарҳангию таърихии он замон эҳё шуд, адабиёти хаттӣ ба муомилаи илмӣ дохил гардид. Дар муддати кӯтоҳ ба шаъну шавкати дунёвии соҳибқирон муносиб музейи давлатии таърихи Темуриён бино карда шуд.

Бино ба қарори махсуси ҳукумат, декабри соли 1999 дар Хоразм 190-солагии таваллуди Муҳаммад Ризо Эрниёзбек ӯғли Огаҳӣ, дар Нукус 175-солагии таваллуди Аҷиниёз Қосибой ӯғли, октябри соли 1998 дар Фарғона 1200-солагии таваллуди Аҳмад ал-Фарғонӣ васеъ қайд карда шуд. Мероси илмии алломаҳои забардасти олами ислом 1225-солагии Имом Исмоили Бухорӣ, 1200-солагии Имом Абӯисо Тирмизӣ, 920-солагии Маҳмуд Замахшарӣ, 850-солагии Наҷмиддин Кубро, 675-солагии Баҳоуддин Нақшбанд, 600-солагии Хоҷа Аҳрори Валӣ ва бузургдошти дигар алломаҳо ҷашн карда шуданд.

**Хотираи инсон безавол аст.** Бо таваҷҷӯҳи Президенти кишвар Шавкат Мирзиёев анъанаи ба ҷо овардани ҳурмати ононе, ки барои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Самарқанд. Ҳайкали Амир Темур.



Шаҳрисабз. Ҳайкали Амир Темур.



Тошканд. Музейи давлатии таърихи Темуриён.

равнақи диёр заҳмат кашидаанд, давом дорад. Дар солҳои 2017–2018 дар ин бобат корҳои зиёд анҷом дода шуд. Дар Тошканду Самарқанд ва Қаршӣ барои абадӣ намудани хотираи Ислом Каримов, дар вилояти Намангон Исҳоқхон Ибрат, дар вилояти Хоразм Комилҷон Отаниёзов, дар Қароқалпоқистон Ибройим Юсупов, дар Фарғона Эркин Воҳидов, дар Қашқадарё Абдулло Орипов, дар Андиҷон Муҳаммад Юсуф тадбирҳои бузург гузаштанд. Бо номи онҳо марказҳо, мактабҳои эҷодӣ ташкил карда шуданд. Дар шаҳри Ҷиззах бахшида ба хотираи Ҳамид Олимҷон ва Зулфия маҷмӯаи ёдгорӣ гузошта шуд.

**Дар ёд доред!**

Соли 1993 дар Тошканд, соли 1996 дар Самарқанд ва Шаҳрисабз ҳайкали Амир Темур кушода шуд. Ҳамон сол шаҳрҳои Самарқанд ва Шаҳрисабз бо ордени «Амир Темур» мукофотонида шуданд.



Ҳайкали Зулфия ва Ҳамид Олимҷон. Ҷиззах

Қайд шудани 100-солагии таваллуди арбоби намоёни давлатӣ, адиби машҳур Шароф Рашидов, ки барои тараққиёти Ватан фидокорона хизмат карда, ба инкишофи адабиёту фарҳанг ҳиссаи бузург гузоштааст, халқамонро масрур намуд. Дар асоси қарори Президенти Ӯзбекистон аз 27 марти соли 2017 “Дар бораи қайд кардани 100-умин солгарди таваллуди арбоби намоёни давлатӣ ва нависанда Шароф Рашидов” 6 ноябри соли 2017 – рӯзи таваллуди Шароф Рашидов дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҷиззах тадбирҳои тантанавӣ шуда гузашт. Дар тадбирҳои шаҳри Ҷиззах Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев иштирок ва нутқ кард.

Мувофиқи қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз 25 январи соли 2017 "Дар бораи абадӣ намудани хотираи Нахустин Президенти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Абдуғаниевич Каримов" ҳайкалҳои Ислом Каримов дар пойтахти Ӯзбекистон – шаҳри Тошканд, дар шаҳри Самарқанд – зодгоҳи Ислом Каримов ва дар шаҳри Қаршии вилояти Қашқадарё, ки Ислом Каримов раҳбари якум шуда кор карда буд, гузошта шуданд. Зиёда аз он, соли 2018 дар шарҳри Самарқанд, дар маҳалле, ки ӯ дафн шудааст, маҷмӯаи ёдгорӣ бунёд шуд. Дар қароргоҳи Оқсарой, ки И. Каримов солҳои тӯлонӣ фаъолият бурда, маҷмӯаи ёдгории илмию маърифии ба номи Ислом Каримов ташкил гардид. Инчунин, ба якчанд кӯчаҳо ва объектҳои азим номи Ислом Каримов дода шуд. Бо фармони Президент 30 январи соли 2018 80-солагии зодрӯзи И. Каримов васеъ қайд шуд. 24 март дар Самарқанд анҷумани байналмилалӣ баргузор гардид.

**Эҳёи расму оинҳо, арзишҳо ва анъанаҳои миллӣ.** Бо шарофати истиқлол эҳё ва нав




Ҳайкали Ш.Рашидов. Ҷиззах.



Мақбараи И.Каримов

**Дар ёд доред!**

Ислом Каримов раҳбари республика шуда, ҳамаи тӯҳмату таъқиботро нисбат ба Шароф Рашидов боздошт. Номи покашро зинда кард. Соли 1992 75-солагии таваллуди Шароф Рашидов қайд карда шуд. Соли 2016 бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев ба ноҳияи Ҷиззах номи Шароф Рашидов дода шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ҳайкали И.Каримов. Самарқанд.

намудани мероси миллии маънавии халқамон, ба шуури мардум расонидан ва ба зиндагӣ мутобиқ сохтани онҳо ҳамчун ке аз вазифаҳои муҳимтарин ба миён гузошта шуд.

Ба халқамон гашта омадани ҷашни Наврӯз, ки арзиши азалии мардумамон, иди дӯстдоштааш ба ҳисоб меравад, дар таърихи мамлакат воқеаи бузург гардид. Аз соли 1991 бино ба фармони Президент дар кишвар 21-уми март ҳамчун ҷашни умумихалқии Наврӯз қайд карда мешавад. Эҳёи ҷашни қадимии халқ – Наврӯз аз тарафи аҳли кишвар маъқул дониста шуда, бо рӯҳбаландӣ истиқбол гардид ва ҳоло низ ҳамчун ҷашни азиз пешвоз гирифта мешавад.

**Дар ёд доред!**

Дар Ӯзбекистон расман 3 рӯзи хотира мавҷуд аст: 1) аз соли 1999 инҷониб 9 май – "Рӯзи хотира ва қадр"; 2) аз соли 2001 эътиборан 31 август – "Рӯзи поси хотири қурбониёни истибдод"; 3) аз соли 2017 сар карда 2 сентябр – рӯзи хотираи нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов.

**Худатонро санҷед!**

Хотираи аҷдодон – ин...
Ислом Каримов – ин...
Шароф Рашидов – ин...
Эҳёи маънавии соли 2017 – ...

Дар он замони шӯроҳо, ки Ӯзбекистон мутеъ буда, рӯзҳои сахтро аз сар мегузаронид, Ислом Каримов ба хоҳишу иродаи мардум гӯш андохта, ба ҳуҷҷати таърихии фаромӯшнопазир имзо гузошт. Рӯзи 2-юми июни соли 1990 фармони "Дар бораи ҳаҷи мусулмонон ба Арабистони Саъудӣ" эълон шуд.

Дар мамлакат дар бобати истифодаи пурсамар аз омили динии Ислом, вусъати имкониятҳои бойи маънавӣ ва фарҳангии он чора дида шуд. Аз ҷумла, соли 1990 фармони махсуси Президент қабул шуд, ки зиёрати Ҳаҷи мусулмононро кафолат дод.

Бино ба фармони Президенти Ӯзбекистон аз 27 марти соли 1992



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Тантанаҳои ҷашни Наврӯз.

“Дар бораи рӯзи истироҳат эълон кардани ҷашни Рӯза” рӯзҳои муборакии ҳаёти мусулмонон – рӯзҳои ҷашни Қурбон ва Рамазон доиман ид карда, мардум истироҳат менамоянд, ки ин орзуву омоли халқамон буд. Ба туфайли истиқлол ҳафтаномаи “Ислом нури”, маҷаллаи “Ҳидоят” ба дунё омад, адабиётҳли динию ахлоқии бисёр чоп шуданд. Аз ҷумла, китобҳои ҳадиси иборат аз чор ҷилди Имом

> **Дар ёд доред!**
>
> Соли 2016 палови ӯзбекӣ ба рӯйихати мероси маданиии ғайримоддии ЮНЕСКО дохил шуд.

Бухорӣ, якҷилдаи Имом Тирмизӣ”, асарҳои дигар алломаҳо дар садҳо ҳазор нусхаҳо чоп шуданд. Қуръони карим ҳашт маротиба, ҷамъ дар як миллион нусха нашр шуд. Ин китоби муқаддас дар диёрамон бори аввал соли 1992 аз тарафи Алоуддин Мансур ба ӯзбекӣ баргардонида шуд ва се маротиба, ҷамъ дар 300 ҳазор нусха интишор гардид.

Соли 2004 дар Донишгоҳи исломии Тошканд нашри эзоҳии Қуръони карим дар тарҷумаи шайх Абдулазиз Мансур тайёр ва чоп шуд.Мусулмонони Ӯзбекистон ба озодӣ ва имкониятҳои мусоид ноил мешаванд. Онҳо бевосита бо ёрии ҳукумат имконияти ҳар сол адо намудани ҳаҷи муқаддас ва амали умраро доранд. Агар дар замони шӯравӣ аз шаҳрвандони кишвар 3–4 нафар сафари ҳаҷро адо карда бошанд, то соли 2016 ҳар соле беш аз 5000 нафар шаҳрвандон ҳоҷӣ шуда баргаштанд.




Нусхаи тарҷумаи ӯзбекии Қуръон.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Дар ёд доред!**

Бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев бо назардошти саршумори аҳолӣ ва афзудани хоҳишмандони зиёрати ҳаҷ дар солҳои охир аз соли 2017 шумораи шаҳрвандони ӯзбекистонӣ, ки метавонанд ба ҳаҷ раванд, аз 5200 нафар то 7200 нафар афзуд.

Табиист, ки покшавии маънавию рӯҳӣ, эҳёи арзишҳо чараёни якрӯза нест, он кори муттасилро талаб менамояд. Қарорҳои Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи чашн гирифтани 1130-солагии Имом Абӯмансур ал-Мотуридӣ”, “Дар бораи бино ба санаи ҳиҷрӣ чашн гирифтани 910-солагии таваллуди Бурҳониддин ал-Марғинонӣ” далели рӯшани фикрамон аст. Соли 2003 900-солагии таваллуди Абдухолиқ Ғиждувонӣ васеъ чашн гирифта шуд.

**Инро хонед!**

- Соли 1997–2500-солагии шаҳрҳои Хива ва Бухоро чашн гирифта шуд.
- Соли 2002–2500-солагии шаҳри Тирмиз чашн гирифта шуд.
- Соли 2002–2700-солагии Шаҳрисабз қайд шуд.
- Соли 2003–70-солагии шаҳри Нукус қайд шуд ва шаҳр бо ордени “Дӯстлик” мукофотонида шуд.
- Соли 2006–2700-солагии шаҳри Қаршӣ чашн гирифта шуд.
- Соли 2006–1000-солагии Академияи Маъмуни Хоразм қайд шуд.
- Соли 2007–2750-солагии шаҳри Самарқанд чашн гирифта шуд.
- Соли 2007–2000-солагии шаҳри Марғелон қайд карда шуд.
- Соли 2009 – маросими ботантана бахшида ба 2200-солагии пойтахти Республикаи Ӯзбекистон – шаҳри Тошканд баргузор шуд.

**Тарғиботи маънавият.** Барои беҳтар шудани маънавияти мамлакат Маркази ҷамъияти “Маънавият ва маърифат”, ки дар асоси қарори Президент дар соли 1994 ташкил шуд, аҳамияти калон дошт. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии тарғиботи ғояи миллӣ дар мамлакат ва корҳои маънавию маърифатӣ, ҳаётӣ ва таъсирнокии онҳо мувофиқи қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз 25 августи соли 2006 дар таркиби Шӯрои маънавият ва маърифати республика ду марказ – Маркази тарғиботи маънавияти республика ва Маркази илмию амалии ғоя ва мафкураи миллӣ ташкил карда



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

шуд. Сарвазир Раиси Шӯро (Кенгаш), ҳокимон раисони шӯроҳои ҳудудии вилоятӣ таъин шуданд. Системаи корҳои маънавию маърифӣ бо тақозои замон ва шароит такмил дода шуданд. Ҳоло вазъияти мураккабу таҳлуканоки дунё таҳлили танқидии корҳои анҷомёфтаро, фаъолияти онро мувофиқи замон такмил доданро талаб менамояд. Аз ин сабаб қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз 28 июли соли 2017 "Дар бораи баланд кардани самаранокии корҳои маънавию маърифӣ ва ба сатҳи нав баровардани инкишофи соҳа" қабул карда шуд. Мувофиқи он Шӯрои маънавият ва маърифати республика ва Маркази илмию амалии ғоя ва мафкураи миллӣ як карда, ба ҷойи онҳо Маркази маънавият ва маърифати республика аз нав ташкил карда шуд. Ба Шӯрои Маънавият ва маърифат раисӣ кардани Президенти Республикаи Ӯзбекистон муқаррар карда шуд.

**Савол ва супоришҳо:**

1. Мафҳуми "Хотираи таърихӣ"-ро эзоҳ диҳед.
2. Дар солҳои истиқлол бузургдошти кадом алломаҳо ҷашн гирифта шуданд?
3. Барои аз нав эҳё намудани арзишҳо ва анъанаҳои мардуми ӯзбек чӣ гуна қарорҳо қабул карда шуданд?
4. Барои номбар кардани сабабҳои "Пойтахти маданияти ислом8" эълон шудани Тошканд дар соли 2007 ҳаракат намоед.
5. Ҷадвали зеринро пур кунед. Дар бораи эътибор дар ин замон ба шахсони таърихӣ маълумот гирд оваред.

| Амир Темур | Алишери Навоӣ | Шароф Рашидов | Ислом Каримов |
|---|---|---|---|
| | | | |

## Мавзӯи 16. Маданият ва санъат дар Ӯзбекистон

**Масканҳои маънавият. Театр.** Дар солҳои истиқлол дар ҳаёти маданӣ низ дигаргуниҳои куллӣ рӯй доданд. Ин таҳавуллот пеш аз ҳама дар инкишофи санъати театр намоён гардид, биноҳи нави театр сохта, ба кор даромаданд. Соли 1991 дар Фарғона, соли 1993 дар Хоразм театрҳои давлатии лӯхтак кор сар карданд. Соли 1994 дар назди театрҳои вилоятии Қашқадарё ва Намангон гурӯҳҳои лӯхтак, соли 2001 дар вилояти Сурхондарё театри лӯхтак кушода шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Барои театри давлатии академикии драмаи ӯзбек (соли 2001) ва театри академикии драмаи русии Ӯзбекистон (соли 1999) ва ба ҷамоа-ҳои театрҳои вилоятӣ биноҳои нав сохта, таъмир гардиданд. Моҳи октябри соли 2015 маросими кушоиши Театри калони академикии давлатии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ баъди азнавсозӣ баргузор шуд. Моҳи сентябри соли 1993 қасри "Туркистон" ба кор сар кард. Соли 2009 қасри анҷуманҳои байналмилалии "Ӯзбекистон", соли 2011 маҷмӯаи "Маркази маърифат", ки аз Қасри симпозиумҳо ва Китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ иборат аст, соли 2014 дар вилояти Фарғона қасри театр-консертӣ барои даргоҳҳои маънавият кушода шуданд.



Театри калони академикии давлатии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ.



Қасри симпозиумҳо ва Китобхонаи миллии Ӯзбекистон.

Фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев "Дар бораи инкишоф додани санъати театр дар Ӯзбекистон"(соли 1998) дар эҷодиёти санъати саҳна нақши алоҳида дорад, мувофиқи он барои таъмин кардани иштироки фаъоли арбобони театр дар ислоҳоти маънавию маърифӣ, бо мақсадҳои офаридани асарҳои баландғояи бадеии театрӣ, ки арзишҳои миллиро тараннум менамоянд, иттиҳодияи эҷодию истеҳсолии "Ӯзбектеатр" ташкил карда шуд. Соли 2017 фаъолияти он танқидӣ таҳлил карда, иттиҳодия барҳам зада, функсияҳои он ба Вазорати маданият гузаронида шуд.

Соли 2001 ба Театри давлатии академикии драмаи ӯзбек бино ба фармони Президент мақоми "Театри миллӣ" дода шуд. Соли 2014 Президент "Дар бораи 100-солагии Театри миллии академикии драмаи ӯзбек" қарор қабул кард. Бино ба ин қарор бинои театр таъмир ва юбилейаш баргузор гардид.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Бинои Театри давлатии академикии драмаи ӯзбек

Дар баробари театрҳои республика дар пойтахт ҷамоаҳои вилоятӣ низ дар муносибатҳои байналмилалии маданӣ иштирок карда меоянд. Дар ин бобат Театри ҷавонони Ӯзбекистон, Театри "Илҳом" ва театр-студияи "Эски масҷид"-и Қашқадарё фаъолӣ нишон доданд. Соли 2018 дар назди Вазорати мудофиаи Ӯзбекистон бори нахуст театр-студияи ҳарбии "Турон" ташкил карда шуд. Ин театр на фақат ба ҳарбиён ва оилаҳои онҳо, балки ба ҳама хизмат мекунад.

Чун дар дигар соҳаҳо соли 2017 дар соҳаи театр низ ислоҳотҳо сар шуданд. Пеш аз ҳама дар Стратегияи ҳаракатҳо барои солҳои 2017–2021 инкишоф додани фаъолияти театр ва масканҳои тамошо, ташкилотҳои маданию маърифатӣ ва такмил додан, мустаҳкам кардани базаи моддию техникии онҳо муқаррар карда шуд. Бо мақсади ташкил кардани фаъолияти муассисаҳои маданият, боло бурдани нақш ва аҳамияти маданият ва санъат дар ҳаёти ҷамъият, тарбия кардани насли ҷавон дар рӯҳи садоқат ба арзишҳои миллию умумибашарӣ Президенти Республикаи Ӯзбекистон "Дар бораи чораву тадбирҳои боз ҳам инкишоф ва такмил додани соҳаи маданият ва санъат" қарор қабул намуд. Ҳоло барои таъмин кардани фаъолияти 37 то театр дар мамлакат соли 2017 аз буҷети давлат беш аз 81 миллиард сӯм маблағ ҷудо карда шуд. Мувофиқи қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз 14 майи соли 2018 "Дар бораи ҷорӣ кардани низоми такмилёфтаи додани ҳақи меҳнати ходимони муассисаҳои давлатии маданият ва архивҳои давлатӣ ва пурзӯр намудани аз ҷиҳати моддӣ рағбатнок кардани онҳо" миқдори ҳаққи меҳнати артистони муассисаҳои маданияти давлатӣ, идоракунии маъмурӣ, ходимони бадеӣ-раҳбарон, эҷодӣ ва дигар ходимон ба ҳисоби миёна 45 фоиз афзуд.

**Санъати мусиқӣ ва рақс.** Дигаргунии куллӣ дар санъати мусиқӣ дар солҳои истиқлол дар ҷараёни бозгашт ба асл, баҳрамандӣ ва мутаассир шудан аз оҳангҳои анъанавӣ намоён шуд. Барои ин, пеш аз ҳама, қаробат ба халқ, дар байни мардум будан, соҳибистеъдодҳои нодири халқиро пайдо кардан зарур буд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Барои ин мақсад соли 1992 якчанд озмунҳо гузаронида шуданд. Дар Тошканд моҳи март озмуни иҷрокунандагони асарҳои санъаткорони сози миллӣ “Асрларга тенгдош наволар” (“Оҳангҳои ба асрҳо ҳамсол”), моҳи апрел иҷрокунандагони асарҳои санъаткорони машҳур “Овозҳои абадзинда”, дар вилояти Хоразм моҳи май озмуни дастаҳои фолклор, дар моҳи июн дар шаҳри Қӯқанд аския, ширинкорон ва масхарабозон ва дар моҳи август дар шаҳри Тошканд озмуни иҷрокунандагони лапар, ялла ташкил шуд. Онҳо даҳҳо соҳибистеъдодонро кашф намуданд. Ташкили ин гуна тадбирҳо, фестивалҳо ба анъана табдил ёфт, бо кӯшишҳо баҳри ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ дар миқёси ҷаҳон ҳамоҳанг шуда рафтанд.

Дар солҳои истиқлол ба инкишофи мусиқа ва рақси касбӣ низ эътибор дода шуд. Соли 1996 иттиҳодияи гастролу консертии “Ӯзбекнаво” ташкил шуд. Бино ба фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон дар соли 1997 иттиҳодияи рақси миллии “Ӯзбекрақс”-и ба номи Мукаррама Турғунбоева ва Мактаби давлатии олии рақс ва хореографияи миллии Тошканд таъсис ёфтанд. Соли 2001 иттиҳодияи эстрадии “Ӯзбекнаво”, Шӯрои инкишоф ва мувофиқсозии санъати эстрадаи миллӣ ба кор оғоз намуд.

Дар солҳои истиқлол озмунҳо ва фестивалҳои тамоман нав пайдо шуданд. Соли 1995 Девони Вазирон дар бораи гузаронидани озмун дар мавзӯйи “Ӯзбекистон –Ватани ман” қарор қабул кард. Ин озмун аз моҳи марти соли 1996 гузаронида шуда, он дар роҳи тараннуми истиқлол, Ватан қадами муҳим шуд. Аз ин боис 27 августи соли 1996 фармони махсус қабул шуд. Дар он ҳамасола дар рӯзи якшанбеи сеюми моҳи август қайд шудани ҷашни суруди “Ӯзбекистон–Ватани ман” эълон гардид. Ин озмун барои офаридани садҳо таронаҳои истиқлолро мадҳкунанда омил шуд.



Маросими кушоиши фестивали байналмилалии мусиқии “Таронаҳои Шарқ”.

Бино ба қарори Девони Вазирон аз соли 1997 дар ҳар ду сол дар шаҳри Самарқанд фестивали байналмилалии “Таронаҳои Шарқ”



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мегузаронидагӣ шуд. Дар фестивали якум намояндагони 31 мамлакат иштирок намуданд. Фестивал ҳудудҳои нав ба навро фаро гирифта истодааст. Соли 2015 дар фестивали X санъаткорон аз 66 кишвар иштирок карданд. Соли 1998 дар кишварамон бори аввал фестивали мусиқии симфоникӣ гузашт. Дар фестивал иҷрокунандагони наздики 20 кишвар иштирок намуданд.

Дар солҳои истиқлол баробари фароҳам овардани шароити зарурӣ барои инкишофи намудҳои академикӣ, анъанавӣ ва замонавии санъати мусиқӣ ба такмили омӯзонидани онҳо низ эътибор дода, соли 2002 Консерваторияи давлатии Тошканд ба Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон табдил ёфта, бинои нави он барпо гардид.



**Дар ёд доред!**

Дар рӯйихати мероси фарҳангии ғайримоддии башарият, ки ЮНЕСКО мебарад, Шашмақом (2008), муҳити мадании Бойсун (2008), Наврӯз (2009), ашӯлаи калон (2009), аския (2014) ҷой гирифтааст. Соли 2017 бо қарори Президент Маркази мақоми миллии ӯзбек ташкил шуд. Аз соли 2018 дар шаҳри Шаҳрисабз дар ду сол як маротиба фестивали байналмилалии санъати мақом гузаронида мешавад.

Бино ба қарори Президент барои мустаҳкам намудани базаи моддию техникии мактабҳои мусиқа ва санъати бачаҳо ва беҳтар кардани фаъолияти онҳо барномаи давлатӣ қабул шуд, дар доираи он дар солҳои 2009–2014 дар ҳудудҳои 278 то мактаби мусиқа ва санъат барои истифода супурда шуд.

Мукофоти "Ниҳол", ба номи Зулфия таъсис ёфт. Фестивали эҷодиёти бачаҳои республика бо номи "Ситорагони рангинкамон", озмуни иҷрокунандаги ҷавони "Навои созҳо" ва монанди инҳо гузаронида мешаванд, ки истеъдодҳои навро ба саҳна бароварда, онҳо пуштибонӣ ёфтаанд.

**Санъати тасвирӣ.** Истиқлол барои санъати тасвирӣ имкониятҳои зиёд фароҳам овард. Аввалан, соли 1997 бори якум дар Ӯзбекистон Академияи бадеӣ ташкил карда шуд. Соли 2002 Хонаи расмҳои

**!**

**Худатонро санҷед!**

Консерватория – ин... Мероси мадании ғайримоддӣ – ин...

Фестивалҳои мусиқӣ 8 – ин... Масканҳои маънавият – ин...



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Тошканд, соли 2004 галереяи санъати тасвирии Ӯзбекистон, соли 2005 галереяи либосҳои ӯзбекӣ, соли 2006 намоишгоҳи маданият ва санъат ба кор оғоз кард. Дар фармони Президенти кишвар “Дар бораи чораву тадбирҳои аз тарафи давлат боз ҳам дастгирӣ кардани ҳунармандии бадеии халқ ва санъати амалӣ” (соли 1997) баланд кардани муҳимияти санъати ороиши амалӣ, аз ҷониби давлат пуштибонӣ шудани таҳияи чизҳои бадеии дастсохт муқаррар гардидаанд. Унвони фахрии “Устои халқии Республикаи Ӯзбекистон” таъсис шуд. Иттиҳодияи “Ҳунарманд” ташкил ёфт. Зиёда аз ин, ҳунармандон аз андоз озод карда шуданд.

**Кино.** Дар солҳои Истиқлолият ба инкишофи санъати кинои миллӣ эътибори алоҳида дода шуд. Аз ҷиҳати молиявӣ дастгирии аввал соли 2004 баъди ташкил намудани агентии миллии “Ӯзбеккино” ба зинаи нав бароварда шуд.

Соли 2017 барои санъати кино низ соли муҳим шуд. Фақат дар ин сол аз буҷети давлат ба агентии миллии “Ӯзбеккино” 12 миллиарду 400 миллион сӯм ҷудо карда шуд. 29 декабри соли 2017 Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо ходимон ва мутасаддиёни санъати кинои миллӣ мулоқот намуд. Дар он масъалаҳои мустаҳкам намудани базаи моддию техникии санъати кино, ташкил кардани муассисаҳои таълими олии соҳа, такмили таҷриба ва малака, дар ҳудудҳо сохтани кинотеатрҳо, фаъолияти онҳоро ба роҳ мондан муҳокима карда шуд. Инчунин, дар бораи инкишоф додани соҳаи кинематография таъмин кардани иҷрои қарорҳо, мустаҳкам намудани алоқаҳо бо киностудияҳо ва эҷодгарони кинои хориҷӣ, дар ҳамкорӣ бо онҳо офаридани филмҳо таъкид карда шуд.

**Адабиёти бадеӣ.** Дар адабиёти солҳои истиқлол рӯҳи миллӣ, анъанаҳои ҳазорсолаи таърихии эҷодӣ, арзишҳои умумибашрӣ, усулияти изҳори озодонаи фикр эҳё шуд. Ҳифзи истиқлол, бунёд кардани Ватани озоду обод, тарбияи инсони комил, дарки худшиносии миллӣ барин мавзӯъҳо барои адабиёти бадеӣ мавзӯи асосӣ шуданд. Дар романи таърихӣ, песа ва қиссаҳои Абдулло Орипов, Одил Ёқубов, Примқул Қодиров, Хуршед Даврон ва монанди онҳо симоҳои аҷдодони бузургамон Амир Темур, Мирзо Улуғбек, Бобур ва дигарон ба арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ муносиб карда, талқин ёфтанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бо фаъолияти эҷодии байрақбардорони адабиёти даврони истиқлол Қаҳрамонони Ӯзбекистон Саид Аҳмад, Абдулло Орипов, Эркин Воҳидов, шоири халқии Ӯзбекистон Муҳаммад Юсуф тамоми мардум мефахранд.

Дар бобати ҳал намудани вазифаҳои муҳими адабиётшиносии ӯзбек дар солҳои истиқлол асарҳои О.Шарофиддинов, Б.Қосимов, Н.Каримов ҷойи алоҳида доранд. Романҳои Муҳаммад Алӣ ва Т. Малик, асарҳои баркамоли бадеӣ, аз ҷиҳати ғоявӣ баланди У.Азим, Э.Аъзам, С.Саййид, Ҳ.Худойбердиева, Ҳ.Аҳмедова, Ҷ.Эргашева, Х.Дӯстмуҳаммад, Ш.Салимова барин шоирон ва адибон ҳиссаи калон шуд.

Умуман эътибор ба адабиёт самти муҳими адабиёт шуд. Барои дастгирии нависандагон соли 2010 дар назди Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон фонди “Эҷод” ташкил карда шуд. Аз соли 2011 китоби нахустини эҷодгарони ҷавон аз ҳисоби давлат чоп мешаванд. Эътибор ба адабиёт дар солҳои 2017–2018 боз ҳам пурзӯр шуд. 12 январи соли 2017 қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи инкишоф намудани низоми чопи маҳсулоти китоб ва паҳн намудан, баланд кардани маданияти мутолиаи китоб ва китобхонӣ ва тарғиб кардан ташкил намудани комиссия” қабул шуд. Аз ин сол дар байни китобдӯстони аз 10-сола то 30-сола озмуни республикавии “Китобхони ҷавон” ташкил карда шуд. Инчунин, 3 августи соли 2017 Президенти Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев бо рӯшанфикрони эҷодкор вохӯрда ба як қатор муассисаҳои маданӣ ташкилотҳои ҳомиро муқаррар кард. Дар ин бобат бо Банки халқӣ “Клуби дӯстон”-и Иттифоқи нависандагон ташкил карда шуд. Ташкил шудани “Клуби дӯстон” барои баланд кардани мақом ва нуфузи нависандагон ва шоирон, амалӣ намудани салоҳияти эҷодии онҳо, рағбатнокии моддию маънавӣ, фароҳам овардани шароити муносиби кор ва зиндагӣ имкониятҳои васеъ офарида мешавад.

**Музей.** Барои худшиносии миллатамон ва эҳёи арзишҳои миллию таърихӣ музейҳои аҳамияти алоҳида доранд. Ба воситаи музейҳо мозиро, таърихро дидан, ба хотир овардан, ҳис намудан ва омӯхтан мумкин. Аз ин боис дар солҳои истиқлол ба масъалаи таъмири музейҳои мавҷуда, бо экспонатҳои нав пур кардан, музейҳои нав барпо кардан эътибори махсус дода шуд. Соли 1996 музейи давлатии



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

таърихи Темуриён, Шаъну шӯҳрати Олимпия, соли 2002 Хотираи қурбониёни қатағон, дар маркази вилояти Сурхондарё–шаҳри Тирмиз Музейи бостоншиносӣ (археология) ба кор сар карданд.

**Дар ёд доред!**

Агар дар солҳои 1991–1994 73 то музей мавҷуд бошад, соли 2017 шумораи онҳо ба 450 то расид.

Фармони Президенти Ӯзбекистон “Дар бораи ба куллӣ беҳтар намудан ва такмил додани фаъолияти музейҳо” (с.1998) дар мамлакат истиқболи инкишоф додани кори музейҳоро муайян карда дод. Музейҳо зери ҳимояи давлат гирифта шуданд, таъмири онҳо, бо экспонатҳои ғанӣ сохтани онҳо аз ҳисоби буҷети давлат молиявӣ дастгирӣ карда шуданд. Соли 1998 бо мақсади мувофиқсозии фаъолияти музейҳо, ёрии илмию услубӣ, аз нигоҳи моддӣ дастгирӣ кардан хазинаи республикавии “Ӯзбекмузей” таъсис шуд. Барои боло бурдани маданияти музейшиносии аҳолӣ маҷаллаи “Мозийдан садо” ташкил шуд ва он аз соли 1999 ба забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва англисӣ дарҷ мегардад. Бо назардошти аҳамияти музейҳо дар маънавияти ҷавонон бино ба қарори Девони Вазирон аз соли 2014 барои бачаҳо ва падару модарони онҳо рӯзҳои сешанбе ва ҷумъаи ҳафта музейҳо бепул хизмат расонда, ҳар сол 2—8 сентябр “Ҳафтаи музейҳо” ташкил мешавад. Ҳамин тариқ, давлат баробари ҳифзи хусусиятҳои серҷонибаи ҳаёти маданӣ барои фароҳам овардани шароити мусоиди инкишофи ҷамъият эътибор дода меояд. Инчунин маданият бештар ба ҷавонон-қисми асосии аҳолии Ӯзбекистонро ташкил медиҳанд, нигаронида шудааст, ки ин ҳам аҳамияти калон дорад.

***<u>Эзоҳи истилоҳҳо!</u>***

**Симпозиум** (ҷамъомаде, ки бо мусиқӣ, шеър мегузарад) – машварати илмии байналмилалие, ки оид ба ягон масъалаи илмӣ мегузарад, анҷумани илмӣ.

**Фестивал** (*итал.* – ҷашнвора, шодиёна, хушнудӣ) – озмуне, ки оид ба дастовардҳои беҳтарини соҳаҳои мусиқа, кино, театр ва дигар соҳаҳои санъат гузаронида мешавад, ҷашни оммавие, аз озмун иборат аст, тантана, сайл.

**Галерея** (фран. – пешайвон) – айвончае, ки болояш пӯшида ду қисми бино як мекунад; яруси болоие дар толори тамошо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

?

**Савол ва супоришҳо:**
1. Аз чӣ сабаб дар солҳои аввали Истиқлолият ба маданият ва санъат эътибор зиёд шуд?
2. Ҳоло дар Ӯзбекистон чӣ гуна музейҳо фаъолият мебаранд?
3. Дастовардҳо ва камбудиҳои санъати киноро номбар кунед.
4. Дар солҳои истиқлол дар фаъолияти театрҳо чӣ гуна дигаргуниҳо рӯй доданд?

# БОБИ VIII. СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ ДУТАРАФАИ РЕСПУБЛИКАИ ӮЗБЕКИСТОН

## Мавзӯи 17. Ташаккули фаъолияти сиёсии хориҷии Республикаи Ӯзбекистон ва самтҳои устувори он

**Ҳолати геосиёсии Ӯзбекистон.** Республикаи Ӯзбекистон бо сохти хоси географиаш дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар байни давлатҳо фарқ менамояд. Ин гуна ҷойгиршавӣ ҷиҳатҳои мусоид ва номусоид дошта, он дар бобати вазъияти геосиёсӣ, манфиатҳои геостратегӣ, интихоб ва муқаррар кардани сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ аҳамияти муҳим касб менамояд.

Имкониятҳои мусоиди геосиёсии Ӯзбекистони мустақил чунинанд: Роҳи бузурги абрешим, ки аз қадимулайём дар байни Шарқ ва Ғарб роҳи савдо, робитаҳои илмӣ ва дипломатӣ буд, аз ҳудуди Ӯзбекистон мегузашт. Ҳоло низ роҳҳое, ки Европа ва Шарқи Наздикро бо Осиё–минтақаи укёнуси Ором мепайвандад, аз Осиёи Марказӣ, аз Ӯзбекистоне, ки дар маркази он ҷойгир аст, мегузарад; Ӯзбекистони дар маркази Осиёи Марказӣ ҷойгирбуда бо назардошти ҳолати географии худ дар ин минтақа имконияти нигоҳ доштани нисбат ва мувозинати қувваҳо, инкишоф додани ҷараёни интегратсияи иқтисодӣ, таъмини суботу барқарорӣ, мустаҳкам намудани ҳамкорира дорад. Ӯзбекистон ҳоло дар байни давлатҳои ҳамсоя – Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Афғонистон вазифаи ҳалқаи васлкунандаро иҷро карда меояд. Ӯзбекистон бинобар сабаби ҷойгиршавии худ дар маркази шабакаҳои нақлиёт, энергетика, коммуникатсия, об ҷой гирифтааст. Шароити иқлимаш хеле мусоид, захираҳои азими минералӣ – ашёи хом ва материалҳои стратегӣ дорад, маданияти зироаткорӣ пеш рафтааст, худашро



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Харитаи Осиёи Марказӣ**

бо озуқа таъмин карда метавонад. Худро на фақат бо нефт, газ, металлҳои ранга таъмин менамояд, балки имконияти содироти (экспорти) онҳоро дорад. Дар зери замини Республикаи Ӯзбекистон ҳамаи элементҳои ҷадвали даврии Менделеев мавҷуд аст.

Гарчанде Ӯзбекистон ин гуна имкониятҳоро дорад, номусоидии ҷойгиршавии геосиёсии Ӯзбекистонро мустасно карда намешавад. Аз ин ҷиҳат чунин омилҳое мавҷуданд, ки барои Республикаи Ӯзбекистон мушкилиҳо ба вуҷуд меоранд: Ӯзбекистон дар маркази стратегии нимҳалқаи дорои конҳои ба нефт ва газ бойи халиҷи Форс, ҳавзаи баҳри Каспий ва ҳавзаи Тарим мавқеъ гирифтааст. Аз ин боис дар ин ҳудуд дар шароити нарасидани энергия дар дунё манфиати як қатор давлатҳо ба ҳам зид меоянд. Давлатҳои пурзӯри дунё дар ин минтақа манфиати худро меҷӯянд. Ӯзбекистон дар минтақае ҷойгир аст, ки ин ҷо номуросогии этникӣ, наркобизнес ва ҳар гуна қувваҳои берунӣ дахолат карда, рағбатнок намуда, бо Афғонистоне, ки моҷарои дохилиаш ҳанӯз поён наёфтааст, ҳамсарҳад аст. Ӯзбекистон кишварест, ки бевосита ба баҳр баромада наметавонад, зиёда аз ин аз бандарҳои баҳрӣ хеле дур ҷой гирифтааст. Роҳи кӯтоҳтарини оҳан, ки ба баҳри Сиёҳ, баҳри Балтика, баҳри Япон ва баҳри Шимол мебарад, қариб 3 ҳазор километр масофа дорад. Ҳамаи дарёҳои Ӯзбекистони мустақил, ки ҳудуди республикаро бурида мегузаранд 150 км.ро ташкил медиҳанд, захираҳои обии онҳо маҳдуд ва



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

муаммоҳои экологӣ низ дорад. Фоҷиаи Арал низ ба мамлакати мо номусоидиҳо овардааст.

**Таҳияи асосҳои сиёсати мустақилонаи хорибии Республикаи Ӯзбекистон.** Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ қадамҳои аввалини дипломатияи Ӯзбекистон, мавқеи онро дар Осиёи Марказӣ, нақши алоҳидаи онро дар бобати таъмини амнияти минтақа эътироф намудааст. Самти маънавии сиёсати хориҷии Ӯзбекистон инсонпарварӣ, ошкорой, қадру қимат, такя ба имкониятҳои худ ва дар оилаи ягонаи башарият роҳи тараққиёти худро доштан мебошад. Аз ин боис дар солҳои истиқлол мамлакатамон бо 133 давлат муносибатҳои дипломатии расмиро ба роҳ мондааст. Дар Тошканд 45 то сафоратхонаи давлатҳои хориҷӣ, 9 то консулхона, 11 то ваколатхонаи байналмилалӣ фаъолият мебаранд.

Мустаҳкам намудани истиқлол, амнияти кишвар, субот ва тараққиёт аз бисёр ҷиҳат ба робитаҳои дипломатӣ бо давлатҳои хориҷӣ вобаста буд. Тартиби сиёсати хориҷии Республикаи Ӯзбекистон дар асоси Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон, қарорҳои Девони Вазирон аз моҳи майи соли 1992 “Дар бораи масъалаҳои ташкил кардани фаъолияти Вазорати корҳои хориҷии Республикаи Ӯзбекистон” ва моҳи марти соли 1994 “Дар бораи такмил додани фаъолияти Вазорати корҳои хориҷии Республикаи Ӯзбекистон” ташаккул ёфт. Соли 1996 қонун “Дар бораи принсипҳои асосии фаъолияти сиёсии берунии Республикаи Ӯзбекистон” қабул шуд.

Сентябри соли 2012 “Консепсияи фаъолияти сиёсии хориҷӣ”-и Республикаи Ӯзбекистон эълон шуд. Консепсияи фаъолияти сиёсии хориҷии Республикаи Ӯзбекистон низоми томи принсипҳои сиёсати хориҷии давлат аст, ки самтҳои устувори стратегӣ, мақсад ва вазифаҳоро дар арсаи байналмилалӣ, механизмҳои пешниҳод кардани манфиатҳои миллии Ӯзбекистон дар истиқбол муқаррар менамояд. Дар консепсияи мазкур ба минтақаи Осиёи Марказӣ

Мулоҳиза кунед!
Президенти Ӯзбекистон моҳи январи соли 2018 бори аввал дар таърихи мамлакат бо сафирони Ӯзбекистон дар кишварҳои хориҷӣ мулоқоти ошкоро гузоронд. Ба фикри шумо, барои ин зарурат буд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Дар ёд доред!**

“Республикаи Ӯзбекистон субъекти ҳуқуқи пурраи муносибатҳои байналмилалӣ аст. Сиёсати хориҷии он ба баробари соҳибихтиёрии давлатҳо, истифода набурдан аз қувва ё таҳдид накардан бо қувва, дахолатнопазирии сарҳадҳо, сулҳомезона ҳал кардани низоъҳо, дахолат накардан ба корҳои дохилии дигар давлатҳо ва ба қоидаҳо ва нормаҳои ҳуқуқии умумиэътирофшуда асос меёбад”.

*Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 17-ум.*

эътибори алоҳида дода шудааст ва принсипи “Манфиатҳои муҳими ҳаётии Ӯзбекистон бо ин минтақа вобаста аст” расман эътироф шудааст. Дар он ба туфайли мавқеи геосиёсии муҳимаш дар Осиёи Марказӣ, инчунин дорои захираҳои бузурги ресурсҳои ашёи хоми минералӣ буданаш дар миқёси ҷаҳон ба объекти пурзӯри таваҷҷӯҳ, ба ҳудуди рӯ ба рӯ омадани манфиатҳои стратегии давлатҳои бузург табдил гардиданаш таъкид шудааст. Инчунин, бо назардошти рақобати байни давлатҳои бузурги дунё барои ин минтақа ақидаи “Муаммоҳои Осиёи Марказӣ бе дахолати қувваҳои беруна, аз тарафи худи давлатҳои минтақа бояд ҳаллу фасл шавад” баён шудааст.

**Дар ёд доред!**

Дар консепсия қоидаҳои зерин қатъӣ баён шудааст: “Ӯзбекистон барои пешгирӣ кардани ҷалбаш ба зиддиятҳои мусаллаҳонаи давлатҳои ҳамсоя худаш чораҳои дахлдор мебинад; ба ҷой гирифтан базаҳо ва объектҳои ҳарбии давлатҳои хориҷӣ дар ҳудудаш роҳ намедиҳад; Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон дар оператсияҳои сулҳхоҳона дар хориҷа иштирок намекунад”.

Дар консепсия сиёсати сулҳпарварона бурдани Ӯзбекистон, иштирок накарданаш дар блокҳои ҳарбию сиёсӣ, дар сурати ҳар гуна сохторҳои байнидавлатӣ ба блок табдил ёбанд, ҳуқуқи аз онҳо баромаданашро таъкид шудааст.

**Принсипҳои сиёсати хориҷӣ.** Принсипҳои асосии сиёсати хориҷии Республикаи Ӯзбекистон чунинанд: сарфи назар аз назарҳои мафкуравӣ ошкоройӣ, садоқат ба арзишҳои умумибашарӣ, ҳифзи сулҳ ва амният; баробарии соҳибихтиёрии давлатҳо ва ҳурмат кардани



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дахолатнопазирии сарҳадҳо; дахолат накардан ба корҳои дохилии дигар давлатҳо; бо роҳи сулҳ ҳал кардани низоъҳо; қувваро истифода набурдан ва таҳдид накардан; ҳурмати ҳуқуқу озодиҳои инсон; устувории қоидаҳо ва нормаҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба қонунҳо ва нормаҳои ҳуқуқии дохилии миллӣ; бо мақсади таъмини манфиатҳои олӣ, беҳбудӣ ва амнияти халқ иттифоқҳо ташкил кардан, ба иттиҳодҳо аъзо шудан ва аз онҳо баромадан; ба блокҳо ва ташкилотҳои ҳарбии таҷовузгар дохил нашудан; дар муносибатҳои байнидавлатӣ баробарҳуқуқӣ ва манфиатдориҳои тарафайн, бартарияти манфиатҳои миллии давлатӣ; инкишоф додани робитаҳои ҳам дуҷониба, ҳам бисёрҷониба дар асоси муоҳидаҳо, дар ҳолати наздик шудан ба як давлат бо дигар давлат дур нашудан ҳамчун самти устувор муайян шудааст.

?

**Савол ва супоришҳо:**

1. Ҷадвали зеринро пур кунед. Дар бораи ҳолати геосиёсии Ӯзбекистон, сабабҳои мусоидӣ ва номусоидии онро нишон диҳед.

| Мусоид | Номусоид |
|---|---|
| | |

2. Аз адабиёти иловагӣ истифода бурда, оид ба вохӯрии Президент Шавкат Мирзиёев дар моҳи бо сафирони Ӯзбекистон ва вазифаҳое, ки дар он муайян гардиданд, маълумот гирд овared.
3. Принсипҳои сиёсати хориҷии Ӯзбекистонро номбар кунед.
4. Оид ба масъалаи минтақаи Осиёи Марказӣ дар “Консепсияи фаъолияти сиёсии хориҷӣ”-и Республикаи Ӯзбекистон чӣ гуфта шудааст?

## Мавзӯи 18. Ҳамкории Ӯзбекистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ

**Ба роҳ мондани робитаҳои ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ.** Яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ӯзбекистон мустаҳкам намудани робитаҳои дӯстӣ, ҳамкорӣ бо давлатҳои нави истиқлолият Осиёи Марказӣ – Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон нигаронида шудааст. Дар байни панҷ давлати минтақа ҷиҳатҳои монандӣ хеле зиёд аст. Ягонагии таърих, маданият, забон, динамон ба ҳам пайвандиаш омили муҳими қаробати халқҳоямон аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар шароити нави таърихӣ ҷараёнҳои иҷтимоию сиёсии баамаломада ба таърихи баромади халқҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, таърихи онҳо, тарзи ба худ хоси зисташон ва муносибатҳои наздики ҳамсоягӣ аз ҳарвақта дида назари дигартарро ҳаёт тақозо мекунад. Моҳи январи соли 1993 бо ташаббуси Нахустпрезиденти мамлакат  Ислом Каримов мулоқоти раҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар Тошканд ташкил шуд. Дар ин мулоқоти олимақом ба Иттиҳоди Осиёи Марказӣ асос гузошта шуд. Раҳбарони панҷ давлат—Қирғизистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Туркманистон ба Созишномаи оиди иттиҳод имзо гузоштанд. Ин воқеаро халқҳои минтақа бо мамнуният пешвоз гирифтанд ва дастгирӣ карданд.Раҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ соли 1993 дар шаҳри Қизилӯрдаи Республикаи Қазоқистон, соли 1994 дар шаҳри Нукус, соли 1995 дар шаҳри Тошҳавзи Республикаи Туркманистон, соли 1995 бори дигар дар шаҳри Нукус бахшида ба муаммои баҳри Арал мулоқотҳо гузаронидаанд ва аз ин хусус ба кори амалӣ гузаштанд. Соли 1999 дар шаҳри Ашхободи Туркманистон маҷлиси Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал баргузор шуд. Дар маҷлис масъалаҳои инкишоф додани ҳамкорӣ оид ба барқарор кардани вазъияти фоҷиабори экологии минтақа муҳокима шуданд. Раҳбарони давлатҳо доир ба масъалаҳои ҳамкории ҳамдигарӣ, амнияти минтақавӣ ва дар миқёси байналмилалӣ мубодилаи афкор карданд. Соли 2017 бо ташаббуси Президенти Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев дар муносибатҳои Ӯзбекистон бо давлатҳои ҳамсоя даври нав оғоз ёфт. Ташрифҳои расмии Президенти Ӯзбекистон ба Қазоқистон, Туркманистон ва Қирғизистон ба амал омад. Моҳи марти соли 2018 дар Тоҷикистон низ мулоқоти олимартаба баргузор шуд. Ғайр аз ин, дар Самарқанд таҳти ҳомигии СММ дар мавзӯйи “Осиёи Марказӣ: таърихи ягона ва ояндаи умумӣ, ҳамкорӣ ба сӯйи тараққиёти босубот ва тараққиёт” анҷуман гузашт. Дар он 500 нафар намояндаи хориҷӣ иштирок кард.

**Ӯзбекистон–Қазоқистон.** Муносибатҳои байни Ӯзбекистон ва Қазоқистон дар асоси шартномаи дӯстию ҳамкории байни Республикаи Ӯзбекистон ва Қазоқистон, ки ҳангоми ташрифи давлатии расмии Президенти Ӯзбекистон ба Қазоқистон моҳи июни соли 1992 аз тарафи Н.Назарбоев ва И.Каримов имзо шуда буд, мустаҳкам



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мешавад. Президенти Қазоқистон Н.Назарбоев моҳи январи соли 1994 бо ташрифи расмии давлатӣ ба Ӯзбекистон омад. Ҳар ду Президент дар бораи ҳаракати озодонаи мол, хизматҳо ва қувваҳои корӣ ва дар асоси созиш оид ба таъмини сиёсати кредит, ҳисобу китоб, буҷет, андоз, нарх, гумрук ва валюта шартномаро имзо намуданд. Моҳи октябри соли 1998 байни Ӯзбекистон ва Қазоқистон шартномаи дӯстии абадӣ имзо шуд. Дар мулоқоти Президентҳои Ӯзбекистон ва Қазоқистон дар Тошканд соли 2000 масъалаҳои оид ба аниқ муқаррар кардани сарҳадҳои ду давлат мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Дар натиҷаи музокираҳо "Баёноти муштараки Президенти Республикаи Ӯзбекистон ва Президенти Республикаи Қазоқистон" имзо гардид. Солим 2001 Нахустпрезиденти Ӯзбекистон И.Каримов бо ташрифи расмӣ ба Қазоқистон омад. Президенти ду давлат Шартномаи оид ба сарҳади Ӯзбекистон–Қазоқистонро имзо намуданд. Сарҳади Ӯзбекистону Қазоқистон, ки дарозиаш 2440 км аст, 96 фоизаш муайян карда шуд. Дар бораи делимитатсияи қисми боқимондааш созиш намуданд. Соли 2002 Президенти Ӯзбекистон ба шаҳри Остона ташриф намуд. "Дар бораи участкаҳои алоҳида сарҳадоти давлатии Ӯзбекистон–Қазоқистон" созишнома имзо шуд ва масъалаҳои муҳими оид ба сарҳади ду давлат аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳалли худро ёфтанд. Қазоқистон барои Ӯзбекистон яке аз ҳамкорони муҳим дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Шартномаи оид ба ҳамкории стратегии байни Ӯзбекистон ва Қазоқистон дар соли 2013 имзошуда аз ҷумлаи ҳуҷҷатҳои хеле муҳим мебошад. Соли 2014 Нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов дар Республикаи Қазоқистон ташрифи расмӣ ба амал овард. Моҳи июни соли 2017 ба муносибати саммити Ташкилоти Ҳамкории Шанхай Президент Ш. Мирзиёев ба Қазоқистон ташриф овард. Сентябри соли 2017 Президенти Қазоқистон Н. Назарбоев ба Ӯзбекистон ташрифи расмӣ намуд. Дар ҷараёни мулоқоти президентҳои Ӯзбекистон ва Қазоқистон якчанд ҳуҷҷат имзо шуданд. Ш. Мирзиёев Н. Назарбоевро бо ордени "Эл-юрт ҳурмати" тақдир намуд.

**Ӯзбекистон–Қирғизистон.** Ҳамкории Ӯзбекистон бо Қирғизистон дар асоси шартномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии байнимдигарии миёни



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Дар ёд доред!**

Ҳоло дар Қазоқистон наздики 550 ҳазор нафар аҳолии мансуб ба миллати ӯзбек, дар Ӯзбекистон қариб як миллион нафар қазоқҳо зиндагӣ ба сар мебаранд. Соли 2017 ҳангоми ташрифи Президенти Қазоқистон ба Ӯзбекистон соли 2018 дар Қазоқистон гузаронидани “Соли Ӯзбекистон” ва соли 2019 “Соли Қазоқистон” дар Ӯзбекистон қарордод намуданд.

Республикаи Ӯзбекистон ва Республикаи Қирғизистон ба роҳ монда шуд ва инкишоф меёбад. Ин шартнома дар Тошканд соли 1992 дар аснои ташрифи давлатии Президенти Қирғизистон Аскар Акаев ба Ӯзбекистон имзо шуда буд. Нахустпрезиденти кишвари мо Ислом Каримов соли 1993 ба Қирғизистон ташрифи расмии давлатӣ намуд ва дар шаҳри Ӯш Баёнот дар бораи инкишофи интегратсияии иқтисодӣ барои солҳои 1994–2000 байни Ӯзбекистон ва Қирғизистон имзо шуд. Ин ҳуҷҷат ба мувофиқ сохтани барномаҳои миллии дар ду республика таҳияшуда, аз имкониятҳои илмӣ самаранок истифода бурдан нигаронида шуда буд. Моҳи январи соли 1994 Президенти Ӯзбекистон дар Қирғизистон шуд. Дар хотимаи ташрифи расмӣ Президентҳои ду давлат шартномаи оид ба ҳаракати озоди молҳо, хизмат, сармоя, қувваи корӣ, дар асоси муоҳида сиёсати кредит, ҳисобу китоб, буҷет, андоз, нарх, гумрук ва валютаро имзо намуданд.

Моҳи июли соли 2010 дар шароите, ки дар Қирғизистон воқеаҳои хунини байнимиллӣ аз тарафи қувваҳои экстремистӣ рӯй доданд, Ӯзбекистон беш аз 100 ҳазор нафар гурезаро дар ҳудудаш қабул намуд.

Соли 2017 дар муносибатҳои байни Ӯзбекистон ва Қирғизистон саҳифаи нав кушода шуд. Сентябри он сол бино ба даъвати Президенти Қирғизистон Алмазбек Атамбаев Президент Шавкат Мирзиёев ба Бишкек омад. Президентҳои Ӯзбекистон ва Қирғизистон созишномаро оид ба 85 фоизи сарҳад имзо карданд. Ба ин муносибат постҳое, ки байни сарҳади ду давлат 7 соли охир баста буд, барои равуои аҳолӣ кушода шуданд. Декабри соли 2017 бино ба даъвати Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев Президенти нав интихобшудаи Республикаи Қирғизистон Сооронбай Жеенбеков ба мамлакати мо расман ташриф овард. Доир ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, маданӣ ва иҷтимоӣ якчанд ҳуҷҷат имзо шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Ӯзбекистон–Тоҷикистон.** Дар оқибати ҷанги бародаркушӣ дар ин мамлакат дар солҳои 1992–1997 тараққиёти иқтисодӣ зарари калон дид, ин  ба ҳамкориҳо бо давлатҳои ҳамсоя, аз ҷумла бо Ӯзбекистон таъсири манфӣ расонд. Соли 1997 дар Москва байни ҳокимияти расмии Тоҷикистон бо мухолифат созишномаи сулҳ ба имзо расиду алоқаҳои  ин давлат ба кишварҳои ҳамсоя барқарор гардиданд.

Бино ба даъвати Нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов моҳи январи соли 1998 Президенти Тоҷикистон Имомалӣ Раҳмон ба Ӯзбекистон бо ташрифи амалӣ омад. Дар хотимаи ташриф раҳбарони ду мамлакат ахбороти муштаракро имзо карданд. Байни ҳукуматҳои ду кишвар оид ба боркашонӣ ва расонида додани газ, доир ба ҳисобу китоби қарзи Тоҷикистон созишномаҳо имзо шуданд. Ӯзбекистон аз коммуникатсияҳои нақлиётӣ, ки аз ҳудуди Тоҷикистон мегузарад, истифода бурда меояд.



Саммити кишварҳои арабу мусулмон ва ШМА. Соли 2017. Ар-Риёд.

Миёни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ҳаҷми мубодилаи мол сол то сол меафзояд.

Соли 2017 дар муносибатҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон низ саҳифаи нав боз шуд. Моҳи майи он сол Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар пойтахти Арабистони Саъудӣ шаҳри Риёд дар доираи саммити ШМА ва давлатҳои арабу мусулмон бо Президенти Тоҷикистон Имомалӣ Раҳмон бори аввал вохӯрд. Дар ин асно ба



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

чандин созишномаҳо расида шуд. Моҳи апрели соли 2017 пас аз танаффуси 25-сола байни Душанбе ва Тошканд ҳаракати самолётҳо ба роҳ монда шуд.

**Дар ёд доред!**

Дар моҳи апрели соли 2017 дар таърихи муносибатҳои дутарафа дар Душанбе бори аввал намоиши калонмиқёси маҳсулоти дар Ӯзбекистон истеҳсолгардида шуда гузашт. Аввали моҳи май бори аввал дар таърихи муносибатҳои ӯзбеку тоҷик дар Тоҷикистон рӯзҳои маданияти Ӯзбекистон гузашт.

**Ӯзбекистон–Туркманистон.** Ҳангоми мулоқоти Президентҳои Ӯзбекистон ва Туркманистон дар соли 1991 шартномаи оид ба дӯстию ҳамкории байни Республикаи Ӯзбекистон ва Республикаи Туркманистон имзо шуд. Моҳи январи соли 1996 Нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов ба Туркманистон ташрифи амалӣ намуд. Дар шаҳри Чорҷӯй байни С.Ниёзов ва И.Каримов, намояндагони ду кишвар музокираҳо ба амал омаданд. Президентҳо шартномаро дар бораи дӯстию ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарии Ӯзбекистон ва Туркманистонро, якчанд созишномаро оид ба ҳамкорӣ дар бобати посбонии сарҳадоти давлатии байни Ӯзбекистон ва Туркманистон, доир ба масъалаҳои хоҷагии об имзо карданд. Аз соли 1991 то соли 2016 байни раҳбарони ду мамлакат 11 маротиба ташрифи олидараҷа ба амал омад. Беш аз 150 шартномаи байналмилалии байни давлатӣ, байнихукуматӣ ва байниидоравӣ дар роҳи мустаҳкам намудани муносибатҳои ду давлат асоси ҳуқуқӣ шуда хизмат менамоянд.

Дар кишварамон аз соли 2001 Маркази фарҳанги туркманҳои республика фаъолият менамояд. Ҳоло дар Ӯзбекистон дар вилоятҳои мухталиф қариб 170 ҳазор нафар аҳолии мансуб ба миллати туркман зиндагӣ мекунад, дар 44 то мактаб бо забони туркманӣ таҳсил дода мешавад. Дар аснои ташрифи расмии Президенти Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов дар моҳи майи соли 2014 оид ба масъалаҳои боз ҳам инкишоф додани ҳамкориҳои Ӯзбекистон–Туркманистон якчанд ҳуҷҷатҳои дуҷониба имзо карда шуданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Соли 2017 Шавкат Мирзиёев бино ба таклифи Президенти Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов ду маротиба (март, май) ба ин мамлакат ташриф овард. Дар асной ташрифҳо ба якчанд созишномаҳо расида шуд. Моҳи марти соли 2017 дар поёни музокираҳо президентҳо шартномаи шарикии стратегии Ӯзбекистону Туркманистонро имзо намуданд. Байни вазоратҳо ва идораҳои ду мамлакат доир ба ҳамкориҳо оид ба иқтисодиёт, кишоварзӣ ва саноати кимё, нақлиёти роҳи оҳан, маданият ва соҳаи гуманитар, инкишофи робитаҳои байниҳудудӣ ҳуҷҷатҳо ба имзо расиданд.

**Дар ёд доред!**

6–7-уми марти соли 2017 Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Туркманистон ташрифи расмӣ намуд. Ин ташриф аввалин сафари расмии Шавкат Мирзиёев ба сифати Президент ба кишвари хориҷӣ шуд.

***Эзоҳи истилоҳҳо!***

**Делимитатсия** (лот. – ҳад гузоштан, ҷудо кардан) – мувофиқи шартномаи оиди сарҳади давлат тавсиф намудан ва ба харита даровардан, муқаррар кардан; аз сари нав дида баромадани сарҳади муайян.

**Саммит** (анг. – боло, олӣ, қулла; дараҷаи баланд) – мулоқоти раҳбарони ду ё якчанд давлат оид ба масъалаҳои муҳими байналмилалӣ; машварати олидараҷа.

**Савол ва супоришҳо:**

1. Аз чӣ сабаб солҳои аввали истиқлол Ӯзбекистон ба мустаҳкам намудани робитаҳои дӯстона ва ҳамкорӣ пеш аз ҳама бо давлатҳои Осиёи Марказӣ эътибор дод?
2. Соли 2017 дар ҳамкориҳои байни давлатҳои Осиёи Марказӣ чӣ гуна дигаргуниҳои куллӣ ба амал омад?
3. Бо истифода аз адабиёти иловагӣ сабабҳои ба Н. Назарбоев дода шудани ордени “Эл-юрт ҳурмати”-ро эзоҳ диҳед.
4. Ташрифи аввалини Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба кадом мамлакатҳо ба амал омад?
5. Шиори “Туркистон – хонаи умумии мо”-ро эзоҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Мавзӯи 19. Муносибатҳои байни Республикаи Ӯзбекистон бо Россия, Хитой ва ШМА

**Ӯзбекистон – Россия.** Ӯзбекистон ба масъалаи муносибатҳо бо Федератсияи Россия эътибори алоҳида медиҳад. Муносибатҳои байнидавлатӣ ва робитаҳои ҳамкории Республикаи Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия дар асоси Шартномаи оид ба муносибатҳои байни давлатӣ, асосҳои дӯстӣ, ки соли 1992 имзо шудааст, Шартномаи оид ба амиқ сохтани ҳамкории иқтисодӣ барои солҳои 1998—2007, ки соли 1998 имзо шуда буд, инкишоф мeёбанд.

Шартномаи оид ба шарикии стратегии байни Республикаи Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия, ки соли 2014 имзо шуд, солҳои минбаъда дар роҳи ба зинаи нав бардоштани муносибатҳои ду давлат аҳамияти калон касб намуд. Шартномаи дар соли 2005 дар Москва имзошуда оид ба муносибатҳои иттифоқии байни Республикаи Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия, инчунин бино ба хотимаи мулоқоти дар Тошканд соли 2012 қабул шудани "Декларатсияи оид ба амиқ намудани шарикии стратегии байни Республикаи Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия" дар таърихи муносибатҳои ду давлат воқеаи алоҳида шуданд. Мулоқоти Нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон И.А.Каримов ва Президенти Федератсияи Россия В.В.Путин дар Москва моҳи апрели соли 2013 барои боз ҳам ривоҷи муносибатҳои тарафайн ва амиқ кардани ҳамкориҳо омили нав шуд. Дар аснои ин мулоқот ҳолат ва истиқболи ҳамкориҳои ду давлат муҳокима шуд. Дар тӯли солҳои истиқлол байни давлатҳои Ӯзбекистон ва Россия беш аз 160 шартномаи байналмилалӣ ва зиёда аз 40 ҳуҷҷатҳои дигар имзо шудаанд. Моҳи апрели соли 2017 Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Россия сафари расмӣ намуд. Дар натиҷаи ташрифи давлатии Президенти Ӯзбекистон ба Федератсияи Россия оид ба соҳаҳои сиёсӣ, савдо-иқтисодӣ, сармоявӣ, ҳарбию техникавӣ, миграатсия, инчунин, ҳамкории байниминтақавӣ, сайёҳӣ ва ҳифзи саломатӣ 55 то ҳуҷҷат имзо шуд, ки қимати умумиашон 16 миллиард долларни ташкил медод.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Ӯзбекистон–Хитой.** Республикаи Халқии Хитой истиқлолияти Республикаи Ӯзбекистонро 27 декабри соли 1991 эътироф намудааст. Моҳи январи соли 1992 муносибатҳои дипломатӣ ба роҳ монда шуд. Байни Республикаи Ӯзбекистон ва Республикаи Халқии Хитой муносибатҳои дӯстонаи анъанавӣ мавҷуд ҳастанд. Ин муносибатҳо барои бурдани ҳамкории ба ҳар ду тараф манфиатнок ва пурсамар имконият фароҳам овularанд. Ташрифи давлатии Раиси Республикаи Халқии Хитой дар соли 2010 ба Ӯзбекистон ва Президенти Республикаи Ӯзбекистон ба Республикаи Халқии Хитой дар моҳи июни соли 2012 аҳамияти таърихӣ пайдо карданд. Дар давоми мулоқот истиқболи ҳамкориҳо муайян гардиданд. Мисоли рӯшани ин муносибатҳо дар чараёни ташрифи раҳбари Ӯзбекистон ба Хитой аз тарафи раҳбарони ду давлат имзо шудани “Баёноти муштарак дар бораи муносибатҳои шарикии стратегӣ” аст.

Шартнома дар бораи муносибатҳои дӯстӣ, ҳамкорӣ ва шарикӣ, ки соли 2005 имзо шудааст, Декларатсияи муштарак дар бораи ҳамаҷониба амиқ намудан ва инкишоф додани муносибатҳои дӯстӣ, ҳамкорӣ ва шарикии соли 2010, Декларатсияи муштарак дар бораи ба роҳ мондани шарикии стратегии соли 2012, Декларатсияи муштарак дар бораи боз ҳам амиқ сохтан ва инкишоф додани ҳамкории стратегии дуҷонибаи соли 2013, Барномаи инкишоф додани муносибатҳои шарикии стратегии барои солҳои 2014–2018 ва баёноти муштараки соли 2016 имзошуда базаи ҳуқуқии ҳамкории манфиатноки тарафҳоро ташкил медиҳанд. Қабул шуданиин ҳуҷҷатҳо дар истиқболи дарозмуддат муносибатҳои байни кишварҳоро боз ҳам инкишоф медиҳанд.

11—13 майи соли 2017 ташрифи давлатии Президент Шавкат Мирзиёев ба Республикаи Халқии Хитой муносибатҳои дуҷонибаро ба зинаи нав баровард. Дар натиҷаи музокираҳо Шавкат Мирзиёев ва Си Сзинпин Баёноти муштараки байни Республикаи Ӯзбекистон ва Республикаи Халқии Хитойро имзо намуданд. Дар давоми

**Дар ёд доред!**

Агар танҳо дар соли 2017 бо кишварҳои хориҷӣ ба миқдори 60 млрд. доллар шартномаҳо имзо шуда бошад, 35 фоизи онҳо, яъне 23 млрд. доллари он саҳми Хитой мебошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ташрифи Шавкат Мирзиёев ба Хитой қимати умумиашон баробари 23 млрд. доллар 105 то ҳуҷҷатҳои дуҷониба имзо шуданд.

**Ӯзбекистон–ШМА.** Робитаҳои байни давлатии Ӯзбекистон бо Штатҳои Муттаҳидаи Америка аз соли аввалини истиқлоли мамлакатамон ба роҳ монда шуданд. Моҳи феврали соли 1992 котиби давлатии ШМА ба Ӯзбекистон расман ташриф фармуд ва байни ду давлат алоқаҳои дипломатӣ барқарор шуд. Моҳи марти соли 1992 дар Тошканд аввалин шуда сафоратхонаи ШМА кушода шуд. Моҳи июни соли 1996 ба ШМА омадани Нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов муносибатҳои Ӯзбекистону Америкаро ба сатҳи нав баровард. Ислом Каримов бо Президенти ШМА Билл Клинтон вохӯрд. Амиқ сохтани муносибатҳои байни ду мамлакат, масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, бехатарии дахлдори манфиати тарафҳо мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Билл Клинтон маъмурияти ШМА аз Истиқлолият, барқарорӣ ва равнақи кишварҳои Осиёи Марказӣ манфиатдор буданашро, хоҳиши бо Ӯзбекистон муносибати нек доштанашро, ҳарчӣ зудтар ба роҳи интегратсияи даромадани Ӯзбекистон ёрӣ доданашро таъкид кард. Соли 1996 сафорати Ӯзбекистон дар ШМА кушода шуд. Ба ШМА сафар кардани намояндагии Ӯзбекистон муаммои норасоии ахборотро оид ба шароити зарурӣ барои сармоягузорони хориҷӣ дар мамлакат бартараф кард.

Моҳи марти соли 2002 намояндагии давлатӣ бо сарварии Нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов бо ташрифи расмии давлатӣ дар ШМА шуданд. Барои пуштибонӣ аз фурсатҳои озмоишии ШМА соли 2002 Ислом Каримов аз ҷониби аҳли ҷамъияти Америка ба мукофоти “Лидери миқёси байналмилалӣ” лоиқ дониста шуд. Моҳи майи соли 2017 Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар пойтахти Арабистони Саъудӣ – шаҳри Риёд дар саммити ШМА ва давлатҳои арабу мусулмон иштирок кард. Дар доираи саммит Шавкат Мирзиёев ва президенти ШМА Доналд Трамп бори аввал вохӯрданд. Дар мулоқот бо раҳбари давлатамон Доналд Трамп ба ҷараёни ислоҳот дар Ӯзбекистон баҳои баланд дод. Ҳамон сол моҳи сентябр Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба муносибати 72-юмин сессияи СММ ба Штатҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Муттаҳидаи Америка ташриф овард ва бо як гурӯҳ ӯзбекистониёне, ки дар он ҷои иқомат доранд, вохӯрд.

Ташрифи Президентамон ба Штатҳои Муттаҳидаи Америка ба воқеаҳо ва мулоқотҳои бениҳоят таърихӣ бой шуд. Президентамон 19-уми сентябр дар Қароргоҳи асосии СММ дар шаҳри Ню-Йорк бо Саркотиби СММ Антонио Гуттериш вохӯрд. Дар доираи сеесияи 72-юми Сарассамблеяи Созмони Милали Муттаҳид барои мамлакат ва халқамон боз як воқеаи дорои аҳамияти таърихӣ ба вуқӯъ пайваст. Дар бинои Созмони Милали Муттаҳид макети майдони Регистони муаззам гузошта шуд. 19-уми сентябр дар Ню-Йорк аз тарафи Президенти ШМА Доналд Трамп ба шарафи раҳбарони давлатҳо ва ҳукуматҳои ба сессияи 72-юми Сарассмаблеяи СММ ташрифоварда маросими расмии қабул ташкил шуд. Дар ин маросим Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо рафиқааш иштирок кард. Раҳбари давлатамон бо Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон Зайд Раад ал-Ҳусайн, директори фармоишдиҳандаи Бунёди байналмилалии валюта (асъор) Кристин Лагард, Президенти Республикаи Булғория Румен Рудев, Нахуствазири Грузия Георгий Квирикашвили вохӯрд. Директори фармоишдиҳандаи Бунёди байналмилалии валюта (асъор) Кристин Лагард оид ба ислоҳоти бузургмиқёс дар мамлакат таваққуф карда, ба ин ислоҳот ҳамчун ренессанси (эҳёи) Ӯзбекистон, баҳо доданаш қобили таваҷҷӯҳ аст. Президенти Ӯзбекистон, инчунин, бо президенти Банки ҷаҳонӣ Ҷим Енг Ким мулоқот намуд. Раҳбари давлатамон дар аснои ташриф бо як гурӯҳ ҳамватанонамон, ки дар ШМА иқомат доранд, низ вохӯрда, сӯҳбати самимӣ кард. Президентамон Ш. Мирзиёев дар маросими қабул бо иштироки намояндагони доираҳои тадбиркорони Ӯзбекистон ва ШМА иштирок намуд.

Ҳамватанон оид ба инкишоф додани илму фан, маориф, технология, инвеститсия ва дигар соҳаҳо, мустаҳкам кардани алоқаҳои байни муассисаҳои Ӯзбекистон ва ШМА фикру мулоҳизаҳои худро баён карданд. Ш. Мирзиёев ба онҳо муроҷиат намуда, оиди зарурати дахлдор будан ба ислоҳоти калонмиқёс дар Ӯзбекистон сухан ронда, онҳоро барои сафарбар намудани донишҳои замонавӣ ва таҷрибаашон барои тараққӣ додани мамлакат даъват кард.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

?

**Савол ва супоришҳо:**

1. Ӯзбекистон бо кадом давлатҳо шартномаи шарикии стратегӣ имзо кардааст?
2. Байни Ӯзбекистону Россия кадом шартномаҳо имзо шудаанд?
3. Дар бораи аҳамияти ташрифоти Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар соли 2017 ба Россия, Хитой ва ШМА нақл кунед.
4. Ҷадвали зеринро оид ба ташрифи раҳбарони давлати Россия ва Хитой ва ташрифи Президенти Ӯзбекистон ба давлатҳои дар боло номашон зикршуда пур кунед.
5. Давлатҳоеро, ки бо Ӯзбекистон шарики стратегӣ ҳастанд, ба ёд оред. Мафҳуми шарики стратегиро эзоҳ диҳед.
6. Оид ба алоқаҳои Ӯзбекистон бо давлатҳои зерин маълумот гирд оваред.

| Давлатҳо | Россия | ШМА | Хитой |
|---|---|---|---|
| Санаҳо | | | |
| Шартномаҳо | | | |

## Мавзӯи 20. Инкишофи алоқаҳои дуҷонибаи Ӯзбекистон бо Япония, Ҳиндустон ва Республикаи Корея

**Ӯзбекистон–Япония.** Ӯзбекистон дар сиёсати хориҷиаш ба самти Шарқ барои мустаҳкам намудани муносибатҳои байнидавлатӣ ва робитаҳои ҳамкории манфиатбахш чунин давлатҳои Осиё – Япония, Ҳиндустон, Республикаи Корея эътибори алоҳида дод.

Моҳи январи соли 1992 муносибатҳои дипломатӣ байни давлатҳо ба роҳ монда шуд. Мулоқотҳои олимақоми байни раҳбарони давлатҳо моҳи майи соли 1994, июли соли 2002 ва феврали соли 2011 дар Япония ва моҳи августи соли 2006 дар Япония ба алоқаҳои манфиатнок ва дӯстонаи ду кишвар маъною мазмуни нав бахшиданд. Хусусан, дар доираи ташрифи Нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов дар соли 2002 ба Япония бо Сарвазири Япония Ҷунитиро Коидзуми вохӯрда, онҳо Баёноти муштарак оид ба дӯстии тарафайн, шарикии стратегӣ ва ҳамкориро имзо намуданд. Ин баёнот ҳуҷҷати расмие шуд, ки монандӣ ва нуктаи назарҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

якхелаи тарафҳоро оид ба бисёр масъалаҳои байналмилалии имрӯза, инчунин нияти боз ҳам вусъат додани ҳамкориҳои ду кишварро расман тасдиқ кард. Соли 2004 дар ҳудуди Донишгоҳи Сокаи Токио ба мутафаккири бузурги ӯзбек Алишери Навоӣ ҳайкал гузошта шуд.

Дар аснои ташрифи расмии Президенти Ӯзбекистон дар моҳи феврали соли 2011 бо компанияҳои бузургтарини ихтисосии соҳаи технологияҳои пешқадам оид ба ҷалби технология ва инвеститсияи Япония ба саноати нефту газ, кимё, энергетика, мошинсозӣ ва бофандагӣ якчанд созишномаҳо ба имзо расонида шуданд.

Дар доираи ташрифи Сарвазири Япония Синдзо Абэ моҳи октябри соли 2015 ба Ӯзбекистон дар бораи амалӣ намудани лоиҳаи муштараки Ӯзбекистону Япония баробари беш аз 8,5 млрд. доллар созишнома ҳосил шуд.

**Ӯзбекистон–Ҳиндустон.** Ҳиндустон ҳамкори бузурги стратегист. Моҳи марти соли 1992 оид ба ба роҳ мондани муносибатҳои дипламотии байни Ӯзбекистону Ҳиндустон дар Тошканд баённома имзо шуд. То соли 2016 Нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов ба Ҳиндустон панҷ маротиба ташриф ба амал овард ва аввалин ташриф моҳи августи соли 1991 рӯй дода буд. Моҳи майи соли 1993 Сарвазири Ҳиндустон Нарасимха Рао бо ташрифи давлатӣ ба Ӯзбекистон омад. Дар рӯзҳои сафар шартнома “Дар бораи принсипҳои муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳамкории байни Республикаи Ӯзбекистон ва Республикаи Ҳиндустон” ва дар бораи ҳамкориҳои савдоию иқтисодӣ дигар созишномаҳо имзо карда шуданд. Дар ҷараёни сафари расмиии Нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов ба Ҳиндустон дар соли 1993 байни ду кишвар оид ба ҳамкории иқтисодӣ, савдоӣ ва илмию техникавӣ якчанд созишнома имзо шуд. Соли 2006 сафари расмии Сарвазири Ҳиндустон М.Синх ба Ӯзбекистон, ташрифи давлатии Президенти Республикаи Ӯзбекистон дар моҳи майи соли 2011 ба Ҳиндустон ва моҳи июни соли 2015 ташрифи расмии Сарвазири Ҳиндустон Нарендра Моди ба Ӯзбекистон муносибатҳои ҳамкориро ба сатҳи боз ҳам баланд баровbooарданд.Умуман байни Ӯзбекистону Ҳиндустон қариб 40 то ҳуҷҷат қабул шудаанд, ки инкишофи



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

алоқаҳои манфиатбахши тарафҳо хизмат мекунанд, муҳимтарине аз онҳо Баёноти муштарак дар бораи шарикии стратегӣ, ки муносибатҳои ду давлатро ба дараҷаи нави сифатӣ мебарорад, мебошад. Ҳоло дар ҳудуди Ӯзбекистон бо иштироки сармояи Ҳиндустон беш аз 60 корхона фаъолият мебаранд.

**Ӯзбекистон–Республикаи Корея.** Ба инкишофи муносибатҳои ҳамкории байни Республикаи Ӯзбекистон ва Республикаи Корея эътирофи истиқлолияти Ӯзбекистон дар моҳи декабри соли 1991 ва ба роҳ монда шудани робитаҳои дипломатии байни онҳо дар январи соли 1992 асос гузошта буд. Ин санаҳои таърихӣ ба бурдани мулоқоти фаъоли сиёсӣ дар муносибатҳои байни ду давлат ва ташаккули ҳамкории манфиатбахши бисёрсоҳа роҳ кушоданд.

**Дар ёд доред!**

Пас аз ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ дар даври гузашта байни Республикаи Ӯзбекистон ва Республикаи Корея 12 маротиба мулоқоти олидараҷа баргузор шуд.

Барои равнақи муносибатҳои ҳамкории манфиатбахши Ӯзбекистону Корея ташрифи раҳбари Ӯзбекистон ба ин республика дар моҳи сентябри соли 2012 омили нав шуд. Бино ба натиҷаҳои мулоқот Баёноти муштарак қабул шуд, дар он ба ҳолати ҳамкории ҳамаҷониба баҳо дода, самтҳои устувори муносибатҳои истиқболӣ муқаррар карда шуд. Дар аснои сафари расмии Президенти Республикаи Корея Парк Гейнҳе ба Ӯзбекистон дар моҳи июни соли 2014 Декларатсияи муштарак оид ба боз ҳам инкишоф ва чуқур намудани шарикии стратегӣ байни ду давлат ва бо мақсади минбаъд ҳам вусъат бахшидани ҳамкории тарафҳо дар соҳаҳои молия, инвеститсия, энергетикаи муқобил ва маданият қатор ҳуҷҷатҳо имзо шуданд. Дар Ӯзбекистон бо иштироки инвеститсияи Корея беш аз 400 корхона фаъолият мебаранд.

**Дар ёд доред!**

Соли 2017 дар Республикаи Корея оид ба соли аввали фаъолияти Шавкат Миризиёев дар лавозими Президенти Республикаи Ӯзбекистон ба забони корейсӣ китоби “Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев” чоп шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аз соли 1992 дар Тошканд маркази таълими Корея фаъолият нишон медиҳад. Дар Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон ва Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд марказҳои забон ва маданияти корейс амал мекунанд.

Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бино ба таклифи Президенти Республикаи Корея Мун Чже Ин ноябри соли 2017 ба ин мамлакат расман ташриф намуд. Ин ташрифи давлатии Президенти Республикаи Ӯзбекистон ба Республикаи Корея тағйироти таърихӣ ба вуҷуд овард. Дар музокираҳои олидараҷа масъалаҳои микёси ҳамкориҳо, истиқболҳои минбаъд низ инкишоф додани алоқаҳои байни давлатӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, савдо-иқтисодӣ, илмию техникавӣ, маданию гуманитарӣ, муаммоҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ созишномаҳо имзо шуданд.

Сиёсати имрӯзаи хориҷии Ӯзбекистон бо назардошти воқеъияти байналмилалию сиёсии зуд тағйирёбандаи хеле пуршиддати асри XXI, ки ба пеш бурдани роҳи сиёсати фаъол, ташаббусгар ва прагматики хориҷӣ ва ба воситаи чораҳои фаврӣ ва адекват ба хавфу хатарҳои ба амалояндаро талаб менамояд, барпо карда мешавад. Ин ҳама аз мустаҳкам будани алоқаҳои Ӯзбекистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, боз ҳам амиқ шудани ҳамкориҳои манфиатбахши ҳаматарафаи он далолат медиҳанд. Дар доираи ҳамкории байналмилӣ бо мақсади пурра иҷро кардани ҳуҷҷатҳо ва аҳдномаҳои қабулшуда 40 то “харитаи роҳ” таҳия гардид ва онҳо якҷоя бо ҳамкорони хориҷиамон татбиқ мешаванд.

Ӯзбекистон дар сиёсати хориҷӣ ба масъалаи ба роҳ мондани алоқаҳои ҳамкорӣ ва муносибатҳои нек бо кишварҳои мутараққии индустриалии нав эътибори калон медиҳад. Ба гурӯҳи ин гуна давлатҳо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқиро даровардан мумкин. Ин давлатҳо дар сиёсати хориҷии Республикаи Ӯзбекистон нақши ба худ хос доранд, ин минтақа даҳ кишвари инкишофёбандаро дар бар мегирад. Аз ҷумлаи онҳо бо суръати баланди сатҳи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва тараққиёт Индонезия, Малайзия, Сингапур ва Таиланд фарқ мекунанд. Таҷрибаи ислоҳоти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ин мамлакатҳо баъди халос хӯрдан аз мутеъгии мустамликавӣ барои кишварҳои нави мустақил муфид аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар мобайни даври гузашта ба туфайли натиҷаи мулоқотҳои расмии бо раҳбарони давлат ва ҳукуматҳо баргузоршуда расидан ба шартнома ва созишнома оиди мубодила, дӯстӣ ва ҳамкорӣ барои муносибатҳои байнидавлатӣ таҳкурсии мустаҳкам фароҳам оварда. Ин ҳам барои равнақ додани ҳамкориҳои бомуваффақияти Республикаи Ӯзбекистон ва кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар соҳаҳои савдоию иқтисодӣ, илмию техникавӣ ва маданию гуманитар хизмат менамояд.

***Эзоҳи истилоҳҳо!***

**Робитаҳои дуҷониба** – алоқаҳои байниҳамдагарии ду субъекти мустақил – ду давлат ё ташкилоти байналмилалӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ;

**Ривоҷёбии индутриалӣ** – ривоҷёбии соҳаҳои таъсири ҳалкунанда расонанда ба саноати вазнину сабук, ҷоиз бошад ба болоравии иқтисоди ҷамъият.

**Савол ва супоришҳо:**

1. Самтҳои алоқаҳои ҳамкории Ӯзбекистон ва Япония аз чиҳо иборат аст?
2. Ба мамлакатҳои нави индустриалии тараққиёбандаи Осиё кадом давлатҳои дохил мешаванд? Алоқаҳо бо онҳо чӣ аҳамият доранд?
3. Ҷадвали оид ба алоқаи Ӯзбекистон ба давлатҳои хориҷиро пур кунед.

| Давлатҳо | Япония | Ҳиндустон | Корея |
|---|---|---|---|
| Ташрифҳо | | | |
| Натиҷаҳо | | | |

4. Дар соли 2017 дар муносибатҳои Корея ва Ӯзбекистон чӣ гуна чараёнҳо мушоҳида шуданд?
5. Ташрифи аввалини расмии Нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон ба кадом давлат ташкил шуда буд? Истиқболи инкишофи алоқаҳо бо ин давлат дар чиҳо намоён мешавад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ IX. ИНКИШОФИ РОБИТАҲОИ ҲАМКОРИИ БИСЁРҶОНИБАИ РЕСПУБЛИКАИ ӮЗБЕКИСТОН

## Мавзӯи 21. Фаъолияти Ӯзбекистон дар доираи Созмони Милали Муттаҳид ва сиёсати сулҳхоҳонаи хориҷӣ



Байраҷи Созмони Милали Муттаҳид

**Ӯзбекистон ва СММ.** Республикаи Ӯзбекистон 2-юми марти соли 1992 ба СММ қабул карда шуд ва мамлакатамон узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид. Пешниҳодоти аз минбари СММ баёнкардаи собиқ раҳбари давлати Ӯзбекистон Ислом Каримов оид ба мустаҳкам намудани сулҳ ва субот дар дунё, кӯмак расонидан ба тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ, гирифтани пеши роҳи паҳншавии силоҳи ядроӣ аз тарафи СММ ба муттаҳид кардани ҷомеаи ҷаҳонӣ сайъкарда ва ҷомеаи ҷаҳон гарму ҷӯшон дастгирӣ пайдо намуд.

Аз ҷумла, Нахустпрезиденти мамлакатамон Ислом Каримов 28 сентябри соли 1993 дар сессияи 48-уми Сарассамблеяи СММ бори аввал маърӯза кард. Дар он пешниҳод оид ба эълон намудани аз силоҳи ядроӣ холӣ будани Осиёи Марказӣ, ташкили Комиссияи махсус СММ оид ба муаммои Арал ва монанди инҳо дигар таклифҳои муҳим баён шуданд. Октябри соли 1993 дар Тошканд ваколатхонаи СММ ба кор сар кард. Бо ташаббуси Ӯзбекистон ва бо раҳнамоии СММ моҳи сентябри соли 1995 Шӯро-семинари Тошканд оид ба масъалаҳои бехатарӣ ва ҳамкорӣ дар Осиёи Марказӣ ташкил карда шуд. 24 октябри соли 1995 ба муносибати 50-солагии СММ дар Ню-Йорк Ислом Каримов нутқ эрод намуда, аз ҷумла зикр кард, ки калиди ҳаллу фасли моҷарои Афғонистон бартараф намудани дахолати қувваҳои беруна аст. Соли 2000 дар "Саммити ҳазорсола"-и сессияи 55-уми Сарассамблеяи СММ Ислом Каримов аз минбари СММ зарурати қабул кардани барномаи чораву тадбирҳоро оид ба афзудани нақшу аҳамияти СММ дар ҳалли муаммоҳои минтақавӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Антониу Гутерреш дар Самарқанд.

ва глобалӣ таъкид карда, ба таркиби аъзоёни доимии Шӯрои Амният дохил кардани Германия ва Японияро, барои ба таҳдидҳои глобалӣ ва минтақавӣ дарҳол муносибат баён кардан зудамалиро таъмин намудан зарурати ваколатҳои Саркотибро васеъ карданро қайд кард. Бо ташаббуси Президенти Ӯзбекистон соли 2001 Кумитаи махсуси Шӯрои Амнияти СММ оид ба муборизаи зидди терроризм таъсис шуд. Соли 2010 дар сессияи 65-уми Сарассамблеяи СММ Нахустпрезиденти мамлакатамон Ислом Каримов дар нутқи худ эътибори мамлакатҳои ҷаҳонро боз ба роҳҳои ҳалли муаммоҳои мураккаби Осиёи Марказӣ ҷалб кард. Ташрифи Саркотиби СММ Кофе Анан моҳи октябри соли 2002, моҳи апрели соли 2010 Саркотиби СММ Пан Ги Мун ба Ӯзбекистон далели афзудани обрӯю нуфуз, мустаҳкам шудани роли мамлакатамон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Моҳи июни соли 2017 Саркотиби СММ Антониу Гутерреш ба Ӯзбекистон ташриф овард. Дар Самарқанд ӯ бо Президент Шавкат Мирзиёев мулоқот кард. Гутерреш қабри Нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримовро зиёрат карда, баъд бо вазъияти минтақаи соҳили Арал шинос шуд.

Ӯзбекистон дар як қатор муассисаҳои ихтисосии СММ, аз ҷумла бо Банки ҷаҳонӣ, Фонди байналмилалии валюта (ФБВ), Ташкилоти ҷаҳонии савдо (ТҶС), Комиссияи иқтисодии СММ оид ба Европа (КИЕ СММ), гурӯҳи конференсия оид ба савдо ва тараққиёти СММ



**Дар ёд доред!**

Маърӯзаи аввалини Ислом Каримов дар Сарассамблеяи СММ дар сентябри соли 1993, дар сессияи 48-ум рӯй дода бошад, Шавкат Мирзиёев маърӯзаи аввалинро дар сессияи 72-юм, дар сентябри соли 2017 баён кард.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

робитаҳои ҳамкории калонмиқёсро ба роҳ мондааст. Инчунин, Республикаи Ӯзбекистон дар доираи муассисаҳои ихтисосии СММ–аъзои Ташкилоти байналмилалии меҳнат, Хазинаи байналмилалии бачаҳо (ЮНИСЕФ), Кумитаи байналмилалии олимпӣ, Иттифоқи байналмилалии автомобилчиён ва дигар ташкилотҳо ба ҳисоб меравад.



Ш.Мирзиёев аз минбари СММ харитаи баҳри Аралро нишон медиҳад

Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 19 сентябри соли 2017 дар сессияи 72-юми Сарассамблеяи Созмони Милали Муттаҳид нутқ кард. Дар он оид ба чандин масъалаҳо, аз ҷумла, таҳияи Конвенсияи байналмилалии оид ба ҳуқуқҳои ҷавонон ва қабул кардан резолютсияи махсуси Сарассамблеяи зери унвони “Маърифат ва таҳаммул пазирии динӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои оби Осиёи Марказӣ, муаммои хушкшавии баҳри Арал, масъалаҳои мустаҳкам кардани муносибатҳои нек бо кишварҳои ҳамсоя, роҳҳои маърифатии ноил шудан ба сулҳ дар Афғонистон таваққуф кард.

**Ӯзбекистон ва ЮНЕСКО.** Алоқаҳои Ӯзбекистон бо Ташкилоти байналмилалии маориф, илм ва маданият – ЮНЕСКО, ки зери ҳимояти СММ аст, беш аз пеш мустаҳкам мешавад. 29 октябри соли 1993 дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар Париж маросими қабули Ӯзбекистон ба ЮНЕСКО баргузор шуд. Он рӯз 600-солагии таваллуди Мирзо Улуғбек қайд гардид, он ба барномаи ЮНЕСКО дохил шуд.



Байрақи ЮНЕСКО

**Дар ёд доред!**

Соли 2017дар доираи ҳамкории байналмилалӣ 21 то ташрифи олидараҷаи Шавкат Мирзиёев, мулоқот бо 60 то ташкилоти давлатӣ ва байналмилалӣ, беш аз 400 аҳднома ва ба миқдори 60 млрд. доллари ШМА созишнома муяссар гардид.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Октябри соли 1994 дар Париж ҳафтаи Мирзо Улуғбек ботантана шуда гузашт. Хива ва Бухоро ба рӯйихати арзишҳои фарҳангии ҷаҳони ЮНЕСКО дохил карда шуданд.

Дар ин рӯйихат аз Ӯзбекистон 411 то объект мавҷуд. Бино ба қарори ЮНЕСКО дар Самарқанд Институти байналмилалии тадқиқотҳои Осиёи Марказӣ ташкил шуд. Ҳангоми сафари расмии Сардиректори ЮНЕСКО Федерико Майор ба Ӯзбекистон моҳи июли соли 1995 ин институт кушода шуд. ЮНЕСКО оид ба дар сатҳи байналмилалӣ гузаронидани 600-солагии аҷдоди бузургамон Амир Темур қарор қабул намуд ва октябри соли 1996 дар Париж бахшида ба Амир Темур анҷумани байналмилалии якҳафтаина шуда гузашт. Шаҳри Шаҳрисабз, ки ин ҷо Амир Темур ба дунё омадааст, ба рӯйихати арзишҳои маданинии ЮНЕСКО дохил шуд. Соли 1997 2500-солагии шаҳрҳои Бухоро ва Хива – дурдонаҳои тамаддуни ҷаҳонӣ дар Париж васеъ ҷашн гирифта шуд, анҷуман ва намоишгоҳҳои байналмилалӣ гузаштанд. Дар солҳои минбаъда низ ин ҳамкориҳо вусъат гирифтанд. Аз ҷумла, ЮНЕСКО барои ҳифзу тарғиб кардани як қатор арзишҳои ҳазорсолаи халқамон Шашмақом, Катта Ашӯла, Наврӯз ва монанди инҳо корҳои бузург мебарад.

**Масъалаи таъмини сулҳу субот дар Афғонистон.** Соли 1997 Нахустпрезиденти мамлакатамон Ислом Каримов барои ҳалли муаммоҳои Афғонистон аз тариқи музокира зери ҳимояи СММ бо ташаббуси ташкил кардани гурӯҳи мулоқоти “6+2” бо иштироки

**Дар ёд доред!**

“Масъалаи Афғонистон дар маркази масъалаҳои миқёсашон глобалӣ, бояд қарор бигирад. Сайъю ҳаракати ҷамъияти байналмилалӣ пеш аз ҳама ба ҳаллу фасли муаммоҳои тезутунди иҷтимоию иқтисодии Афғонистон бояд сафарбар карда шавад. Амин ҳастем, ки роҳи ягонаи расидан ба сулҳ дар Афғонистон ба роҳ мондани мулоқоти ҳукумати марказӣ ва қувваҳои сиёсии дохили мамлакат бидуни пешакӣ ягон шарт нагузошта, бевосита ба мулоқот дохил шудан аст. Музокираҳо дар ҳоли барои худи афғонистониҳо нақши ҳалкунанда дошта, дар ҳудуди Афғонистон ва зери ҳимояти СММ бояд гузаранд. Мардуми донишманди афғон барои ҳал намудани сарнавишти худаш ҳақ дорад”.

*Аз нутқи Ш.Мирзиёев дар Сарассамблеяи СММ.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

шаш мамлакати ҳамсояи Афғонистон – Эрон, Хитой, Покистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, инчунин ШМА ва Россия баромад. Бо мақсади татбиқи амалии ин ташаббус чандин тадбирҳои сиёсию дипломатӣ дида шуд. Дар Ӯзбекистон, ШМА ва Афғонистон бо иштирокчиёни моҷароҳои мусаллаҳонаи дар ин кишвар идомаёфта музокираҳои махсус бурда шуданд ва соли 1999 дар Ӯзбекистон таҳти васояти СММ анҷумани байналмилалии гурӯҳи мулоқоти "6+2" бахшида ба ҳалли муаммои Афғонистон баргузор шуд. Дар тадбире, ки дар шаҳри Тошканд ба амал омад, бори нахуст ба ҷамъи намояндагони қувваҳои байни худ низоъдоштаи Афғонистон дар як давраи музокираҳо муваффақ шуданд. Ин яке аз муваффақиятҳои муҳими дипломатияи ӯзбек гардид.

Муҳимтар аз ҳама Ӯзбекистон пешниҳод ва ғояҳояшро бо корҳои амалӣ мустаҳкам кард. Чунончи, мамлакати мо дар сохтмони роҳҳои автомобил ва кӯпрукҳо дар Афғонистон фаъол иштирок менамояд. Дар таърихи Афғонистон аввалин роҳи замонавии оҳан айнан аз тарафи Ӯзбекистон дар самти "Тирмиз—Ҳайратон—Мазори Шариф" сохта, соли 2010 ба истифода супурда шуд. Яке аз кишварҳое, ки пойтахти мамлакати ҳамсоя—шаҳри Кобулро мунтазам бо энергияи электр ба таъмин кардан сар намуд, айнан Ӯзбекистон аст. Бино ба таклифи Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев Президенти Республикаи Исломии Афғонисттн Муҳаммад Ашраф Ғанӣ 4 декабри соли 2017 ба мамлакати мо ташрифи расмӣ намуд. 16 ҳуҷҷат ба имзо расид, ки онҳо ба боз ҳам мустаҳкам намудани ҳамкориҳои соҳаҳои гуногуни байни мамлакатҳо нигаронида шудаанд.

**Муаммоҳои экологӣ. Дарёҳои транссарҳадӣ.** Аз солҳои 1990 сар карда ҳамаи кишварҳои ҳалокати фоҷиаи Аралро аз сар гузаронда



Дар ёд доред!

Робитаҳои дипломатии байни Ӯзбекистон ва Афғонистон 13-уми октябри соли 1992 ба раҳ монда шуд. Ҳомкориҳои дуҷониба ба соли 2016 омада, мунтазам инкишоф мёбанд. Моҳи январи соли 2017 намояндаи махсуси Президенти Ӯзбекистон оид ба Афғонистон таъин шуд, яъне муносибатҳои тарафҳо аҳамияти алоҳида пайдо кард.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

аз минбари СММ, инчунин, дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ диққату эътибори аҳли ҷаҳонро ба ин муаммо, ба зич вобаста будани он бо амнияти минтақавӣ ва глобалӣ ҷалб карда меоянд. Фоҷиаи Арал ва чораҳои бартараф кардани он яке аз самтҳои устувори сиёсати хориҷии Ӯзбекистон аст. Нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов дар нутқҳои худ сентябри соли 1993 дар сессияи 48-уми Сарассамблеяи СММ ва октябри соли 1995 дар сессияи 50-ум ҷомеаи ҷаҳонро барои кӯмак расонидан баҳри наҷоти Арал ва атрофи Арал–ин ҳалокати экологии минтақаи Осиёи Марказӣ даъват намуд. Фақат зери ҳимояи СММ бо кӯмаки сохтори молиявии байналмилалӣ, давлатҳои мутараққӣ имконпазирии ҳал намудани ин муаммо глобалиро таъкид кард. Соли 1993 бо муассисии Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон Хазинаи байнамилалии наҷоти Арал (ХБНА) ташкил ёфт. Соли 2010 дар конференсияи байналмилалӣ оид ба мавзӯйи “Муаммоҳои экологии транссарҳадии Осиёи Миёна:истифодаи механизмҳои ҳуқуқи байналмилалӣ барои ҳалли онҳо” Ислом Каримов зарурати риоя кардани принсипи адолат зимни истифодаи дарёҳои транссарҳадӣ, вагарна сар задани фоҷиаи бузурги экоолами минтақаро бори дигар огоҳ намуд.

Соли 2013 барои ҳосил кардани ҳавзаҳои оби хурд дар делтаи Амударё баҳри соҳили Арал, сохтани иншоотҳои оббарори дорои ускунаи шӯршӯянда, ташкили ҷангали ҳимоякунанда лоиҳа ва нақшаи тадбирҳо, маблағҳои таъмини молиявии онҳо тасдиқ карда шуд. Соли 2013 бо ташаббуси Президенти онвақта И.А.Каримов ҳамчун ҳуҷҷати расмии сессияи 68-уми Сарассамблеяи СММ “Барномаи барҳам задани оқибатҳои хушкшавии Арал ва пешгирӣ намудани ҳалокати экотуризми соҳили Арал”-и Республикаи Ӯзбекистон ва ХБНА- ро тақдим кард.

Дар шароите, ки оби нӯшокӣ дар минтака ба таври глобал ва тезутундшавии вазъияти экологӣ намерасад, таъмини истифодаи оқилонаи захираҳои об дар Осиёи Марказӣ масъалаи ҷиддӣ гардидааст. Маълум аст, ки ду дарёи транссарҳадии Осиёи Марказӣ--Амударё ва Сирдарё таърихан сарвати умуии халқҳои минтақа ва сарчашмаи ҳаёти онҳо будааст. Айнан аз ҳисоби резиши ин дарёҳо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ба ҳавзаи баҳри Арал об таъмин мегашт. Бо назардошти ин ҳолат Республикаи Ӯзбекистон ба сохтмони иншоотҳои гидротехникии бо андозаи ҷаҳонӣ хеле азим, аз тарафи Тоҷикистон дар болооби Амударё ГЭС-и баландиаш 350 метр, аз тарафи Қирғизистон дар болооби Сирдарё бунёд кардани ГЭС-и Қамбарота бефарқ буда наметавонад. Ӯзбекистон бо мақсади аниқ кардани эҳтимоли таъсири ҳаргуна иншоот ба маҷрои Амударё ва Сирдарё, муҳити атроф, олами растанӣ ва ҳайвонот таҳти шафеъгии СММ гузаронидани озмоиши холисонаи байналмилалиро тақозо менамояд.

Ба туфайли набудани ҳамкорӣ дар муносбатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар соҳаи идоракунии дарёҳои транссарҳадӣ масъала ҳанӯз мураккаб монда буд. Ӯзбекистон дар замони Президент И.Каримов ба сохтмони ГЭС-и Роғун қатъиян зид баромада буд. Мамлакат бинобар сохта шудани ин ГЭС дар дарё кам шудани обро маълум намуд, инчунин, агар сарбанди ГЭС вайрон шавад, хатари бузурги фалокати экологӣ оварданашро огоҳ кардааст. Баъди ба мансаби Президентӣ омадани Шавкат Мирзиёев Ӯзбекистон позитсияашро нисбат ба Роғун тағйир дод. Тобистони соли 2017 Ӯзбекистон нисбати сохтмони ГЭС-и Роғун зид набуданашро, фақат дар ин ҷараён зарурати ба назар гирифтани манфиати миллии Ӯзбекистонро маълум кард.

***<u>Эзоҳи истилоҳҳо!</u>***

**Транссарҳадӣ** – байнисарҳадӣ, аз ҳудуди якчанд давлат гузаранда. Нисбат ба дарёҳо ва роҳҳо истифода мешавад.

**Шафеъ** – (тарафгир, ҳомӣ, воситагар) ҳомигӣ кардан, ҳомӣ.

**Савол ва супоришҳо:**

1. Барои бартараф намудани муаммои Арал чӣ гуна тадбирҳо амалӣ карда шуданд?
2. Дар бораи аҳамияти аъзои СММ шудани Ӯзбекистон нақл кунед.
3. Аз харитаи Осиёи Марказӣ дарёҳои транссарҳадиро ёбед ва шарҳ диҳед.
4. Ба донишҳое, ки аз дарсҳои гузашта аз бар намудаед, такя карда, шаҳрҳои диёрамонро, ки юбилейяшон зери ҳомигии ЮНЕСКО гузашт, номбар кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Мавзӯи 22. Ҳамкории бисёртарафаи Ӯзбекистон дар доираи ташкилотҳои минтақавӣ

**Иттиҳоди давлатҳои мустақил.** Дар маркази таваҷҷӯҳи сиёсати хориҷии Ӯзбекистон мустаҳкам намудани алоқаҳои манфиатбахши баробар бо кишварҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил қарор гирифт. Зеро, усули идоракунии маъмурию фармонравоии мутамаркази хоси даври шӯроҳо, сиёсати мустабид кишварҳои ба таркиби собиқ иттифоқ дохилшуда аз нигоҳи иқтисодӣ ба ҳам чунон вобаста карда шуданд, ки дар натиҷа ба доми мутеъгӣ афтоданд. Аз ин боис, давлатҳои ҷавони истиқлолият аз таркиби иттифоқ баромада ин ҳолатро хуб ҳис карданд ва роҳи ягонаи паси сар кардани душвориҳо, аз асорати сиёсати мустабид раҳоӣ ёфтанро дар муттаҳидӣ, аз як гиребон сар баровардан диданд. Аз ин нуқтаи назар Ӯзбекистон ғояи Иттиҳоди давлатҳои мустақилро пуштибонӣ кард.

8 декабри соли 1991 раҳбарони Белорус, Россия ва Украина дар Минск вохӯрда, ба Иттиҳоди давлатҳои мустақил асос гузоштанд. 21 декабри соли 1991 сарварони давлатҳои Озарбойҷон, Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Россия, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Украина дар Алмати вохӯрда, ба Иттиҳоди давлатҳои мустақил аъзо шуданд. Ҳамин тариқ, яке аз воқеаҳои муҳими асри XX содир шуд – ташкилоти ихтиёрии иқтисодӣ ИДМ ба вуҷуд омад.

Моҳи январи соли 1993 дар Шӯрои навбатии сарварони давлатҳои ИДМ дар Минск Низоми МДҲқабул шуд. Декабри соли 1993 дар шаҳри Ашхобод Шӯрои сарварони давлатҳои ИДМ баргузор шуд, дар он Грузия ба узвияти ИДМ қабул шуд. Ҳамин тариқ, таркиби ИДМ ба 12 давлат расид. Дар Шӯрои сарварони давлатҳои ИДМ дар моҳи октябри соли 1994 Кумитаи иқтисодии байнидавлатӣ (КИБ) ташкил шуд. Штаб-квартираи КИБ дар шаҳри Москва муқаррар гардид. Соли 1996 байрақи ИДМ қабул шуд. Лавозими раиси ИДМ бо навбат аз як раҳбари давлат ба раҳбари дигар давлат мегузарад. Барои татбиқи амалии мақсадҳои асосии ИДМ аъзоҳои он ӯҳдадории дар муносибатҳои байни якдигарии давлатҳои иттиҳод риояи кардани қоидаҳои зерин: эътироф ва ҳурмат кардани



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

соҳибихтиёрии давлат, баробарҳуқуқӣ ва ба кори дохилии якдигар дахолат накардан, даст кашидан аз истифодаи қувваи иқтисодӣ ва дигар услубҳои тазйиқро бар ӯҳда гирифтаанд. Дар саммити ИДМ, ки моҳи сентябри соли 2004 дар пойтахти Қазоқистон – шаҳри Остона баргузор шуд, оид ба ташкили "Шӯрои амният"-и ИДМ барои муборизаи зидди терроризм қарор қабул шуд. Августи соли 2005 Туркманистон аз узвияти расмии ИДМ баромада, мақоми мушоҳид-аъзои ташкилии иттиҳодро гирифт. Августи соли 2008 Грузия хоҳиши аз ИДМ баромаданро баён кард ва аз августи соли 2009 дар бораи қатъи узвияти Грузия ба ИДМ қарор қабул шуд. Ҳоло 10 то давлат аъзои ИДМ аст: Россия, Украина, Белорус, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Озарбойҷон, Арманистон, Молдова ва як давлати мушоҳид Туркманистон.

**Робитаҳо бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ.** Вусъат додани алоқаҳои ҳамкорӣ бо институтҳои молиявии байналмилалӣ асоси тараққиёти иқтисодии ҳар кадом давлат ба ҳисоб меравад. Дар шароите, ки Ӯзбекистон даври нави тараққиётро оғоз кардааст, барои боз ҳам амиқ намудани ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва ба сатҳи нав баровардани он раҳбарияти он бо ташаббуси нав баромада истодааст. Бо Ӯзбекистон барин кишваре, ки дар он сулҳу амонӣ кафолат дода шудааст, имконияти бузурги истеҳсолӣ, сарватҳои беназири зеризаминӣ ва рӯйизаминист, ҳамкорӣ намудани муассисаҳои молиявии ҷаҳонӣ ба ҳар ду тараф манфиат оварданаш ба ҳама аён аст. Ӯзбекистон базаи бойи ашёи хом ва захираҳои азими сарвати зеризаминӣ дорад. Муҳимтар аз ҳама, халқи ботаҳаммули дорои иқтидори баланди интеллектуалӣ, қудрати бунёдкорӣ ва офарандагӣ дошта, барои некиҳо, барпо кардани тарзи зисти ба манфиатҳои умумибашарӣ муносиб баҳри



**Дар ёд доред!**

Нахустпрезиденти Ӯзбекистон Ислом Каримов аз солҳои аввали истиқлол бо назардошти мустаҳкам намудани алоқаҳои қадимии халқҳои минтақа дар шароити нав дар байни мардумони ӯзбек, қазоқ, қирғиз, қароқалпоқ, тоҷик, туркман ва ҳамаи халқҳои минтақа ғояи "Туркистон – хонаи умумии мо"-ро пешниҳод карда буд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

истиқболи саодатманди ҳаёти инсоният қодир аст. Аз ин боис раҳбари Ӯзбекистон барои ба роҳ мондани мулоқоти бевосита ва ҳамкориҳои манфиатбахши байниҳамдигарӣ бо Банки ҷаҳонӣ, Фонди байналмилалии валюта ва дигар муассисаҳои бонуфузи молявӣ чораву тадбирҳо меандешад.



Герби ТҲШ

**Робитаҳои Ӯзбекистон бо Ташкилоти Ҳамкории Шанхай.** Ташкилоти Ҳамкории Шанхай (ТҲШ) ташкилоти субминтақавӣ буда, 61 фоизи ҳудуди Евроосиёро фаро мегирад. Забони расмии ШҲТ русӣ ва хитоӣ, рамзаш байрақ буда, дар маркази он герби ташкилот ҷой гир аст. Штаб-квартираи ташкилот дар Пекин ҷой гирифтааст. Соли 1996 дар Шанхай дар саммити раҳбарони давлатҳои Хитой, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон оид ба ҳудудҳои сарҳадӣ шартномаи вобаста ба мустаҳкам кардани боварии байниҳамдигарӣ дар соҳаи ҳарбӣ шартнома имзо шуд (26 апрели соли 1996). Дар натиҷаи он “Панҷгонаи Шанхай” ба вуҷуд омад. Дар саммитҳое, ки солҳои 1997—1999 дар Москва, Алмаато, Бишкек шуда гузаштанд, ҳолати “Панҷгонаи Шанхай” боз ҳам мустаҳкам шуда, муносибатҳои боварӣ ва ҳамкорӣ ба зинаи нав баромаданд. Соли 2000 дар саммити Душанбе Республикаи Ӯзбекистон бори аввал ҳамчун мушоҳид иштирок кард. Соли 2001 саммити навбатӣ дар Хитой, дар Шанхай баргузор шуд. Дар он Нахустпрезиденти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов иштирок кард, Баёнот дар бораи аъзои “Форуми Шанхай” шудани Ӯзбекистон имзо гардид. Ба муносибати ба “Форуми Шанхай” аъзо шудани Ӯзбекистон номи вай ба “Ташкилоти Ҳамкории Шанхай – ТҲШ” тағйир дода шуд. Дар хотимаи саммит Баёния “Оид ба ташкил шудани ТҲШ” ва “Конвенсияи Шанхай доир ба мубориза зидди терроризм, ҷудоихоҳӣ ва экстремизм” имзо гардид.

Дар саммити навбатии ТҲШ дар соли 2002 дар Санкт-Петербург сето ҳуҷҷат: баёнияи раҳбарони давлатҳои аъзои ТҲШ, Хартияи ТҲШ, Созишнома оид ба Сохтори минтақавии аксултеррор (СМА)



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Органҳои олии ТҲШ:**

- «Шӯрои сарварони давлат»;
- «Шӯрои сарварони ҳукумат» (Сарвазирон);
- «Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ» (соли 2002 ҷамъомади аввалин шуда буд);
- «Шӯрои мувофиқгардони миллӣ»;
- «Ҷамъомади вазирон ва (ёки) роҳбарони идораҳо» (соли 2000 вохӯрии нахустин амалӣ шуд);
- «Созмони Антитеррори минтақавӣ (САТИ)»-и соли 2002 бунёдёфта;
- Котибияти моҳи январи соли 2004 ба кор шурӯъкарда ва дигарон.



Харитаи ТҲШ



**Дар ёд доред!**

1 январи соли 2007 лавозими саркотиби ТҲШ ҷорӣ шуд ва ин лавозимро намояндаи Республикаи Қазоқистон Булат Нургалиев ишғол кард. Дар ин лавозим аз соли 2016 вакили Тоҷикистон Рашид Алимов фаъолият нишон дода истодааст.




Роҳбарони давлатҳои аъзои ТҲШ. Соли 2018.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дар байни давлатҳои аъзои ТҲШ имзо шуд. Дар саммити ТҲШ дар Москва дар соли 2003 Низомҳо оид ба органҳои олии ТҲШ тасдиқ шуд ва герб, байрақи ташкилот қабул шуд. Соли 2003 дар саммити Пекин “Барномаи ҳамкории савдоию иқтисодии давлатҳои аъзои ТҲШ барои 20 сол” қабул шуд. Соли 2004 дар саммити Тошканд ба масъалаи ривоҷ додани ҳамкориҳои савдою иқтисодӣ эътибори алоҳида дода шуд. Соли 2005 раҳбарони кишварҳо машварат карда, дар бораи ба се мамлакати Осиё – Ҳиндустон, Эрон ва Покистон додани мақоми мушоҳид қарор қабул карданд. Ташкилот аз ҷиҳати географӣ васеъ шуд ва мавқеи ТҲШ боз ҳам боло гардид. Ғайр аз ин, ба кишварҳои Афғонистон ва Муғулистон мақоми мушоҳид дода шуд. Туркия ба шарики мулоқот табдил ёфт.

Дар саммити Тошкандии ташкилот дар соли 2016 меморандумҳо оид ба ӯҳдадориҳои гирифтани мақоми давлати аъзо ба ТҲШ имзо шуд ва соли 2017 дар саммити Остона Ҳиндустон ва Покистон ба ташкилот аъзо гардиданд.

Моҳи июни соли 2017 дар саммити раҳбарони давлатҳои аъзои ташкилот дар Остона Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев нутқ карда, дар он эътибори иштирокдорони саммитро ба беҳтар кардани авзои Афғонистон, ҳимояи ҷавонон аз ғояҳои бегона, ҳамкории байнидавлатӣ барои таълиму тарбия, чун инсони комил ба воя расонидани насли наврас ҷалб кард. Мувофиқи таомул, раисии Ташкилоти Ҳамкории Шанхай ба Республикаи Халқии Хитой гузашт.

?

**Савол ва супоришҳо:**

1. Дар бораи мақсадҳои ИДМ ва ҷиҳатҳои аҳамиятноки он барои Ӯзбекистон нақл кунед.
2. Дар асоси адабиёти иловагӣ рамзи байрақи ИДМ-ро шарҳ диҳед.
3. Мақсад ва вазифаҳои Ташкилоти Ҳамкории Шанхайро номбар кунед.
4. Ба расми “Харитаи ТҲШ” нигоҳ карда, номи давлатҳои бо ранги сабз, пуштӣ ва сиёҳ ишорашударо гӯед. Мазмуни рангҳоро эзоҳ диҳед.
5. Иштироки Ӯзбекистонро дар ТҲШ мувофиқи тартиби хронологӣ эзоҳ диҳед.
6. Мақомот (органҳо) ва сохтори ТҲШ-ро номбар кунед. Функсия ва вазифаҳои онҳо аз чӣ иборат аст?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МУНДАРИЧА

**Сарсухан** ........................................................................................ 3

**БОБИ 1. ЭЪЛОН ШУДАНИ МУСТАҚИЛӢ ВА ДАР ӮЗБЕКИСТОН ОҒОЗ ЁФТАНИ ИСЛОҲОТИ ИҶТИМОИЮ СИЁСӢ**

Мавзӯи 1. Ба истиқлол ноил шудани Республикаи Ӯзбекистон ..................... 5
Мавзӯи 2. Ташаккул ва инкишофи давлатдории миллии Республикаи Ӯзбекистон ........................................................................................ 11

**БОБИ II. ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ҶАМЪИЯТИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ӮЗБЕКИСТОН**

Мавзӯи 3. Таърихи инкишофи ғояи ҷамъияти шаҳрвандӣ ............................ 22
Мавзӯи 4. Марҳилаҳо ва истиқболи инкишофи ҷамъияти шаҳрвандӣ дар Ӯзбекистон ........................................................................................ 30

**БОБИ Ш. ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДӢ ВА СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ ДАР ӮЗБЕКИСТОН**

Мавзӯи 5. Таҳияи модели ӯзбекӣ. Оғози ислоҳоти иқтисодӣ ..................... 35
Мавзӯи 6. Боло бурдани имконияти истеҳсолотии мамлакат ва интегратсия ба низоми иқтисодии ҷаҳон ........................................................................ 46
Мавзӯи 7. Сиёсати иҷтимоӣ ва марҳилаҳои татбиқи амалии он .................... 52

**БОБИ IV. МУНОСИБАТҲОИ ЭТНИКӢ ВА БАЙНИ КОНФЕССИЯВӢ**

Мавзӯи 8. Муносибатҳои байни миллатҳо ва таҳаммулпазирӣ дар Ӯзбекистон ........................................................................................ 61
Мавзӯи 9. Муносибатҳои байниконфессиявӣ дар Ӯзбекистон ....................... 65

**БОБИ V. ИСЛОҲОТИ СОҲАИ ТАЪЛИМ ВА ТАЙЁР КАРДАНИ КАДРҲО**

Мавзӯи 10. Низоми таълими умумӣ ва миёнаи махсус .................................. 71
Мавзӯи 11. Такмил ёфтани т аълими олӣ ва таълими баъди он .................... 75



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## БОБИ VI. ИНКИШОФИ ИЛМУ ТЕХНИКА ВА ВАРЗИШ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛ

Мавзӯи 12. Илму техника дар Ӯзбекистон ........................................ 81
Мавзӯи 13. Инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Республикаи Ӯзбекистон ........................................ 85
Мавзӯи 14. Сиёсати оид ба ҷавонон дар Ӯзбекистон........................................ 90

## БОБИ VII. ИНКИШОФИ МАЪНАВИЮ МАДАНИИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛ

Мавзӯи 15. Эҳёи мероси маънавию таърихӣ дар Ӯзбекистон........................ 95
Мавзӯи 16. Маданият ва санъат дар Ӯзбекистон ........................................ 101

## БОБИ VIII. СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ ДУТАРАФАИ РЕСПУБЛИКАИ ӮЗБЕКИСТОН

Мавзӯи 17. Ташаккули фаъолияти сиёсии хориҷии Республикаи Ӯзбекистон ва самтҳои устувори он ........................................ 109
Мавзӯи 18. Ҳамкории Ӯзбекистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ............ 113
Мавзӯи 19. Муносибатҳои байни Республикаи Ӯзбекистон бо Россия, Хитой ва ШМА........................................ 120
Мавзӯи 20. Инкишофи алоқаҳои дуҷонибаи Ӯзбекистон бо Япония, Ҳиндустон ва Республикаи Корея ........................................ 124

## БОБИ IX. ИНКИШОФИ РОБИТАҲОИ ҲАМКОРИИ БИСЁРҶОНИБАИ РЕСПУБЛИКАИ ӮЗБЕКИСТОН

Мавзӯи 21. Фаъолияти Ӯзбекистон дар доираи Созмони Милали Муттаҳид ва сиёсати сулҳхоҳонаи хориҷӣ ........................................ 129
Мавзӯи 22. Ҳамкории бисёртарафаи Ӯзбекистон дар доираи ташкилотҳои минтақавӣ ........................................ 136



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Narzulla Jo'rayev, Akbar Zamonov**

# O'ZBEKISTON TARIXI

## (Mustaqillik davri)

*O'rta ta'lim maktablarining 11-sinf o'quvchilari va o'rta maxsus, kasb-hunar ta'limi muassasalari uchun darslik*

*(Tojik tilida)*

*1-nashri*

*G'afur G'ulom nomidagi nashriyot-matbaa ijodiy uyi*
*Toshkent – 2018*

Тарҷумон Ш.Салимов
Муҳаррир А.Шукуров
Муҳаррири бадеӣ Ш.Мирфаёзов
Муҳаррири техникӣ Х.Хасанова
Саҳифабанди компутерӣ Ҳ. Шарипова

Литсензияи нашриёт AI № 290. 04.11.2016
Ба чопаш 07.08.2018 рухсат дода шуд. Андозаи 70х90 $^{1}/_{16}$.
Гарнитураи «Times New Roman Tj». Бо усули офсет дар коғази офсет чоп шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 10,53. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 9,7.
Адади нашр 7797 нусха. Шартномаи рақами 18-287.

Дар Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи
Ғафур Ғуломи Оҷонсии матбуот ва ахбори Ӯзбекистон,
100128, Тошканд кӯчаи Лабзак, 86 тайёр шудааст.
Телефонҳо: (371) 241-25-24, 241-48-62, 241-83-29
Faks: (371) 241-82-69
www.gglit.uz info@gglit.uz

Дар ХЭТН «Ӯзбекистон»-и Оҷонсии матбуот ва ахбори Ӯзбекистон,
Тошканд 100129, кӯчаи Навоӣ 30 чоп шудааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда**

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

**Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора додан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| Хуб | Муқоваааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо гаштааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Китобро барқарор кардан аз имкон берун аст. |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE